**АМИНҶОН ШУКӮҲӢ**

# БАРГҲОИ ТИЛЛОӢ

**ДУШАНБЕ**
**«АДИБ»**
**2014**

ББК 84 Тоҷик 7-5
Ш-64

Мураттиб ва муҳаррир *Сайидалӣ Маъмур*

Ш-64 **Аминҷон Шукӯҳӣ. Баргҳои тиллоӣ** *(маҷмӯаи ашъор)*. – Душанбе, «Адиб», 2014, 216 саҳ.

«Баргҳои тиллоӣ» гулчине аз ашъори Шоири халқии Тоҷикистон Аминҷон Шукӯҳӣ буда, ба ифтихори 90-умин солгарди мавлудаш нашр мешавад.

Ҳар шеър барге аз дарахти шеъри шоиранд, ки сабзу устувор мондаанд. Умедворем, ки ин дарахт боз солҳои зиёд барҷо мемонад ва мевааш коми шуморо ширин мекунад.

ISBN 978-99947-2-305-8

© Нашриёти «Адиб», 2014

## «ОВАРАМ ШЕЪРИ ШУКӮҲИРО ГУВОҲ»

Ҳангоми шогирди синфи ҳаштум буданам дар мактаби мо, ки аз муассисаҳои таълимии машҳури ноҳияи Айнӣ ба шумор мерафт, маҳфили ҳаваскорон ташкил доданд. Яке рубоб менавохт, дигаре дойра мезад, саввумӣ тарона мехонд. Овозаи дастаи ҳунарии мактаби мо ба дуру наздик рафт ва ҳар гоҳе ки дар ин ё он деҳа маъракае баргузор мегардид, ҳаваскорони моро ба он ҷо даъват мекарданд. Ман дар ин гурӯҳ ровӣ будам, яъне, барои ҳозирин аз ин ё он шоир намунаҳо қироат мекардам. Ба шунавандагон, махсусан, шеърҳои силсилаи машҳури устод Аминҷон Шукӯҳӣ «Муҳаббат ва оила» хушоянд буд. Ҳамин ки дар саҳна пайдо мешудам, ҳатман садоҳо баланд мегардиданд: «Чӣ ҷойи шубҳа кардан»-ро хон!

Ва ман сар мекардам:

*Чӣ ҷойи шубҳа кардан, дар ҳақиқат ҳам ту зебоӣ,*
*Миёни хубрӯёни замона дурри яктоӣ,*
*Ту маҳбубӣ, ту дилбандӣ, ту ширинӣ, ту барноӣ,*
*Ту нури чашми биноӣ, чароғи маҷлисороӣ.*

Марду зан, пиру ҷавон бо тамоми ҳастӣ ин мисраъҳоро гӯш мекарданд ва интизор буданд, ки баъди ин қадар тавсиф шоир ахиран ба маҳбубааш чӣ ваъда хоҳад дод.

Ва ин байт садо медиҳад, байте, ки хонанда ва ё шунаванда интизораш нест:

*Ба ту ман лек асло дил намебандам, намебандам,*
*Агар бандам, диламро аз даруни сина мекандам.*

Зеҳни шеърпарасту шеърдӯсти мо, ки ба тараннуми зебоии маҳбуба ва орзуи васлу вафо одат кардааст, аз чунин сурат гирифтани саҳнаи розу ниёз шигифтзада мешавад.

Солҳое, ки устод Шукӯҳӣ нафақахӯр шуд ва аз корҳои давлатӣ фориғ гардиду вақти озодтаре насибаш гашт, зуд-зуд ба Иттиҳодияи нависандагон меомад. Дар як сӯҳбат давраи мактабхонӣ ва ровӣ буданамро ба ёд овардам ва пурсидам:

– Дар шеърҳои шумо гаштҳои фавқуллодае ҳаст, ки барои назми мо ғайричашмдошт менамояд. Шумо чунин амалро дидаву дониста мекунед?

Устод табассум карду гуфт:

– Вақте ки силсилаи «Муҳаббат ва оила» -ро навиштам, бисёр ҷавон будам ва дар Маскав таҳсил мекардам. Шеърҳоро ба Душанбе фиристодам. Чоп накарданд.

Бо ҳайрат пурсидам:

– Наход? Бо кадом сабаб?

– Аниқ намедонам. Шояд сабаб он аст, ки ту мушоҳида кардаӣ.

Гуфтам:

– Шеъри машҳури «Ту гул не, ҷони ман, ҳаргиз ту гул не» ҳам аз ҳамин қабил аст. Дар адабиёти куҳансоли мо ҳамаи шоирон ёрро ба гул ташбеҳ додаанд. Шумо, баръакс, мегӯед: «Ту гул не, ҷони ман, ҳаргиз ту гул не!»

Шукӯҳӣ каме ба андеша рафту баъд гуфт:

– Агар шеърро нав карданӣ бошем, бояд бештар ба чунин гаштҳо рӯ оварем. Вақте ки ҳазрати Бедил мегӯяд: «Тарабро мотами ғам офариданд», оё аз ибораи «тараб мотами ғам аст» шигифтзада намешавед? Мешавед, аммо аз ин мисраъ чӣ қадар таровату тозагӣ эҳсос мешавад!

Чанд сол пеш як шеъри Шукӯҳӣ ба табъ расида буд, ки «Ҳаммоми дарахтон» ном дошт. Шоир тирамоҳон урён гардидани ниҳолонро ба тасвир гирифта, барфро ба кафки собун монанд мекунад ва манзараи ҳамммомкунии инсонро пеши назар меорад. Дӯсти ман шодравон Ҳабибулло Файзулло ба ин шеър нақизаи аҷибе низ навишта буд.

Ман ба Шукӯҳӣ аз ин шеър ёдовар нашудам, ба худ гуфтам, ки «ранҷидани устод мумкин аст».

Гуфтам:

– Як мисраи шуморо ба хотир меоварам, ки барои шеъри имрӯзи мо аҷиб менамояд.

– Ку, бубинем.

Хондам: «Ҳамдигарро бӯса карданд абрҳои сап-сафед.»

Шукӯҳӣ табассум кард.

Давом додам: «Насим имшаб кунад дар кӯчабоғи ишқ фаррошӣ!»

Шукӯҳӣ бо ханда гуфт:

– Ту шеъри маро ревизия мекунӣ?

Гуфтам:

– Ҳаргиз не. Аммо мисраъҳое, ки ёдовар шудам, бисёр аҷибанд. Ба ин мисолҳо чӣ мегӯед?

*Печ занад ошиқи печон барин,*
*Кош, ба ҳам номи туву номи ман.*

Ва ё:

*Азизам, номаатро мисли гул бигрифта бӯ кардам.*

Ва ё:

*Зи рӯйи барги гулҳо қатра-қатра ғун кунам шабнам,*
*Агар меҳмони ман гардӣ, ба он то дасту рӯ шӯйӣ.*

«Телефони хаёл»-ро чӣ мегӯед? Оё хаёл телефон дорад?

Хомӯшӣ ба миён омад.

Ман бисёр мехостам, ки сӯҳбатро давом диҳам. Боз ба ёд овардам:

*Ту азбаски зи себу себзорон мешавӣ хурсанд,*
*Ба ин шохи ниҳоли шеър кардам себро пайванд.*

Ваҷоҳати Шукӯҳӣ ҷиддӣ шуд.

Гуфт:

– Ту ҳам нақиза навиштанӣ ҳастӣ?

Аз чунин ранг гирифтани сӯҳбат хиҷлатзада шудам. Аз афташ, устод ҳолати ногувори маро пай бурд, ки барои наҷоти ман ба гап даромад:

– Ман ҳамин хел мебинам, ҳамин хел эҳсос мекунам, ҳамин хел менависам. Агар ба касе хуш нест, айби ман нест.

Ба дасту пойи ман ҷон даромад. Гуфтам: «Ин мисраъҳо аз ҳазорон мисраъҳое, чун «Каландаш дар сари китфи баландаш мекунад бозӣ» болотару марғубтаранд.

Шукӯҳӣ бо табассуми малеҳи одатиаш гуфт:

– Имрӯз аз шоир тасвири бевоситаи воқеиятро талаб меку-

нанд. Мисраъҳое, ки мисол овардӣ, ба ягон мунаққид хушоянд нест. Мунаққидон сухани рӯзро ба инобат мегиранд.

Гуфтам:

– Ростӣ, аз шеърҳои шумо мисраъҳоеро дар ёд дорам, ки тасвири бевоситаи воқеиятанд.

Шукӯҳӣ замзама кард:

– Дил ба колхози шумо ошиқ шудаст!

Дарҳол гуфтам:

– Не, ин гуна мисраъҳо не. Мисраъҳои дигар.

Хондам:

*Аз куҷо ҳаст ба ёди ту, ки дар оби ҷӯ,*
*Когази қанд, ки партофт касе, заврақ шуд.*

Шукӯҳӣ хандид. Давом додам:

– Дар ин байт ҳолате тасвир ёфтааст, ки на ба чашми ҳар кас мерасад. Бисёр оличаноб аст.

Аз хомӯш мондани Шукӯҳӣ истифода бурда, боз хондам:

*Ту як каф обро бо ханда ногоҳ*
*Гирифтиву ба рӯям пош додӣ.*

Шукӯҳӣ оҳе кашиду гуфт:

– Инро натурализм мегӯянд.

Розӣ нашудам.

– Натурализм не. Ҳолати бисёр зебо ва хотирмони ошиқист.

Ин байтро бинед: «Ба рӯям мезадӣ ҳар гоҳ, ҷоно, ба шӯхӣ шохи райҳонро шикаста.»

Шукӯҳӣ ба рӯям зеҳн монду гуфт:

– Медонӣ, худи вақту замон дуруст ё нодуруст будани навиштаҳои моро муайян мекунад…

Ҳоло ки ин сатрҳоро менависам, аз баландии имрӯз, аз дидгоҳи бисёр навшудаи шеъри имрӯз ба ашъори устод Аминҷон Шукӯҳӣ менигарам ва як байти ин шоири ҳунарманду рангинхаёлро бо каме тағйир зери лаб такрор мекунам:

*Дил ба исботи талоши хеш гуфт:*
*«Оварам шеъри Шукӯҳиро гувоҳ».*

***ГУЛНАЗАР***
***Шоири халқии Тоҷикистон***

# ШЕЪРҲО

## ЗАМИНИ БОРИ АВВАЛ КИШТ ГАРДИДА

Замини бори аввал кишт гардида,
Ба дунё чашм медӯзад ба мисли кӯдаки навзод.
Туро, эй марди деҳқон, бар сари гаҳворааш дида,
Гаҳе механдаду гаҳ менамояд гиряву фарёд.

Ба чашмони ту аз ин ханда ҳам шодист,
Аз ин гиря ҳам шодист,
Ки аз онҳо нидои зиндагӣ бар гӯш меояд.
Дар онҳо инъикоси рӯи ободист,
Замини як замон хомӯш чун бар ҷӯш меояд.

Замини асрҳо бекорхобида
Кашад чун шарбати ҷонбахш оби ҷӯйборонро,
Ба оғӯши фарох аз бахт болида,
Кунад таклиф бар ин сӯ шукӯҳи навбаҳоронро.

Нарезад то ки бефарқ аз рухи хуршед,
Дигар бар хоку гил он зарраҳои гарми тиллоӣ,
Кушояд сабз дастурхон ба сад уммед,
Ки зебоӣ бирезад боз аз нав рӯи зебоӣ.

Замини ҷомаҳои зарҳалинпӯшам,
Ба фасли тирамаҳ овард хирман-хирмани эҳсон.
Қадаҳ пур карда бар бахти шумо нӯшам,
Заминҳои навободам, набуд фатҳи шумо осон!

## БА РУХИ ПОКИ ВАТАН ДИЛБАНДАМ

Ман ба ин хоки Ватан дилбандам,
Ба рухи поки Ватан дилбандам,
Ба ҳамин рӯз, ки ин дам дорам,
Сари таъзим фурӯ меорам.

Дар замири дили пуранворам,
Донаи меҳру вафо мекорам.
Назар афканда ба ҳар фарзандам,
Ба рухи поки Ватан дилбандам.
Ҳар ниҳол арчи замин бошад сахт,
Баъди даҳ сол шавад нағз дарахт.
То дамад шаъшааи субҳи бахт,
Хоҳу нохоҳ ба вай лозим вақт.
Дида гулзори шакарпайвандам,
Ман ба ин хоки Ватан дилбандам.
Дар баҳорон, ки аҷаб гулбезанд,
Абрҳо донаи гавҳар резанд,
Сабзаҳо мавҷзанон бархезанд,
Токҳо ҳалқа ба гӯш овезанд,
Ман аз ин ҳусни расо хурсандам.
Ба рухи поки Ватан дилбандам.
Аввалин дафъа дилам чун битапид,
Хуни нофам ба ҳамин хок чакид,
Чашмаи ишқам аз ин хок дамид,
Сарам аз фахр ба хуршед расид.
Хоҳ ман гиряму хоҳе хандам,
Ба ҳамин хоки Ватан дилбандам.

## КӮЛИ КӮҲӢ

Дода ҳарорат ба замин офтоб,
Мекунад азбаски ҳамеша шитоб,
Ташна зи ҳад монда гаҳе нисфи рӯз,
Чашм кунад чор ба як коса об.

Кӯҳи сарафрохтаи бениёз,
Кӯли мусаффо ба кафи дасти боз
Дошта, чун косаи оби зулол,
Гӯӣ ба хуршед намояд дароз.

Кӯл сарояд: ба дилам гӯш кун,
Оби мусаффо зи кафам нӯш кун.
Нур бияфшон ба сари ҳар қадам,
Дашту биёбон ҳама гулпӯш кун!

Бӯса занад то зи лаби офтоб,
Абри гуҳарбор шавад мавҷи об.
Чун нигарад ташназаминро зи нав
Гашта ба манзил бинамояд шитоб.

Дар раҳи хуршед, ки шамшервор
Пора кунад пардаи шабҳои тор,
Ҳар чӣ, ки дорад, ба ду дасти сахӣ,
Кишвари тоҷик намояд нисор.

## РОҲИ АҒБАҲО

Раҳи ин ағбаҳои осмонбӯс
Чу роҳи ошиқон пурпечу тобанд,
Гаҳе гулпӯшу зебо, гоҳ, афсӯс,
Чу кӯи номуродиҳо харобанд.

Дар ин ҷо қатраҳои обшорон
Сари худро зада аз санг бар санг,
Ҳамехонанд рози кӯҳсорон
Шуда гӯё ба қалби ман ҳамоҳанг:

«Аз ин ҷо то ба водӣ роҳ дур аст,
Ба пеш, эй мавҷҳо, дар тоз бошед,
Ба боғистон, ки гулҳоро суруд аст,
Тароват бурда пояндоз бошед».

Ман аз рӯи шумо, эй обшорон,
Каме истода гирам бӯсаи гарм,
Ба уммеде, ки як каф аз шумоён
Нигорам нӯшаду қалбаш шавад нарм.

Раҳи ин аѓбаҳои сар ба афлок,
Бувад чун риштаи печони борик,
Ки гӯё рӯй-рӯи навдаи ток
Яке нуре давад дар шоми торик.

Дар он ҷое, ки бе обу гиёҳ аст,
Кашад дил риштаи уммед маҳкам.
Агарчӣ сахт бошад, роҳ-роҳ аст,
Расонад оқибат одам ба одам.

Агар аз дил ба дил ту роҳ ҷӯӣ,
Гузар аз аѓбаҳои роҳи инсон,
Ба раҳсозон ҳазор аҳсан бигӯӣ,
Ки раҳсозӣ набошад кори осон.

## ЁДИ ВАТАН

Ба сар орам агар ёди ватанро,
Ҷилои нав диҳам ҳарфу суханро.
Агар дар сӯхтан бошад муҳаббат,
Зи ман омӯз доим сӯхтанро.
Агарчи моҳ ояд бар нигинам,
Агарчи Зӯҳра гардад ҳамнишинам,
Нахезам ман ба истиқболи бахте,
Наорад бахт агар бар сарзаминам.
Ватан на деҳаю на хонаи ман,
Сухан на шеъру на афсонаи ман.
Ватан бошад дили халқи азизам,
Сухан– ҳарфи лаби ҷононаи ман.

Ватанро беҳтар аз ҷон ёд кардам,
Ба мисли ҷону ҷонон ёд кардам.
Агар борон биёяд дон, ки ман ҳам
Варо бо чашми гирён ёд кардам.
Сафар кардам агар ман гоҳу бегоҳ,
Бидидам неку бадро хоҳу нохоҳ,
На тарсидам, на дилро бой додам
Чу буд меҳри ватан ҳамроҳи дилхоҳ.
Ватан ҳаргиз зи ёди ман нарафтаст,
Шукӯҳи шӯъла аз гулхан нарафтаст,
Агар шоир бувад мурғи сухангӯ,
Зи ман завқи сухангуфтан нарафтаст.

## ЧАШМ БАР РАҲИ ОФТОБ

Бо суръати тез киштии нур
Ҳар субҳ биёяд аз раҳи дур,
Чун шом шавад, равад вай аз нав,
Бо мо бинамуда хайру маъзур.
Баҳри чӣ ба шаҳри мо чу меҳмон
Меояду меравад шитобон.
Мемонд ҳамеша гар ба инҷо,
Мегашт ҳазор мушкил осон:
На фикри чароғ менамудем,
На гармӣ суроғ менамудем,
Ҳатто ки ба моҳи январ он гоҳ
Сайри гулу боғ менамудем,
З-ин рӯй ҳамеша киштии нур
Гарчанд ки ояд аз раҳи дур,
Бо шаҳри азизи мо ба вақташ,
Созад, бигузор, хайру маъзур.
Ҳар он чӣ диҳад сафою илҳом,
Хуб аст, агар нагирад ором.

То ин ки зи равшанӣ ба ҳар ҷо,
Ҳар субҳ барад салому пайғом,
Ҳар он чӣ, ки дилсиёҳӣ орад,
Бигзор, ба ҷош ях намояд.
Даллолаи ҷанг чашм пӯшад,
Маҳбубаи сулҳ рӯ кушояд.

## РӮЗҲОИ ХУБ

Саҳифа бар саҳифа дафтари дил
Кушояд бар қалам оғӯши худро.
Биё илҳом, охир бар дари дил
Бидеҳ як дам ба шодӣ гӯши худро.
Агар таърих бошад як китобе,
Дар он ҳар сол як боби муфассал,
В-агар дар ишқ ҳам бошад ҳисобе,
Фақат ишқи Ватан-модар мукаммал,
Ба мисли чашмаҳои кӯҳсорӣ,
Ки дар ҳар фасл шаффофу зулоланд,
Шаванд ин рӯзҳои хуб ҷорӣ,
Ки дар таърихи инсон бемисоланд.
Ҳам аз ин пур зи ҳосил мевазорон,
Ҳам аз ин кӯҳҳои сар бар афлок,
Ҳам аз ин рангу рухсори баҳорон,
Ҳам аз дарё, ҳам аз сабза, ҳам аз хок,
Бубинам шӯълаи иқболи одам,
Бубинам чеҳраи бахти баланде,
Бубинам рӯи гулпӯши диёрам,
Бубинам мавҷи баҳри дилписанде.
Зи домони вафо дорам дудаста,
Дили ман то насозад бас заданро.
Ба шавқе то саҳар шабҳо нишаста,
Сароям ишқи пурҷӯши Ватанро.

## АБРҲОИ САФЕД

Ҳамдигарро бӯса карданд абрҳои сап-сафед,
Барқ нур афшонду раъд аз нав бизад бонги сафар.
Завраќи фикрам аз ин рӯ сӯи дарёи умед
Рафт аз лангаргаҳи ороми худ боз аз дигар.

Боз тӯфони азоби раҳ ба сӯи матлабе,
Боз ҳамчун ҳезуми тар дуд кардан, сӯхтан.
Боз бар роҳи вафои дилбари ширинлабе
Лаб газида, чашми ҳайратро ба ҳасрат дӯхтан.

Гап-гапе ҳаст, ин, ки гӯё ошиқӣ дар асри бист,
Мисли ҳар кори дигар, садбор осонтар шудаст.
Не, ба ин розӣ наям, ин фикрҳои сарсарист,
Давр дилкаш, ёр зебо, ишқ сӯзонтар шудаст.

Рост гуфтӣ, ман ба чашмонат агар созам нигоҳ,
Мекунам шарм аз сафедиҳои ҳар мӯи сарам,
Лекин аз сарпанҷаи ишқат куҷо ёбам паноҳ
Дар дилам пинҳон ниҳоли орзу мепарварам.

Рафт агар аз дидагонат хоб то вақти саҳар,
Буд, шояд, ёр бо ёди мани шабзиндадор.
Ишқ, оре, менамояд хобҳоро дар ба дар,
Мебарад аз ҷони одам сабру орому қарор.

## ҲЕҶ МОҲЕ МИСЛИ МОҲИ МАРТ НЕСТ

Ҳафтае як шеър гуфтан шарт нест,
Мерасад ҳар мева дар айёми худ.
Солро аммо ду моҳи март нест,
Моҳҳо доранд ҳар як номи худ.

Март – моҳи интизорӣ. Интизор
Боғбону боғу деҳқону замин.
Март– моҳи беқарорӣ. Беқарор
Қалби ошиқ, зулфи ёри нозанин.

Март ҳамчун навварӯси навбаҳор
Мекунад аз кори худ гӯё ки шарм,
Лек охир мекашад беихтиёр
Боғҳоро сахт дар оғӯши гарм.

Карда пур кафро зи борони саҳар
Дасту рӯ шӯянд гулҳои чаман.
Булбулон баргашта оянд аз сафар,
То зи нав хонанд дар боғи Ватан.

Ҳафтае як шеър гуфтан шарт нест,
Ин дуруст, аммо ба ҷуз фасли баҳор.
Ҳеҷ моҳе мисли моҳи март нест,
Мекунад вай шоиронро беқарор.

## РӮЗИ БОРОН

Баҳорон буд, фасли гулшукуфту рӯзи борон буд,
Ба ҳар мижгони сабзи арчаҳо марворид овезон.
Ба дарё мавҷҳо, дар қалби софат лутф меҳмон буд,
Ҷаҳон гӯё барои ман саросар боғи эҳсон буд.

Баҳорон буд, айёми арӯсии гули раъно,
Ки хоросанг ҳам мехост дар ин лаҳза бошад нарм.
Аҷаб не, з-ин сабаб бо ман нишастӣ як нафас танҳо
Хаёлу хоби ширин бо ҳақиқат гашт ҳаммаъно,
Зи барқи чашми шӯхат барфҳои кӯҳ мешуд гарм.

Ҷасорат карда, он дам хирмани оташ ба бар кардам,
Саропо сӯхтам, аммо нагаштам хоку хокистар.
Чӣ ҳикмат буд ин ҷо? Аз чӣ ман бар худ сипар кардам?
Чӣ сон аз байни ин оташ саломат ман гузар кардам?
Ва ё аз файзи абри баҳманӣ будам саропо тар?

Баҳорон буд, оре, олами эҳсос ранморанг,
Даруни хона саҳрои васеи сабзи беохир.
Уфуқи бахт мезад бар худи хуршед гӯё чанг,
Ду дил ин ҷо ба ҳам буданд ҷӯровозу ҳам-оҳанг
Ҳакам ишқу вафодорӣ гувоҳи ҳозиру нозир.

Агарчанде фалакпаймо наям, аммо дар ин асно
Паридам бар фазои дуру кардам вазни худро гум,
Барои ҷисму ҷони ман на поён буду на боло,
Замин аз дур метобид ҳамчун гунбази зебо,
Сарам мегашт чун пухта расида хӯшаи гандум.

Шудам наздик бар моҳу ситора, ногаҳ овозат
Фаровард аз само андар замини сабзи махмалпӯш,
Тапам то чун кабӯтар боз пеши чашми шаҳбозат,
Намоям ҷустуҷӯ роҳи муаммохонаи розат,
Ба қалби ҳамчу вулқанҳо хурӯшону лаби хомӯш.

Баҳорон буд, дар айни назокат кӯҳсорон буд,
Ба рӯи сабзаҳо мерехт об аз абри найсонӣ.
Суруде з-ӯ ба рӯи баргҳои шохсорон буд,
Ки ин оҳанги арзу илтимоси интизорон буд,
Ба даргоҳи ту ман ҳам омадам онгаҳ ба меҳмонӣ.

Намекардӣ ту гар шайдо, намекардӣ ту гар мафтун,
Зи нав фасли баҳори рафтаи умрам намеомад.
Ба пеши чашми муштоқони дидорат ба сад мазмун,
Чунин зебо намешуд гул ба гулшан, лола дар ҳомун,
Пас аз шоми фироқ ин субҳи рахшон ҳам намеомад.

## ДАР ДОМАНИ СЕБАРГАҲО

Кайфест аҷаб дар шаби маҳтоб нишастан,
Дар домани себаргаи сероб нишастан,
Ду пой ниҳода ба лаби об нишастан,
Бо гавҳари якдонаи ноёб нишастан,
Дар соҳили дарёчаи Варзоб нишастан.

Ҳар дам бинамуда ба рухи мавҷ назора
Пошад нигаҳи чашми сиёҳе чу шарора,
Хуб аст ба чавгони сияҳбед ишора
Бинмуда, ба он кокули пуртоб нишастан,
Дар соҳили дарёчаи Варзоб нишастан.

Ҳар чашма, ки фавворазанон ҷоми нав орад,
Бар шаҳру деҳа ҳадяву пайғоми нав орад,
Як қувваю як рӯҳу як илҳоми нав орад,
Бо ёр ба ду дидаи бехоб нишастан,
Дар соҳили дарёчаи Варзоб нишастан.

Бегоҳ насим оварад ар бӯи муаттар,
Дил майл кунад гаштаю баргашта ба дилбар.
Бигзор шавад бар ҳама дилдода муяссар,
Аз лутфи ҷавонӣ шуда шодоб нишастан,
Дар соҳили дарёчаи Варзоб нишастан.

## ТАКРОР

Ба кас ҳар он чӣ наздикасту маҳбуб,
Забон онро кунад бисёр такрор,
Баҳору зиндагӣ дар шеъру мактуб
Аз ин рӯ мешавад ҳар бор такрор.
Агар гӯянд шеърамро рафиқон
Гаҳе бикру гаҳе такрору тақлид,

Навиштан мушкил асту гуфтан осон,
Ҷаҳонро ҳар касе бо чашми худ дид.
Бале, ман менамоям боз такрор,
Баҳору васфи ин зебоватанро.
Ба ёд орам дар ин ҷо боз як бор
Лаби маҳбубаи ширинсуханро.
Нигоҳи шӯху сӯҳбатҳои ширин,
Шукуфтанҳои боғу бӯсагирӣ,
Чу хуш такрор гардад дар ҳама ҳин
Зи айёми ҷавонӣ то ба пирӣ.
Садои мавҷҳои «Баҳри тоҷик»,
Наи чӯпонӣ андар кӯҳсорон,
Дило, бигзор аз ҳар дуру наздик,
Шавад такрор мисли оби борон.
Зи тахти қалби амниятпарасташ,
Бикӯшад халқи ман бисёр-бисёр,
Намояд, ҳар чӣ меояд зи дасташ
Ки ҷанг асло нагардад ҳеҷ такрор.

## НАФАСИ ГАРМ

Нафаси гарми баҳор омаду дар рӯи замин
Қолини сабзаи нав бар ҳама сӯ боз кушод.
Бӯса зад аз даҳани ғунча чу боди мушкин,
Лаби пурхандаи гулҳои чаман роз кушод:

– Дар куҷоӣ, ту, биё гамбусаки тиллоранг,
Як зимистон, ки зи ту дур будам, кӯр будам.
Шуст борони баҳорӣ зи рухам гарду чанг
Бин, чи хушрӯй шудам, дина, ки бенур будам...

Гар баҳор аз нафаси худ яхи сард об кунад,
Сухани нағз кунад нарм дили инсонро.

Наҳр агар қаҳр кунад, ҳарчи ба гирдоб кунад,
Шавад ар ром, кунад хизмати боғистонро.

Дар заминкан ҳам агарчанд бувад тираву тор,
Мешавад нешзада сабз гаҳе нӯги пиёз.
Бар тани зинда ҳарорат биҳад зӯру мадор,
Ба рутубат бикунад ҷанг паи умри дароз.

Сухани нағзу самимона барои инсон,
Лозим онгуна, ки хандидани хуршед ба боғ.
Нур деҳ бо суханат бар шаби ҳиҷрони касон,
То бигирӣ ту каме ҷои дурахшанда чароғ.

Нафаси гарм бувад воситаи дилгармӣ,
Ба ҳаёт, оила, бар рӯзи дигар, соли дигар.
Нафаси сард фақат дилхунукӣ, бешармӣ
Оварад, гаштаю баргашта ба ҳар хонаву дар.

Нафаси гарм – ду-се ҳарфи накӯ бар бемор,
Нафаси гарм – бигӯӣ, ки шавад тӯю сур.
Нафаси гарм – ба ту вақти сафар гӯяд ёр:
Бехатар бод, азизам, сафарат бар раҳи дур.

## **АРӮСИ СОЛ**

Баҳорон чун арӯси нозанини сол
Табиатро бикард аз таҳти дил оғӯш.
Ҷавобан боғҳо ҳам баҳри истиқбол
Шуданд имрӯз бо сад хуррамӣ гулпӯш.

Аз ин мисли табассум кардани раъно
Кушояд табъи шоир ғунчаи маъно.

Гилеми сабзгуни домани кӯҳсор
Шуда паҳн ин замон монанди пойандоз.
Барои дидани хуршед ҳар як гул
Ба шабнам шуста худро, медиҳад пардоз.

Аз ин паррандагон ҳам бо ғазалхонӣ
Биёянд аз ҳама сӯ баҳри меҳмонӣ.

Бишуд бегоҳу рӯзи кор шуд охир,
Дар оғӯши чароғон ғарқ шуд шаҳрам.
Надонам аз чӣ бошад боз беохир
Зи хурсандӣ кушода мешавад баҳрам.

Ки ин танҳо зи таъсири баҳорон нест,
Ва ё з-акси ҷамоли гулъузорон нест.

Дар ин фурсат, ки андар осмони соф
Ситора бо ситора мекунад сӯҳбат,
Дар ин вақте ки аз ҳар ҷонибу атроф
Шавад боло суруди шодию шӯҳрат,

Дилам гӯяд, ки ҳисси хеш кун изҳор,
Ки фармони варо ман мекунам такрор.

Набинӣ то дигар рӯи фалокатро,
Ватан, халқат намуд зархез хокатро.
Баҳорон дод сад нозу назокатро,
Иҷозат деҳ, ки бӯсам рӯи покатро,

Ки ту фасли баҳори бехазони ман
Бақои рӯзгори хонадони ман.

## ИЛОВА БА ҚИССАИ КУҲАН

Ҳазорон солҳо мекард Фарҳод
Ба ёди Ширини худ оҳу фарёд.

Хаёлаш гирдбоди роҳ мешуд,
Рухаш монанди барги коҳ мешуд.

Лаби хушкаш, вале чун дар баҳорон,
Ҳамешуд тар каме аз оби борон.

Ба ёди Ширин аз нав шод мешуд,
Ба мисли шоҳини озод мешуд.

Суруди «омад-омад» месуруд ӯ,
Чу домоде бағалро мекушуд ӯ,

Ки то гирад арӯсашро ба оғӯш,
Кунад ғамҳои ҳиҷронро фаромӯш.

Вале чун абри найсон дур мешуд,
Лабонаш хушк, бахташ шӯр мешуд,

Зи нав боз аз забонаш нола меҷаст,
Ҳазориспанд ҷои лола мераст.

Бад-ин ҳолат ҳазорон солҳо боз
Бигирад рӯзҳош анҷому оғоз.

Яке аз рӯзҳои навбаҳорон
Ба Ёвон шуд бапо келинбиёрон,

Ба роҳи нав ғазалхон Ширин омад,
Ба назди дӯстдори дерин омад,

Ҳамезад бӯса ӯ озод-озод
Сари ҳар як нафас аз рӯи Фарҳод.

Варо Фарҳод ҳам дар бар кашида,
Лабони ҷонфизояшро макида,

Ба мисли роздонон роз мегуфт,
Биё бӯсам зи рӯят, боз мегуфт,

Ки баъди асрҳои интизорӣ,
Расид ин рӯзҳои бахтиёрӣ.

Баҳодурбозувонеро ки имрӯз,
Дар инҷо дар чунин айёми фирӯз,

Биоварданд Ширин пеши Фарҳод,
Бидорад доимо таърих дар ёд.

Замин Фарҳод буду об Ширин,
Гирифт анҷоми нав ин нақли дерин.

## БА МЕҲМОНИИ БАҲОР

Яке аз рӯзҳои сарди фасли баргрезон буд,
Шамоли бӯи барфоранда бар рӯям ситезон буд,
Дар он вақте ки ҳар барги хазон афтону хезон буд,
Ба меҳмонии фасли навбаҳорон рафта будам ман.

Ситода пеши дар хуршедрӯи ман даро мегуфт,
Лаби ӯ, хандаи ӯ, чеҳраи ӯ марҳабо мегуфт.
Ба уммеди ҳамин лаҳза дили ман ҳам худо мегуфт,
Ба кӯяш дар қатори дилфигорон рафта будам ман.

Кашида дар тасаввур сурати рафтори оромаш,
Бидидам ахтарони субҳ дар чашмони чун шомаш,
Уфуқи сурхи дуродурро дар рӯи гулфомаш,
Саҳар гӯё ба сайри лолазорон рафта будам ман.

Ба тан пӯшида ӯ пероҳани зебои атласро,
Агарчанде фишорад бо табассум дасти ҳар касро,
Бимонад, қуллаи кӯҳи баланди дастнорасро,
Чи бахте то ба пои кӯҳсорон рафта будам ман.

Сурудеро, ки вай ҳоло на оҳангу сухан дорад,
Ҳарорат лек аз дилҳо, тароват аз чаман дорад,
Шабу рӯзон барои ӯ дили ҷӯшони ман дорад,
Қасам, бар хонааш чун роздорон рафта будам ман.

Дусад фикру хаёлеро ба сар оварда мебурдам,
Дар ин бозӣ дили худ бой додам, оламе бурдам,
Ҳамеболидаму аз ташнагӣ гӯё ки мемурдам,
Агарчанде ба пеши чашмасорон рафта будам ман.

Яке аз рӯзҳои сарди фасли баргрезон буд,
Табиат гӯиё дӯкони ранги зардрезон буд.
Дар он вақте, к-аз оғӯши чаман шодӣ гурезон буд,
Бале, баҳри тамошои баҳорон рафта будам ман.

## САБР КУН, ЭЙ ГУЛИ БОДОМ

Боди ҷонбахш намуд арчи аз ин сӯй гузар
Сабр кун, эй гули бодом, ду-се рӯзи дигар,
То зимистон надиҳад боз фиребат ногоҳ,
Макушо муғчаю лабханд мазан мисли саҳар.

Ёд дорам, ки ту ҳар сол ба сад ҷӯшу хурӯш,
Пештар аз ҳама гул мезанӣ андар бару дӯш.
Дида ин ҳусну ҷамоли ту зимистон аз роҳ
Гашта меомаду мекард чу деве оғӯш.

Бӯсаи сард зи рӯи ту малоҳат мебурд,
Аз танат шираю аз қалб ҳарорат мебурд.
То ниҳолон ба ту бар бесамарӣ таъна зананд,
Гули уммеди ту чун дузд ба ғорат мебурд.

Сабр, кун, эй гули бодом, ду-се рӯзи дигар,
Бар зимистон бикунад то ки баҳори ту зафар.
Пас бикун тӯи арӯсии худатро барпо,
То шавӣ ҳамчу ниҳолони дигар боровар.

## БОҒБОНРО МЕПАРАСТАМ

Ҳар шохаи ин себи шукуфта,
Гӯяд: кушодам рози нуҳуфта.
Дорад аҷоиб як лаззати хуб,
Ҳисси ниҳонӣ, ҳарфи нагуфта.

Чун духтарони барқадрасида,
Ҳар як ниҳоли қоматкашида,
Аз домани худ гул мефишонад,
Ояд чу боди форам вазида.

Дар себзорон мафтуну мастам,
Аз ин дақиқа, то ин, ки ҳастам,
Дастони деҳқонро мефишорам,
Ман боғбонро мепарастам.

Дарде набинад дасти ҳунарвар,
Дасти ҳунарманди боғпарвар,

К-аз дашту чӯли дирӯза имрӯз
Ояд насими шӯхи муаттар.

Ҳар шохаи ин себи шукуфта,
Дар ин шаби маҳтобӣ нахуфта,
Гоҳ аз замину гоҳ аз ситора
Хоҳад шунидан ҳарфи нагуфта.

## БАРГҲОИ ТИЛЛОӢ

Баргҳои сабз тиллоӣ шуданд,
Сурхрӯ гӯё ки аз боӣ шуданд.
Лек аз сайри шамоли тирамоҳ
Зери по афтода ҳарҷоӣ шуданд,
Дар фироқи боғ савдоӣ шуданд.

Меваҳоро чида чун дурдонаҳо,
Мардумон бурданд сӯи хонаҳо.
Баргҳо монданд чун болу паре
Баъди кӯчи булбулон аз лонаҳо
Дур аз сарманзили ҷононаҳо.

Боз фардо чун расад фасли баҳор,
Баргҳои тоза андар шохсор
Боз ҳам гаҳвораҷунбонӣ кунанд,
Дар сари гулҳо қатор андар қатор
То шавад ҳар як ниҳоле сербор.

Боғҳо чун Ҳотами тоӣ шаванд,
Меваҳои сабз тиллоӣ шаванд,
Дида онро баргҳо боз аз ғурур
Худписанду маст аз боӣ шаванд.
Боз ҳам рӯзарду ҳарҷоӣ шаванд.

## САФИРИ ИШҚБОЗОН

Он шаб, ки чу хоб, нури дида,
Аз дидаи ман шудӣ гурезон,
Гулғунча саҳар рухат надида,
Рухсора кушод ашкрезон.

Вақте ки зи сайри боғу гулшан
Баргашт насими навбаҳорон,
Гуфтам, ки даро ба хонаи ман,
Овар хабаре ба интизорон.

Дар хона даромад ӯ ба шодӣ,
Зад бар рухи ҳарчи бӯсаи гарм,
Пас рафт зи нав ба сӯи водӣ,
Гӯё ки намуда андаке шарм.

Гарчанд насими субҳгоҳон
Аз ту хабаре ба ман наовард,
Лек аз дили танги ман шитобон
Гарди ғаму ғуссаро баровард.

Дидам, ки чӣ гуна тоз-тозон
Дарёчаи шӯх медавад пеш,
Вай ҳамчу сафири ишқбозон
Шодаст зи мавҷу ғайрати хеш.

Дидам, ки чӣ гуна лолазорон
Дар роҳи шафақ шафақ кушода,
Дидам, кӣ чӣ гуна баъди борон
Гул ғунча варақ-варақ кушода.

Дидам, ки ҳамедамад фаровон
Андар таги ток кӯзақандӣ.
Бигрифта ба дӯш шохсорон
Сад хирмани гул ба сарбаландӣ.

З-ин рӯ дари хонаам шабу рӯз
Бошад чу дари дилам кушода,
То рӯҳи ҳаёти оламафрӯз
Уммеди маро кунад зиёда.

## ШАҲРИ АЗИЗАМ

Шаҳри ман, кишвари ман, дилбари ман,
Наравад ишқи ту дур аз сари ман.

Ман зи айёми ҷавонӣ ба барат
Ёфтам нашъунамо чун писарат.

Лолаҳо чидаам аз кӯҳсорат,
Сайр кардам ба гулу гулзорат.

Дасту рӯ шуста ба оби дарё
Тохтам шодикунон бар саҳро.

Ҳар замон боди сабо бегилае
Менамуд аз сару рӯям силае.

Ту ба оғӯши худат чандин сол
Парвариш кардӣ маро ҳамчу ниҳол,

Пас дари илм ба ман бикшодӣ,
Ақлу идроку заковат додӣ,

Чу ба ҳуснат ту диламро бурдӣ,
Меҳр бастам ба ту ман аз хурдӣ.

Шаҳри ман, кишвари ман, дилбари ман,
Ҳар нафас ёди ту болу пари ман.

Дар шаби равшани айёми баҳор
Буд чашмам ба раҳи ҷонон чор,

Зери по пур зи алафҳои кабуд,
Оби анҳор ҳамехонд суруд.

Осмон дар назарам тобора,
Мешудӣ пур зи гули сайёра.

Гар расад шарфаи пое аз роҳ,
Менамудам ба ҳамон сӯй нигоҳ.

Дил ба сад кӯчаю чашмам як сӯ
Дар раҳаш буду бинам аз паҳлӯ

Омадааст...Аз ҳаяҷон сурх шудам
Аҷабо ман ба чи ҳолат будам,

Зеб дода ба қаду андомаш
Куртаи ранги гули бодомаш.

Аввалин дафъа дар он шаб ба ҳаёт
Бӯса кардам зи лаби ҳамчу набот,

Буд гарчанд табиат ба пинак
Лек зад барги сафедор чапак.

Шаҳри ман, кишвари ман, дилбари ман
Шафақи толеи ман, ахтари ман.

Субҳ чун пардаи шаб боло кард,
Чеҳраи софи туро зебо кард.

Буд ҳангоми гули шафтолу,
Беқарор ин дили ман чун моку.

Рафтам он рӯз ба сад завқу виқор
Бори аввал ба сари меҳнату кор.

Шаҳри ман, кишвари ман, дилбари ман,
Гулшани тозаи номовари ман.

Ту маро мебарӣ бо роҳи сафед
Бесабаб не, ҳама дунё баумед.

Баски додӣ ту ба ман авҷу камол
Ҳам гули бахт ва ҳам истиқбол.

Ман азони туву ту з-они манӣ,
Ҳадя ҷон бар ту, ки ҷонони манӣ.

## ИН НАСИМ МЕРАВАД БА РОҲИ ДУР

Менишинад чу шамси зарринрӯ
Мевазад боди шӯхи роҳатбахш,
Мешавад боз паҳн аз ҳар сӯ,
Мавҷҳои суруди ҳайратбахш.
Боди шӯхе ки мевазад ин сӯ,
Аз дили киштзору кӯҳистон,
Аз сари барраҳои ҷингиламӯ,
Менамояд убур бӯсакунон,
Сар фурӯ карда хоксорона,
Пур зи ҳосил дарахтҳо чандон,
Мевазад боди шӯх мастона,
Дода алвонҷ шоххоро он.
Ҳамчуноне ки шӯхии оҳу
Базми оғӯши кӯҳистон аст,
Себу ноку анору шафтолу
Зиннати боғҳою бӯстон аст.

Ватани бахт дида раҳ то раҳ,
Бо дили шоду завқи аз ҳад беш,
Ҳамчу нуре ба зидди шоми сияҳ,
Ин насим медавад ҳамеша ба пеш.
Чунки ӯ меравад ба роҳи дур,
Мекунад тай тамоми оламро,
То кунад нақл бо дили масрур,
Қиссаи сарзамини хуррамро.

## ПАҲН ШУД ОВОЗИ ШӮХИ ШАРШАРА

Аз баландӣ гар бар он сӯ бингарӣ,
Паҳн гардидаст дашти беканор
На дарахте ҳасту на як ҷонваре
Ҷуз ба ҳар ҷо буттаҳои хордор.

Гар чакад борон дар он ҷо тез-тез,
Паҳн мегардад гилеми каб-кабуд.
Барраву бузғолаҳо дар ҷасту хез
Гаштаву чӯпон ҳамехонад суруд.

Лек чун хуршед бе як фосила,
Нурборон мекунад ин ҷойро,
Гар қадам монӣ намояд обила
Гармии хокаш таги ҳар пойро.

Ин сухан машҳур байни мардумон:
Доимо ҷӯяндаҳо ёбандаанд.
Кори некеро ҳама чун достон
Аз забоне бар забоне мебаранд.

Ҳаст дар як гӯша кӯҳи сарсафед,
Қуллааш боло зи ҳар абри баланд.

Сурати дашту вафо якҷо кашед,
Дар назар ғалтад ниҳоят дилписанд.

Навҷавоне шуд аз ин ҷо даргузар,
Дид: оҳу медавад дар кӯҳсор.
Ногаҳон омад варо фикре ба сар:
Нест оё дар дили кӯҳ чашмасор?

Баъди чандин рӯз бар обу арақ
Ғарқ гашта мебаромад ӯ ба кӯҳ.
Чун шумурд аз кӯҳ ӯ чандин варақ
Дид як кӯли калони бошукӯҳ.

Андаке рафту ба ин ҷо одамон
Шод бо азми бузурге омаданд,
То ки оби соф аз кӯли калон
Сӯи дашти бесамар, онҳо баранд.

Ногаҳон дишаб ба дашти беканор
Паҳн гашт овози шӯхи шаршара.
Вай чу мусиқии фатҳу ифтихор,
Медиҳад акси садо аз ҳар дара.

## МУРҒИ ИЛҲОМ

Мурғи илҳомам, ту аз рӯи вафо,
Болу пар бикшо чу мурғони ҳаво,
Сайр бинмо дар фазои ин Ватан,
Бин ҳама нашъунамои ин Ватан,
Бо муҳаббат кун назар бар ҳар тараф,
Дурри маъно гир аз қалби садаф.
Чун гузар аз кӯҳсорон мекунӣ,
Шодии худро дучандон мекунӣ

Назди онҳое бишав меҳмон, кунун –
Мекананд аз кӯҳ маъданҳо фузун,
Завқ бинмо, бол бикшо, пеш дав,
То ба саҳроҳои колхозӣ бирав!
Бош ҳамсӯҳбат ба ҳар пиру ҷавон,
Дар миёни водиҳои зарфишон.
Бин чи сон меҳнатпарастони далер
Карда иҷро корҳои беназир.
Даштҳоро чун гулистон кардаанд,
Ҳар чи мехоҳад Ватан он кардаанд,
Боз ҳам боғайрату азму хурӯш
Чашмасон ҳастанд, рӯзу шаб ба ҷӯш.
То ки ному шӯҳрати худро дучанд
Баъд аз ин созанд аз ин ҳам баланд.
Мурғи илҳомам, туӣ ҳамрози ман,
Мешавад парвози ту парвози ман!
Ҳамчу моҳие, ки дар ҳар мавҷи об
Мечаҳад бо шавқ ҳар сӯ бо шитоб,
Мисли он ту дар фазо шодонатар,
Балки чандон боз устодонатар,
Сайру гардиш карда, бар ҳар сӯ нигар,
Бин шукӯҳи боғи авлоди башар.
Рав барои дарсомӯзӣ зиёд
Ҳам ба мактаб ҳам ба фабрику завод,
Бин ҳама бунёдкориҳои нав,
Ҳар нафас дар мулкамон симои нав.
Пештар рав рӯз то рӯз, эй азиз,
Дарси сидқу меҳр омӯз, эй азиз!
Гӯш бинмо бар дили халқи Ватан,
Бишнавӣ то аз вафодорӣ сухан.
Ҳамнафас бо мардуми озод гард,
Мисли ман бо мардуми дилшод гард.
Он чӣ дидию шунидӣ дар сафар,
Орзуи хешро ҳам сар ба сар,

Содиқона кун ҳикоя бар қалам,
То ки созад пас ба дафтар ӯ рақам.
То ки аз ҳар кас бубинӣ илтифот,
Пас намон, эй мурғи илҳом, аз ҳаёт!

## ДИЛ БА КОЛХОЗИ ШУМО ОШИҚ ШУДАСТ

Дил ба колхози шумо ошиқ шудаст,
Ошиқи якумрии содиқ шудаст.
Чунки кору боратон, эй дӯстон,
Бар мукофоти Ватан лоиқ шудаст.

Кони пахта домани майдонатон,
Пур зи неъмат рӯи дастурхонатон.
Хонаи нав, мактаби нав, роҳи нав
Ҳосили меҳнат – ҳузури ҷонатон.

Ҳар ниҳоле бар ниҳоле ёр шуд,
Боғ барпо гаштаву пурбор шуд,
Об омад, нур омад, бахт ҳам
Мазраи беҳосиле гулзор шуд.

Маҳкам аз домони ҳиммат дошта,
Обрӯи хешро бардошта,
Пешсаф бошед аз ин ҳам бештар
Пахтаи бисёрро ғундошта.

## ОВОЗИ МУСИҚӢ

Боз шуд овози мусиқӣ баланд,
Бо ҳавои шӯхшанги дилнишин,
Дар назар гӯё намоён мешаванд
Печутоби куртаҳои кребдишин.

Ин чӣ оҳангест меорад ба ёд
Шаршари оби равони ҷӯйро?
Ё ки мебинам ба саҳрои кушод
Ҷунбиши барги гули хушбӯйро?

Ин чӣ сози пурҷаранги дилписанд
Мисли мавҷи хандаҳои духтарон?
Ё ки аз шохе ба шохе мепаранд
Дар баҳорон селаи паррандагон?

Дам ба дам шодону аз наздику дур
Мерасад овози мусиқӣ ба гӯш,
Ғарқ гашта ман ба дарёи сурур
Мешавам мафтуну меистам хамӯш.

## БА ҶАШНИ ПИРИ ХИРАД

Қабл аз ин панҷсаду панҷоҳ сол,
Чашмае гашт бурун софу зулол.

Шуд равон, ғайрати пай дар пай кард,
Оқибат роҳи дарозе тай кард.

Зад сари хеш чу аз санг ба санг,
Хонд садҳо ғазали рангоранг.

Гулғули шаршарааш боло шуд,
Ташна бар замзамааш шайдо шуд,

Гоҳ чун боди сабо беозор
Бӯса зад аз рухи гулҳои баҳор.

Гоҳ шуд заҳри лаби бадхоҳон
Сӯхт кому даҳани бедаҳанон.

Гоҳ борони маҳи найсон шуд,
Гоҳ чун барқ шуду рахшон шуд.

Гоҳ шуд мӯниси кулфатзадагон,
Гоҳ шуд соқии базми дигарон,

Гоҳ шуд ашку зи ҳар мижжа чакид,
Гоҳ шуд хоку дар он сабза дамид.

Ҳеҷ гаҳ ях нанамуд аз сармо,
Нашуд он ё ки бухор аз гармо,

Дид чун гардиши ин оламро,
Бӯса зад ҳар қадами одамро.

Ба раҳи сидқу вафо ҷорӣ шуд,
Гуфт: некӣ ту нигаҳ дорӣ, шуд.

«Дона резӣ, ба каф ояд хирман,
Хор корӣ, бидаронад доман».

Дид бо чашми хирад неку бад,
Оқибат чашма бишуд руди хирад.

Номи ин руди хирад Ҷомӣ шуд,
Шафақи субҳу маҳи шомӣ шуд.

Рудҳо баски ба инсон ёранд,
Асрҳо зӯри ҷавонӣ доранд.

Мана, устоди бузург, ин дам боз
Меҳри мо бар раҳатон пояндоз.

Мо дар ин кишвари озодшуда,
Сабз гардида, гулободшуда,

Ҷашн гирем ҷавонии шумо,
Хираду назми ҷаҳонии шумо.

## ДАРЁИ ТАЛАС

Ба монанди йигити асптозе
Ба рӯи сангҳо бинмуда бозӣ,
Савора медавад дарёи кӯҳӣ
Аз ин водии сабзу пуршукӯҳе.

Чу аз оина з-ин дарёи шаффоф,
Намояд зиндагии гирду атроф
Чарогаҳҳои пур аз гӯсфандон
Ба соҳилҳо намуда паҳн домон.

Дар ин ҷо кӯҳ бар пероҳани худ
Кушод аз ҷайб гул то домани худ.
Чу дида наҳру водии Таласро
Кушодам дафтари ишқу ҳавасро.

...Шабона юрти мо шуд чун чароғон,
Даромад духтари гулрӯи хандон.
Суруде хонд беҳад шӯху дилкаш,
Ду рӯяш шуд ду лаълии пуроташ.

Ду чашмаш ҳамчу ду фаввораи нур,
Кашад бинандаро бар сӯяш аз дур.
Ҳасад бар толеяш дорад ситора,
Ба роҳаш орзу дорад назора.

Аз ӯ дидам ман имрӯзи Таласро,
Саодатманд авлоди Манасро.
Ба ман як дам, ки ин гул ҳамнафас шуд,
Дилам монанди дарёи Талас шуд.

...Агар ҳар сол дар фасли баҳорон
Талас аз шодӣ меояд ба туғён,
Ба ҳар як мавчи он, ҳар ғул-ғули он
Садои қалби ман ҳам ҳаст, ёрон!

## САРЗАМИНИ ҲИММАТУ ЭҲСОН

Набуд абре ба саҳни осмони софи нилобӣ
Ҳамезад шамс бар мӯҳои тиллоранги худ шона,
Дар он фасле ки субҳаш босафо, шабҳош маҳтобӣ,
Қадам мондам ба ин манзил, ба ин кишвар, ба ин хона.
Салом, эй Украина, сарзамини ҳиммату эҳсон,
Ба ҳурмат мекунад таъзим бар ту қуллаи Помир.
Садои шар-шари дарёчаҳои шӯхи кӯхистон,
Ҳамегӯяд, ки ҳастам бо Днепр ёру ҳамтақдир.
Ба Киеви шукуфон бо муҳаббат чашм медӯзам,
Ва мебинам шукуфтанҳои боғи шодмониро.
Чу аз обаш ҳаменӯшам, заминашро ҳамебӯсам,
Ки афзун менамояд ин ба кас зӯри ҷавониро.
Ба саҳроҳои беҳадду ҳудуди сабзу тиллохез,
Намуда эҳтиром аз таҳти дил халқи баҳодурро.
Бибурдам аз лаби Сиру Аму бинмуда дастовез
Садоқат, посхотирдорию меҳру тафохурро.
Зи ҳар як дида мо фаввораи меҳру вафо дидем,
Табассум гӯиё чун баҳр дар ҳар лаҳза мезад ҷӯш.
Сухан гуфтему бишнидему хандидему рақсидем,
Ба ҳар ҷо бо бародарҳои худ ҳамдӯшу ҳамоғӯш.

Агар кас бар диёре, сарзамине мешавад мафтун
Ба ёди он ба ёдаш боғҳои бехазон ояд.
Аз ин рӯ ман баланду зӯртар каф мезанам акнун
Ба ҳар маҷлис, ки номи Украина бар забон ояд.

**ИШҚИ МАН**

Ишқи ман ин турна не, к-ояд фақат рӯзи баҳор,
Нест ё чун кӯчаи сарбаста дар шаҳри қадим.
Вай наметарсад зи фасли гарму сарди рӯзгор,
Вай бувад пуррафтуо, пуркор чун роҳи азим.

Дар замине сабз шуд ин ишқ, к-андар рӯи он
Медавидам дар ҷавонӣ сарбараҳна, пойлуч.
Рӯзҳоро мефикандам пушти сар осон чунон,
Ҳар яки он буд гӯё халтаи бодоми пуч.

Ишқ омад. Гуфт шабҳои ту аз сӯзу гудоз
Аз ҳисоби рӯз мегардад дарозу тиратар.
Рӯзҳоро ман вале кардам ба худ аз шаб дароз
Ёфтам аз чеҳраи шоми сияҳрӯи саҳар.

Ишқи ман ин соя набвад, то фақат дар офтоб
Ҷилвагар гардад ба роҳи сояпарвар гулрухон.
Ишқи ман аз ду ҷиҳад бошад ба мисли барқи об
Гоҳ гардад қувваю гаҳ нури ҳар як хонадон.

Нест ишқи ман ба мисли нотиқи минбарпараст,
То сухан гӯяд фақат аз баҳри изҳори вуҷуд.
Вай хамӯшона Заминро дошта бар рӯи даст,
Мезанад чашмак ба сӯи осмони кап-кабуд.

Ҷангҷӯ санҷад чу ҳар боре яроқи қатли ом,
Мефитад беихтиёр андар вуҷудам зилзила.

Ишқам он дам менамояд хоби шабҳоро ҳаром,
Сулҳ то созад сари тифлон саҳаргоҳон сила.

Ҷисмҳо дур аз замин доранд гӯё маррае,
Аз ҳамон ҷо гумшавии вазн ёбад ибтидо.
Лек ишқи ман аз он парво надорад заррае,
Вазни худро гум нахоҳад кард вай дар ҳеҷ ҷо.

Чунки ними вазни вай аз ҷавҳари меҳри Ватан,
Ними дигар шираи нахли баҳори дӯстист.
Ишқи ман чун хӯлаи махсуси доим барқзан,
Як чароғе дар сутуни пойдори дӯстист.

## ЭЙ СУРУДИ МАН

Биё чун ҳофизи хушхон ба гуфтор, эй суруди ман,
Намо рози диламро аз нав изҳор, эй суруди ман,
Ба парвоз о дар ин гулзори бехор, эй суруди ман,
Гузар чун мекунӣ аз кӯи дилдор, эй суруди ман,
Саломамро расон бо шавқи бисёр, эй суруди ман.

Ҳамеша дар равонӣ то ки чун оби равон бошӣ,
Ба дунё омада шоистаи давру замон бошӣ,
Намирӣ ҳеҷ гоҳе зинда монӣ, ҷовидон бошӣ,
Барои он ки бар пиру ҷавон вирди забон бошӣ,
Нишастам то саҳар баҳри ту бедор, эй суруди ман.

Ба софӣ оварӣ бар ёд оби чашмасоронро,
Ба рақс орӣ ба созат оҳувони кӯҳсоронро,
Бубинам аз рухат нашъунамои лолазоронро,
Зи ту ҳис мекунам ман накҳати боди баҳоронро,
Чу месозад туро хонанда такрор, эй суруди ман.

Туро чанде даруни сина бо сад меҳр парвардам,
Ба мисли боғбони гул ба шодӣ парвариш кардам,
Ба нӯги хома аз кони сухан ман берун овардам,
Зи нав мехонаму бо ҷон навозиш мекунам ҳар дам,
Аҷаб ширину хуштамъӣ асалвор, эй суруди ман.

Чу боди навбаҳорон паҳн бар ҳар дашту саҳро шав,
Ба сӯи пеш ҷорӣ доимо чун оби дарё шав,
Зи рухсори гулу себаргаҳо бӯсида зебо шав,
Агар ҳар кас туро бо меҳр хонад бар дилаш ҷо шав,
Ба шодӣ поси хотирро нигаҳ дор, эй суруди ман.

Диҳад илҳоми нав-нав ин диёри рӯҳбахшанда,
Туро аз нав намоям боз пурмазмуну рахшанда,
Дучандон дӯст дорад то туро ҳар кас дар оянда
Нагард асло зи халқу фикру ёди ин Ватан канда,
Намо гул дар миёни боғи ашъор, эй суруди ман.

## БА ҚАЛАМИ ГУМШУДА

Эй қалам, эй дӯст, эй сураткаши овози ман,
Боиси дар осмони зиндагӣ парвози ман,
Чун бинокоре, ки чида хишт бар болои хишт
Менамудӣ қасри ашъоре бино аз рози ман.
Гум намудам ман туро чун аз парешонхотирӣ,
Ҷои ту дигар қалам омад ба шеъру шоирӣ,
Ман намедонам, туро кӣ дар кучҷо дарёфт кард,
Баъд аз ин тозон ба сар бар хизмати кӣ ҳозирӣ?
Хуб мешуд кӯдаке ёбад туро ногаҳ зи роҳ,
Боз мерафтӣ ба мактаб ҳамраҳи ӯ ҳар пагоҳ.
Бо ту шояд ҳарфи аввалро нависад ӯ дуруст,
Ё ки расме мекашам гӯён кунад дафтар сиёҳ.
Гар туро меёфт донишҷӯи саргарми хаёл
Мешудӣ оҳиста воқиф з-олами фазлу камол,

Хуб буд афтӣ агар бар дасти меъмори ҷавон,
Мекашидӣ нақшаи шаҳри наверо эҳтимол.
Гар туро меёфт ошиқ, ғам намехӯрдам дигар,
Менавиштӣ номаҳо ҳар лаҳза бо хуни ҷигар.
Мекушодӣ оқибат шояд тилисми васлро
Карда дар паҳлуи ӯ шабҳои ҳиҷронро саҳар.
Эй қалам, гар лозимояд, ҳар куҷо ҳаркора шав,
Рӯи оби баҳр киштӣ, дар ҳаво тайёра шав,
Лек агар афтӣ ба дасти нокасу тӯҳматгаре,
Саркашӣ кун, худкушӣ кун, сӯз худро, пора шав.

## ФАСЛИ ГУЛШУКУФТ

Зард шуд, барги дарахтон зард шуд,
Рафт тобистону омад тирамоҳ.
Сард шуд, оби каналҳо сард шуд,
Лек месӯзад дилам аз ин нигоҳ.
Барф омад, гирду ҷониб барф шуд,
Шуд сияҳтар боз он чашми сиёҳ.
Навҷавонӣ дар раҳи ту сарф шуд,
Ту маро акнун намон дар ними роҳ.
Абр омад, осмон пурабр шуд,
Мезанад барқи умеде гоҳ-гоҳ,
Сабр кун, гуфтию корам сабр шуд,
Гар гунаҳгорам кунӣ, он ин гуноҳ.
Гарм шуд, беҳад ҳаво ҳам гарм шуд,
Мекашад гӯё замин пурсӯз оҳ.
Роҳи асфалтӣ ҳам охир нарм шуд,
Ту чаро худро вале дорӣ сипоҳ?
Шом шуд, хуршед рафту шом шуд
Рӯзи ман бе дидани рӯи чу моҳ.
Бо хаёле лек дил ором шуд,
К-аз паи имрӯз меояд пагоҳ.

Гул шукуфт, омад чу фасли гулшукуфт,
Бар замин шуд фарш қолин аз гиёҳ.
Дил ба исботи вафои хеш гуфт,
Оварам шеъри Шукӯҳиро гувоҳ!

**СЕЛ**

Абри сияҳ омаду аз осмон
Рехт ба якборагӣ сели калон.

Сел ба як ғулғула пас шуд равон
Дӯғзанон бар ҳама хурду калон.

Гуфт, ки пурзӯртарин наҳр ман,
Қуввату мӯъҷизаи ҳар баҳр ман.

Манбаи ободии сад шаҳр ман,
Лек фақат андаке дар қаҳр ман.

Баҳри чи дар ҳаққи мани зӯрмаст,
На ғазале ҳаст, на афсона ҳаст?

Баҳри ҳамин ҳарчи ба роҳам бираст,
Маҳв кунам ё ки расонам шикаст!

Сел ба ин дабдабаи бемисол,
Рехт ба ҳар чашмаи оби зулол.

Гуфт: дигар нест ҳарому ҳалол
Нест дигар ҷои ҷавобу савол.

Буд аз ин ҷой касе раҳгузар,
Дид чу ин дағдағаю карру фар.

Гуфт: ба ман, сел наовар зарар
То ки кунам номи туро мӯътабар.

Омада ин одами олимтарош,
Оби даҳон бар ҳама сӯ дод пош:

Рӯди нав омад ба ҷаҳон бо талош,
Мо ҳама гӯем ба вай: зинда бош!

Сел вале зуд ба охир расид,
Домани расвоии худро кашид.

«Олим» аз он лаб ба таҳайюр газид,
З-он чӣ, ки мехост нишоне надид.

Сар раваду сир наравад гуфта ӯ
Мекунад ин ранг кунун гуфтугӯ:

Рашккунон наҳр ба ёрии ҷӯ
Бурд ҳамон «руд»-и ҷавонро фурӯ.

## САЛОМ, МОДАР

Бо номи ту ин калом, модар,
Бар шири ту эҳтиром, модар.
Ҳар соату субҳу шом модар,
Аз ҷону дилам салом, модар!
Ту ранҷ кашида рӯзу шабҳо,
Бӯсида маро зи рӯю лабҳо,
Бо меҳри бузургу бо талабҳо
Хӯрдӣ ғами ман мудом модар.
То марди басе далер гардам,
Лозим бишавад чу шер гардам,
Бо умри дароз пир гардам,
Ман ҳам ба қатори ом, модар.

Эй модари меҳрубони дилбанд,
Ман аз ту ҳазорбор хурсанд.
Ҳаст оташи меҳр баҳри фарзанд
Андар дили ҳар кадом модар.
Бо меҳри ту рафта, комёбам,
Як зарра зи аҳд рӯ натобам,
Гар ман дили халқи худ наёбам
Ҳар як нафасам ҳаром, модар.
Бо ёди муҳаббату вафоят,
Бо ҳурмати шири ҷонфазоят,
Такрор намоям аз бароят,
Сад бори дигар, салом, модар!

## ҲУРМАТИ МӮИ САФЕДАШ

Ба нураш гарчи ин хуршеди ховар
Фаро гирад ҷаҳонеро саросар,
Намегардад валекин ӯ баробар
Ба ин пурқувватӣ бо меҳри модар.

Фақат модар ба ҳар гармову сармо,
Ҳамеша бар сари гаҳвораи мо,
Накарда мижжа таҳ, биншаста шабҳо,
Бупарвард ӯ чу ҷон бигрифта дар бар.

Вуҷудаш чун ба фарзанд аст пайванд,
Варо хонад ба худ ҷону ҷигарбанд.
Агар хоре халад бар пои фарзанд,
Расад андар дили модар чу ханҷар.

Барои фикру ёди пурумедаш,
Барои ҳурмати мӯи сафедаш,
Ба ҷон ҳам ҳурмату иззат кунедаш,
Набошад то ки чашмаш ҳеҷ гаҳ тар.

## ТО БА РӮЗИ БОЗДИД

Боз дорам, модаро, азми сафар,
Гӯй чун ҳарбора ҳарфе мухтасар:
– Соғ рафта ту, саломат боз ой,
Гар илоҷаш ҳаст, хат кун тезтар.

Меравам, модар ҷудоӣ гарчи сахт,
Ман намеҷӯям раҳи осони бахт.
Дар сафар одам шавад марди бутун
Пир дар якҷо шудан расми дарахт.

Бояд одам мисли оби чашмасор
Рӯ ба дарёҳо намояд ихтиёр.
Чун шавад наҳри калон, бояд кунад
Даштҳои ташналаброро обшор.

Нағз медонам, хавотир мешавӣ,
Гаҳ мушавваш, гоҳ собир мешавӣ,
То ягон хатту хабар ояд зи ман,
Бар раҳи қосид ту нозир мешавӣ.

Модаро, вақте ки мехезад шамол,
Боз меорӣ маро андар хаёл,
Боз мегӯӣ ки: пояш дар хунук
Берун аз бистар бимонда, эҳтимол.

Мебиёяд чун ба ҷӯи ҳавлӣ об,
Мекунӣ гӯё ба ман аз нав хитоб:
– Бар лаби дарё нарав танҳо худат,
Дар лаби ҷӯи калон танҳо нахоб!

Ранг мегирад агар гелоси боғ
Мекунӣ аз нав маро ёду суроғ.
Баччаҳо гелосро ғорат кунанд
Хуб месӯзад туро аз ин димоғ.

Мепазад зардолуи қандак агар,
Мебиёям ман ба ёдат аз дигар.
Ҳосили як шохро дорӣ нигоҳ
То дами баргаштани ман аз сафар.

Ҳар гаҳе дар ток ангури чарас
Пухта, орад иштиҳои нав ба кас.
Канда то як сар хӯрам пеш аз ҳама,
Мекунӣ дар вақти нонушта ҳавас.

Модаро, вақте ки шояд дар чаман
Ман ба гулҳо ҳамнишину ҳамсухан,
Ту гумон дорӣ, ки дар як шаҳри дур
Бекасу бечораю маҳҷур ман.

Ғам махӯр, модар, ки фардо аз сафар
Мебиёям бехабар то пушти дар.
Мекунӣ бар чойҷӯш он гаҳ алав,
Мекунӣ ҳамсояҳоро ҳам хабар.

Мекунӣ сонӣ ту бо шодӣ хамир,
Мепазӣ аз нӯги он аввал фатир,
Вақти нонушта ба наздам мениҳӣ
Мисли ҳарбора ду қошуқ рӯи шир.

Мебарад хоби ҳама, бедор ту,
Мепарад чашмат, ба чашми чор ту.
Мекунӣ шукри замони тинҷро
Дар сари ҳар як қадам сад бор ту.

Қадри дилдор аз ҷудоӣ шуд азиз,
Серӣ баъди бенавоӣ шуд азиз,
Баски хеле тирашабҳо дидаем,
Аз ҳамин рӯ рӯшноӣ шуд азиз.

Хайр, модар, то ба рӯзи боздид,
Боздид охир бувад чун рӯзи ид.
Меравам, бе оби дида гӯй боз:
– Меравӣ?..Хайр эй писар, роҳи сафед!

## МО ТАРАФДОРИ СУЛҲЕМ

Мо мардуми ин кишвари дар авҷу барорем,
Як зарра ҳам аз душмани худ тарс надорем,
Лекин ҳама чун як дилу ҷон сулҳшиорем,
Мо зидди хазонему тарафдори баҳорем.

Моро Ватану модару ҷонона азиз аст,
Меҳри дилу ободии ҳар хона азиз аст,
Осудагию кори далерона азиз аст,
Ҳар як қадами худ ба ҳамин азм гузорем.

Сулҳ аст чунон қалъаи пурқудрати маҳкам,
Маҳкам бикунад боз варо халқ дамодам,
Ҳар кас ки бихоҳад шарафи одаму олам,
Ӯ ҳамраҳи мо бошаду ҳамфикру қарорем.

То ҳифз намоем ҳама пиру ҷавонро,
То дур кунем аз ҳама ҷо офати ҷонро,
Хунмаст ҷанобони ҷаҳонсӯзи ҷаҳонро
Бо тантана бар суди адолат бисупорем.

## ВАТАН

Ватан бо раҳи ту замон меравад,
Замон сӯи бахти ҷаҳон меравад,
Зи дил ишқи покат чи сон меравад?
Ба шир омадаст он, ба ҷон меравад.

## МАРО ТАНҲО ТУ БИНМУДӢ ФАРОМӮШ

Нишастӣ, номаамро хонда, хомӯш,
Дигар ҳоҷат набошад бар саволе.
Ту шояд, кардаӣ кайҳо фаромӯш,
Маро чун нуқтаи хобу хаёле.

Парешаб ман аз он роҳе, ки ҳар ду –
Ҳамерафтем як вақте, гузаштам.
Ба зери он дарахту он лаби ҷӯ
Туро бар ёд оварда нишастам.

Ҳамон тавр аз даруни оби ҷӯбор
Намоён аст акси он ситора,
Ки онро ту ба ман биншаста ҳар бор
Чу рамзи ишқ мекардӣ ишора.

Ба ёдат ҳаст оё як шаб ин ҷо
Чиҳо гуфтем мо ҳар ду нишаста.
Ба рӯям мезадӣ ҳар гоҳ, ҷоно,
Ба шӯхӣ шохи райҳонро шикаста.

Дарахтони ҷавону моҳи равшан
Саломи хеш бар ман мерасонанд.
Набошад ҳоҷати ин ҳарф гуфтан,
Маро онҳо зи хурдӣ мешиносанд.

Маро обу ҳавои сарзаминам
Ҳамеша мекунад шодона оғӯш.
Тамоми орзуҳо ҳамнишинам,
Маро танҳо ту бинмудӣ фаромӯш!

Вазад шаббодае сӯям дамодам,
Ба ман меоварад як бӯи уммед.
Бигардад ҳамчу мӯят бар сарам ҳам
Ба нозу ишва чавгони сияҳбед.

## АГАР МАН

Агар ман лола будам, дар баногӯши ту мебудам,
Агар ман шарф будам, дар бару дӯши ту мебудам.
Агар ман ханда будам, дар лабонат нақш мебастам,
Агар ман шаҳд будам, соғари нӯши ту мебудам.
Вале на лолаю на шарфу на шаҳдам ва на ханда,
Фақат як мавҷи эҳсоси суруди рӯҳбахшанда,
Барои он ки ёбад дар дилат раҳ бо ҳазор уммед,
Ба номат ҷаста хезанда, ба поят гашта афтанда.
Агар ман ишқ будам, ёди мижгонат намекардам,
Агар ман гард будам, фикри домонат намекардам,
Агар ман шом будам, бар сари кӯят намерафтам,
Агар ман субҳ будам, қасди зулфонат намекардам.
Вале на ашкаму на гардаму на субҳаму на шом,
Фақат як зарраи дар партави хуршед нооором,
Агар мижгон занӣ, аз пеши чашмат дур хоҳам шуд,
В-агар чашмак занӣ як дам нишинам дар гули бодом.
Шунидам наргиси шаҳлои ту бар шаб сиёҳӣ дод,
Ситора ханда карду аз само бар ин гувоҳӣ дод.
Аз он рӯзе, ки аз дарёи Сир ту об нӯшидӣ,
Булӯрин соиди ту акси худ бар ширмоҳӣ дод.
Кунун гар шабнишинам ман, ба ёди ту нишинам ман,
Зи кӯҳ ар лола чинам ман, барои ту бичинам ман,
Ба ман ҳукми ту қонун аст, фармо ҳарчи мехоҳӣ,
Агар хоҳӣ, самоям ман в-агар хоҳӣ, заминам ман.

## ДАР КӮЧАБОҒИ ИШҚ

Насим имшаб кунад дар кӯчабоғи ишқ фаррошӣ,
Ба қасдаш буттаҳои гул кунанд оҳиста гулпошӣ,
Маҳи пур аз миёни баргҳои сабзи рақсанда,
Зи рангу бори фикри ман кунад бар сабза наққошӣ.
Чӣ мешуд дар чунин шабҳо, шабе, ҷоно, ба ман бошӣ.

Ки ҳарду лаб-лаби рӯди мусаффо дур мерафтем,
Ба сайри токзорони пур аз ангур мерафтем,
Ба сӯзи ишқ дар раҳ сангҳоро лаъл мекардем,
Намуда кулбаҳои ошиқон маъмур мерафтем,
Ба истиқболи субҳи тозаи пурнур мерафтем.

Агар вақти сафар гирӣ маро боре ту ҳамроҳат,
Кушоям қолине дар роҳат аз гулҳои дилхоҳат,
Ба хуни дил, ба хатти навниҳолони самарбахше,
Гузорам лавҳаҳои ёдгорӣ дар қадамгоҳат.
Баро, эй офтоби ман, дар ин шабҳо зи даргоҳат.

Ки ногаҳ дида аз тирезаҳо субҳи дурахшонро,
Кунад хомӯш ҳар кас рӯз шуд, гӯён, чароғонро.
Нишон деҳ бар ҷаҳон мӯъҷизаи ҳусни ҷаҳонгират
Намуда маст ҳушёрон, ба ҳуш оварда мастонро
Ба шӯр овар, ба шӯр овар ту қалби гулпарастонро.

## ДАР ОСМОНИ БАХТАМ

Бар пешвозам имшаб ороми ҷон баромад,
Бо лаъли шаккарафшон ширинзабон баромад,
Баҳри салом додан сарви равон баромад,
Борони лутф омад, меҳри ҷаҳон баромад,
Дар осмони бахтам тирукамон баромад.

Беихтиёр дасташ бигрифтаму фишурдам,
Бе як сухан диламро бар дасти ӯ супурдам.
Ҳайрон аз онам имрӯз, аз шодӣ чун намурдам?
Додам ҳар он чӣ додам, бурдам ҳар он чи бурдам,
Бахтам чу Моҳи маснӯъ то Каҳкашон баромад.

Зулфони анбаринаш монанди бедмаҷнун
Мехӯрд печутобе бо сад ҳазор мазмун,
Бар рӯи сап-сафедаш гашта шафақ ҷигархун,
Шасти нигоҳи масташ дилро кашида берун,
Аз синаам танӯри оташфишон баромад.

Эй кошкӣ, ҳамеша будам ба рӯ ба рӯяш,
То ин ки сер бошам доим зи гуфтугӯяш,
Афсӯс рафт он гул, маҳрум шудам зи бӯяш,
То умр боқӣ бошад, бошам ба ҷустуҷӯяш.
Аз хона ишқи ман бар роҳи калон баромад.

## ЯК ЗАРРА БАРФ

Саҳар як зарра барфи нав ба миҷгони сиёҳ афтод,
Аз он ҷо сарнагун дар баҳри чашми хушнигоҳ афтод.
Зи гармӣ об шуд, чун ашки шодӣ боз берун рафт,
Зи нав чун донаи гавҳар ба рухсори чу моҳ афтод.

Сафар бинмуда бар рухсори чун оина рахшоне,
Чу омад назди он лабҳои ҷонпарвар ба меҳмонӣ,
Бухор аз оташи анфоси гарме гашта якбора,
Бирафт аз нав ба сӯи абрҳо аз дида пинҳоне.

Бигӯяд вай кунун бар зарраи оянда розашро,
Раҳи тайкардаи худ, қиссаи дуру дарозашро,
Ки ханҷар диду баҳре диду боғе диду гулханҳо
Сабоҳи зиндагонӣ диду пас сӯзу гудозашро.

Аз ин рӯ зарраҳои барфи нав ҷӯянд миҷгонат,
Ҳамепечанд ҳамчун ошиқон бар мӯи печонат.
Ки то бӯсанд ҳамчун заррае, к-ӯ саргузашташ гуфт,
Аз он рухсори гулгунат, аз он лабҳои хандонат.

## РАСАД ЧУН ГАНДУМИ ФАСЛИ БАҲОРӢ

Нагаштам волаи рӯи чу моҳаш,
Нагаштам сайди ду чашми сиёҳаш,
Вале бар ин дили бечораи ман
Ба ханҷар мезанад теғи нигоҳаш.

Чи гап ин? Рафту ёдаш монд бо ман,
Тилисмоти хаёлаш монд бо ман.
Фироқи ӯ зиёду васли ӯ кам –
Камаш рафту зиёдаш монд бо ман.

Ба ман деҳқони доно гуфт боре:
Расад чун гандуми фасли баҳорӣ
Дарав кун тезтар. Вай ҳам ба уммед
Ба вақташ мекашад уммедворӣ.

Баҳорон хуб бо садбаргу лола,
Ҷавонӣ – бо нигори ҳаждасола.
Барои лаззати дидор – он рӯ,
Барои мастӣ – он чашми ғизола!

## НИГАҲ БИКУН БА ДИДААМ

Нигаҳ бикун ба дидаам,
Ки аз ту ман чӣ дидаам.
Тамоми шаб нахуфтаам,
Азоби ту кашидаам.

Ба орзуи он ки боз
Шавӣ ба ман ту дилнавоз.
Сару дилам ба хоки пот
Бубин ки кардаам ниёз.

Ду бор дар тамоми сол
Ба паҳлӯи ту, гулҷамол,
Нишаста бурдаам ба сар
Шаби висоли бевисол.

Ба ту, гули шукуфтаам,
Ман арзи худ нагуфтаам.
Аз ин сабаб чу чашмаҳо
Тамоми шаб нахуфтаам.

Вале ту чун ситораҳо
Ба ламъаи назораҳо,
Сухан нагуфта мезанӣ
Ба синаам шарораҳо.

Дар он дақиқаҳо ки роз
Қариб буд, ки гашта боз
Китоби ишқи покро
Кунад ба боби нав дароз.

Дилам ба таҳ кашида рафт,
Ҷигар маро дарида рафт,
Зи ҷайби ту сабоҳи нав
Чу андаке дамида рафт,

Ту кавкабӣ, ту кавкабӣ,
Чароғи равшани шабӣ.
Ба мисли ғунчаҳои гул
Зи шаҳди ханда лаб-лабӣ.

Ба ошиқон худо дигар
Замин дигар, само дигар.
Савобу ҳам хато дигар,
Ҷафо дигар, вафо дигар.

## РОҲИ САФЕД

Ту ба ман роҳи сафед орзу кардӣ саҳар
Дар ҳақиқат зи дили абри сияҳ барф омад.
З-ин сабаб карда ба хурсандӣ ба ҳар сӯй назар
Ногаҳон ҳамчу умеде ба лаб ин ҳарф омад:

Кошкӣ «аз сабаби бад будани боду ҳаво»
То пагоҳи дигар аз ҷо напарад тайёра.
Зуд баргардаму як бори дигар сар то по
То ба он қомати дилҷӯй кунам наззора.

Лек тайёраи мо зуд ба парвоз омад,
Баҳри дилдории ман амри ту дар тоз омад.
Гуфт: хоҳам, ки равӣ тезтару зуд оӣ,
Накашад тӯл дигар то ки дами бозомад.

Ту агар мешунавӣ ғурриши ҳар тайёра,
Ба вай овози дили ман, бишунав ҳамроҳ аст.
Меҳвари меҳри туро шуд дили ман сайёра,
Ба само дӯз назар, ошиқи ту дар роҳ аст.

## ДИЛ ВА САНГ

Занад гар санг бар санге,
Шароре ногаҳон хезад,
Ки он хоҳад ба ҳар ранге,
Ба сад хушку тар омезад.

Барои сӯхтан аммо
Набошад чизи тайёре,
Шавад хомӯш вай танҳо
Накарда фикри бисёре.

Ду дил ҳам гар шавад наздик,
Бигардад оташе пайдо,
Ки он дорад чунон таҳрик,
Шавад дар ҳар нафас боло.

Диле, к-ӯ бар диле сӯзад,
Шавад худ пок аз олоиш,
Ҷаҳонеро биафрӯзад,
Кунад пас андак осоиш.

## ДАР ЛАБИ БАҲР

«Менишинад дар канори баҳр ёри маҳҷабин,
Ноз карда бар ҳабиби хеш мегӯяд чунин»:

– Ман агар ҳозир ба ин баҳри васеи беканор
Хешро якбора партоям, ту месозӣ чӣ кор?

Мекунӣ оё ту дасти ёрии худро дароз
Ё ки танҳо мехӯрӣ ҳар лаҳза афсӯсу халос?

Як назар афканда бар рухсори ёру мавҷи об,
Медиҳад аз тахти дил бар ӯ ҷавон ин сон ҷавоб:

– Мекашам ман баҳрро бо меҳр бар оғӯши худ,
Гарчӣ он пурмавҷу тӯфон, беканору беҳудуд,

Ман натанҳо бар ту, ҷоно, дасти ёрӣ медиҳам,
Ҷону дилро ҳам ба ту ман ихтиёрӣ медиҳам.

– Гар ту рӯзу шаб ба ёди ишқи ман месӯхтӣ,
Аз куҷо, кай ту шино кардан чунин омӯхтӣ?

– То ба даст орам туро, эй гавҳари қиматбаҳо,
Солҳо дар баҳри ишқи ту намудам ман шино.

«Менишинад дар канори баҳр ёри маҳҷабин»
Бо табассум ноз карда боз мегӯяд чунин:

Гар ман ин дам чун кабӯтар дар ҳавои беғубор
Хезаму парвоз созам, пас ту месозӣ чӣ кор?

– Мепарам ман ҳам ба шодӣ паҳлу бар паҳлӯи ту,
Бозӣ карда, бӯй карда мӯи анбарбӯи ту.

– Нестӣ, охир ту аз ҳамхонаи паррандагон,
Пас чӣ сон парвоз месозӣ ба сӯи осмон?

– Ишқи пок ояд, агар ҳар дам диҳад болу парам
Гар ту бар парвоз оӣ, дон, ки ман ҳам мепарам.

«Менишинад дар канори баҳр ёри маҳҷабин»
Ханда карда, ноз карда, боз мегӯяд чунин:

– Аҳду паймон гарчи ширинаст монанди асал,
Хуб мешуд, гар нагардад талх дар вақти амал.

## ИНТИЗОРӢ

Гули садбарги сурхеро харида,
Ба вақти ваъдагӣ сӯят давида,
Туро аммо дар он ҷо ман надида,
Нишастам оҳи вазнине кашида.

Дилам хун шуд зи раҳпоӣ, азизам,
Чаро охир намеоӣ, азизам?

Ба уммеди ту, ҷоно бекамукост
Ҳазорон бор рафтам бар чапу рост,
Аз он ҷо рафтан асло дил намехост,
Бикун бовар, ки мегӯям гапи рост:

Дилам хун шуд зи раҳпоӣ, азизам,
Чаро охир намеоӣ, азизам?

Ҳаво торик шуд, маҳ ҳам баромад,
Ба рӯи сабзаҳо шабнам фаромад,
Бигуфтам худ ба худ: «ёрам наомад,
Магар ногаҳ ба вай коре баромад?»

Дилам хун шуд зи раҳпоӣ, азизам,
Чаро охир намеоӣ, азизам?

Туӣ, ҷоно, умеду орзӯям,
Биёю як нафас шин рӯ ба рӯям
Ва ё хатте фиристон ту ба сӯям,
Бикун коре, ки дигар ман нагӯям:

Дилам хун шуд зи раҳпоӣ, азизам,
Чаро охир намеоӣ, азизам?

## ШУКУФТА СЕБҲО

Шукуфта себҳо ҳар шох овехт аз садаф марҷон,
Ба мисли ошиқе бар пешвози дилбари ҷонон.
Ба ҳар гул бозӣ карда боди форам мевазад шодон.
Баҳор омад азизам, навбаҳорон инқадар зебо!

Ба ёдат ҳаст оё ин, набояд буд пӯшида,
Ба тан пероҳани ранги гули себона пӯшида

Нишаста бар лаби ҷӯ, шӯхӣ карда, об нӯшида,
Ба ман мегуфтӣ: боғи себзорон инқадар зебо!

Ту азбаски зи себу себзорон мешавӣ хурсанд,
Ба ин шохи ниҳоли шеър кардам себро пайванд,
Шавад аз баҳри ту то ин ки дилкаш боз ҳам даҳчанд,
Ту шояд гӯӣ бо лабҳои хандон: он қадар зебо!

## ТАБАССУМ КАРДӢ БАР МАН ДИЛБАРОНА

Чу ман тирезаро ногаҳ кушодам,
Ба хона гашт дохил нури маҳтоб.
Хаёли чеҳраат омад ба ёдам,
Гурезон шуд зи дида лашкари хоб.

Ту ҳам шояд, ки бедорию ҳоло
Назар меафканӣ бар моҳи тобон,
Чаро ки нағз медонам, нигоро,
Ба кас танҳо нишастан нест осон.

Валекин ман намедонам, ки ин дам
Агар бедорӣ, бар ёдат кӣ омад?
В-агар ту хоб мебудӣ азизам,
Кӣ бар хоби ту ҳозир медаромад.

Ҳаминро нағз медонам, ки дирӯз
Табассум кардӣ бар ман дилбарона.
Аҷаб не ин ки ин аз бахти фирӯз
Маро шояд зи ту бошад нишона.

## ИШҚУ ШЕЪРУ БАҲОР

Шеъру ишқу навбаҳори ҳамтана,
Аз қадим доранд ин хел анъана.
Ҳар куҷо ҳар се агар вомехӯранд
Зиндагонӣ менамояд тантана.

Дар диёри ман баҳори бехазон,
Медиҳад дар ҳар қадам худро нишон.
Шаҳр гулпӯшасту саҳро лолазор,
Чор сӯ гул карда боғу бӯстон.

Месарояд шоири ширинсухан
Шеърҳои тоза дар васфи Ватан,
То ки бахшад лаззати ширу шакар,
Ҳар кӣ хонад, хоҳ марду хоҳ зан.

Мекунад дилро мунаввар чун чароғ
Ишқи меҳнат, ишқи дилбар, ишқи боғ,
Бахт ҳамроҳи шукӯҳи офтоб
Менамояд хонаи моро суроғ.

## МАН ДИДА ЗИ ДИДАНАТ НАБАСТАМ

Чашмам чу ба чашми шӯхат афтод,
Афтод ба синаам шарора.
Дидам ки чӣ сон ба рӯзи равшан
Равшан ба рухи ту ду ситора.

Рафтӣ ту зи пеши дидаи ман,
Ман дида зи диданат набастам.
Сад воситаро ба кор бурда
Сад монеаро, бубин шикастам.

Аввал, ки ба ҷустуҷӯи номат
Як ҳафта намудаам даву тоз,
Пас баҳри суроғи ҷои корат
Кардам ба ҳазор сӯй парвоз.

Сонӣ ба ту номаҳо паси ҳам
Медонӣ ки ман равон намудам.
Ҷону дили худ ба ту супурда,
Додам ба ту ҳар буду набудам.

Ин дам, ки чу фасли навбаҳорон
Меоӣ ба сӯи хонаи ман.
Бошад, шукуфад чу лолазорон
Ҳар як сухани таронаи ман.

## ТЕЛЕФОНИ ХАЁЛ

Медиҳад ҳар шаб телефони хаёл
Зидди якдигар ба ман садҳо хабар,
Ҳар яки он дур нест аз эҳтимол,
Эй ҳабибам, кун ба онҳо як назар!

Гоҳ мегӯяд, ки он дилдори ту
Дар хаёли туст дар ҳар субҳу шом,
Хонда-хонда дафтари ашъори ту
Ном мегирад туро бо эҳтиром.

Гоҳ мегӯяд, ки ҳар шаб дилбарат
Банд бар сад фикру кори дигар аст,
Гар чи мегӯӣ ту, гардам аз сарат,
Дар дилаш андешаҳои дигар аст.

Боз ҳам бар ман телефони хаёл
Мезанад занг аз сари нав тез-тез.
Боз ин гапҳо ба исботу мисол
Нест аз афташ зи ин ҷои гурез.

Эй азизам! Ман ба ҳар гуфтори ту
Кардаам бовар ва бовар мекунам.
То телефон бас кунад ин гуфтугӯ,
Деҳ барои ин дилам як телграмм.

## ДАР РУХАТ МАН ДИДААМ МЕҲРИ ВАТАН

Ҳеҷ фикре, ҳеҷ як андешае
Дар дилам асло набуд аз ишқи ту,
Лек сонӣ ронд хеле решае
Монд тасвири ту бо ман рӯ ба рӯ.
Ёд дорам куртаи чит дар барат
Ҳар чӣ бошад ҳам ҷудо зебида буд.
Буд печон мӯи ту гирди сарат
Бори аввал чашмам онро дида буд.
Хушку холӣ буд дар мобайни мо
Бори аввал он нигоҳу пурсу пос.
Дафъаи аввал надонам дар куҷо
Шуд дилу чашмони мо бо ҳам шинос.
Он шаби маҳтобу он оби равон
Нақш баста сахт андар ёди ман.
Буд боди навбаҳорон ҳам вазон
Ханда карда гуфта будӣ як сухан.
Рафта-рафта риштаҳои ноаён,
Сахт печиданду акнун ҳар куҷо
Гар туро бинам сарам бар осмон–
Мерасад аз шодии беинтиҳо.
Додаам дил бар ту, ин дорад сабаб
Дар рухат ман дидаам меҳри Ватан.
Рӯ ба рӯям ҷилва созад рӯзу шаб
Ҳар гули боғи баҳори ишқи ман.

## ҲАДЯИ ТУ

Румолчаи шоҳии чун шир сафеде
Вақте ки ту бо меҳр ба ман ҳадя намудӣ,
Ман дидам аз он чеҳраи гулҳои умеде,
Азбаски ба ман боғи шукуфанда ту будӣ.
Бигзашт басе рӯзу шабу сол шуд охир,
Ин ҳадяву он лаҳза шабу рӯз ба ёдам.
Дар пеши назар то бишавад рӯи ту зоҳир,
Бори дигар онро ба муҳаббат бикушодам.
Рӯмолчаат аз бағалам гашт чу берун,
Як бӯи муаттар бифишонд он ба димоғам.
Ҳар дам, ки туро ёд кунам, мешавад афзун
Аз равшании чеҳраи ту нури чароғам.
Як хоҳишу як нози дигар мекунам имрӯз,
Бешубҳа, аз он мешавӣ албатта ту хурсанд.
Рӯмолчаи шоҳии нав бори дигар дӯз–
Бо дасти худат баҳри ман, эй ёри ҳунарманд.
Албатта, дар он нақш намо расми кабӯтар,
Чун қосиди мактуббару рамзи амонӣ.
Мо ҳарду, ки ҳастем аз ин мулки музаффар,
Хоҳандаи бахту шарафу сулҳи ҷаҳонӣ.
Бигзор аз ин ҳадяи ту мардуми олам
Бинанд дили мову далерона хурӯшанд.
Бигзор, ки аз баҳри наҷоти бани одам,
Чун мо ба сари ҳар қадами хеш бикӯшанд.

## ПУРСИДА МОНЕД

Ба як кас гуфтӣ аз лаб дур фишонда:
«Фалониро ба ногаҳ дида монед,
Саломи гарму ҷӯшоне расонда,
Ҷудо аз таҳти дил пурсида монед».

Барои он касе, к-ӯ дар хаёлат,
Басе ҳам рӯз кард шабҳои ҳиҷрон,
Ҳамин ҳам мекунад акнун кифоят,
Ки бинад субҳи толеи дурахшон.

Аз ин гап ногаҳон гӯё ки олам
Ба пеши дидагони ман дигар шуд.
Чӣ сон имрӯз аз шодӣ наболам,
Ки бо ман орзӯям ҳамсафар шуд.

Агар ту хат навиштанро нахоҳӣ,
Ба ман на ошкору на ниҳонӣ,
Ҳамин тавр, эй азизам, гоҳ-гоҳе
Чӣ мешуд, ки маро пурсида монӣ.

## ШАБИ ТӮЙ

Шаби тӯй то ин ки бошад дароз,
Рафиқон, биёед нӯшем боз.
Барои ҳамон ин ки ширу шакар
Ба як ҷо шуду гашт хушмаззатар.
Барои диле, к-ӯ ба дил реша ронд
Ва бӯи хуши мушк пинҳон намонд,
Барои шумо, духтари маҳҷабин,
Барои ту, эй ҷӯраи нозанин.
Барои ҳамон кӯчабоғе, к-аз он
Гузаштед бори якум гапзанон,
Барои нигоҳе, ки вай худ ба худ,
Ба мобайнатон рафтуомад намуд,
Барои ҳамон навниҳоле, ки он
Бишуд воқиф аввал зи рози ниҳон,
Барои ҳамон ин ки аз ин нафас
Бишуд сар дами гулшукуфти ду кас.

Барои шаби тӯю рӯзи саид,
Ки маъшуқу ошиқ ба мақсад расид.
Рафиқон, биёед нӯшем боз,
Шаби тӯй то ин ки гардад дароз.

## ДИЛАМРО БУРДИЮ МАНРО НАБУРДӢ

Ба вақти хайру хуш бо рӯи хандон
Бигуфтӣ хайру дастамро фишурдӣ,
Намедонам чаро ҳамроҳат, эй ҷон,
Диламро бурдию манро набурдӣ.

Зи ҷӯ бигзашта як дарро кушодӣ,
Шудӣ дохил, намудӣ боз маҳкам,
Аз он ҷо ту магар таъзим додӣ,
Ки якбора бар он сӯ ман шудам хам.

Бидидам дар миёни пардаи шаб
Шудӣ аз пеши чашм оҳиста пинҳон.
Бигуфтам худ ба худ: хуршеди матлаб
Саҳаргоҳон шавад аз нав дурахшон.

Агарчи бистари гарму мулоим
Туро бигрифт андар хоби роҳат,
Вале лутфе намояд ҳадя доим
Хаёли чашми пурнури сиёҳат.

## АНДАКЕ ИСТ

Андаке, ист, эй азизам, мӯи ту
Ҳалқасон бар гарданам печидааст.
Ҳам нигоҳи чашми чун оҳуи ту
Хонаашро дар дили ман дидааст.

Меравам ҳамроҳи ту то ними роҳ,
Бо азобе боз мегардам ба пас.
Бори дигар кун ба чашмонам нигоҳ
Сабр бинмо, сабр бинмо як нафас.

Бо табассумҳои ширинат мудом
Ҳар куҷо хоҳӣ диламро мебарӣ,
То ки гӯям як сухан бо эҳтиром,
Ист як дам, ист як дам, эй парӣ.

Гирд мегардад ба гирдат беҳисоб,
Фикру ёди ман шуда аспи ҷувоз.
Ин қадар охир ту месозӣ шитоб,
Сабр бинмо, сабр бинмо, шаб дароз.

## ЭЙ ИРОДА!

Ирода, эй ирода, дар куҷоӣ,
Ниҳоят ту ба ман ин лаҳза даркор.
Маро аз теғи ин чашми сиёҳе
Биёю дар паноҳи худ нигаҳ дор.
Ба ман бори дигар ин чашми махмур
Ҳамин хел ар нигаҳ созад чи созам.
Агар ту дер монӣ, дор маъзур,
Ки ман ночор аз нав ишқ бозам.
Ба зидди теғи ин чашмони ҷоду
Сипар азбаски бар дил ман надорам,
Ба дафъи шӯриши ишқи балоҷӯ
Ирода, эй ирода, бош маҳкам.
Чаро бар кокулонаш дилбарона
Насими шӯх бозӣ менамояд,
Чаро бо ин маро дар ин миёна
Ба нози ишқ розӣ менамояд.
Лаби аз барги гул нозуктари ӯ
Чаро охир барои ханда моил?

Ба нури чеҳраи чун ахтари ӯ
Чаро дил мешавад пайваста қоил?
Ирода, эй ирода, дар куҷоӣ,
Ниҳоят ту ба ман ин лаҳза даркор.
Маро аз теғи ин чашми сиёҳе
Биёю дар паноҳи худ нигаҳ дор.

## ФАҚАТ ЯК ДАМ

Шабе бахт омаду дар меҳмонӣ,
Фақат як дам ба паҳлӯят нишастам,
Намедонӣ, ки ман он дам ниҳонӣ
Чӣ сон дилро ба гесӯи ту бастам.

Бигуфтам, хайр бигзор ин дили зор
Каме бо зулфи ту бозӣ намояд.
Агар лозим шавад гӯям чу як бор,
Ба ҷои хеш боз албатта ояд.

Вале чун кӯдаки якрав дили ман,
Дигар бар ман намесозад итоат.
Чӣ бар вай ваъда кардӣ вақти рафтан,
Ваё ки қанд додӣ аз лабонат.

## ҲАР ДУ ДАР ЯК ОТАШЕ МЕСӮХТЕМ

Дар ҳамон шабҳо, ки мо бар ҳамдигар
Чашм дар ҳар як қадам медӯхтем,
Рости гапро кунун гӯям агар,
Ҳар ду дар як оташе месӯхтем.
Лек афсӯс ин ки на ман на шумо
Рози дилҳоро накардем ошкор.
Рафт тозон аз миёни дасту по
Бенатиҷа пурра як фасли баҳор.

Ҳамчу ман шояд шумо хам кардаед
Ҳар нафас дидорбиниро ҳавас.
Лек бар фарёди қумрии умед
На шуҷоат, на забон шуд додрас.
Дар лаби як чашма ҳар ду ташналаб–
Омадему ташналаб рафтем боз.
Соддагӣ бинед, ин ки ман аҷаб,
Бӯсаеро ҳам накардам илтимос.
Мумкин охир, з-ин сабаб тақдир ҳам
Қаҳр карду рафт бар сӯи дигар,
Канда шуд сад риштаи тадбир ҳам,
Чун шумо рафтед бар кӯи дигар.
Худ ба худ гуфтам ки: мумкин солҳо
Ёдатонро мебаранд аз ман тамом,
Лек ҳоло ҳам гаҳе баҳри шумо
Ашк мерезад зи чашмам субҳу шом.

**ШАБ**

Шаб омад. Дар фазои навбаҳорӣ
Ситора бо ситора ҳамнафас шуд.
Расо дар айни авҷи беқарорӣ
Назора бо назора додрас шуд.

Қадам мондем ҳарду лаб-лаби ҷӯ
Ба рӯи майсаи шабнамрасида.
Бидидам, сӯи ман з-он чашми дилҷӯ,
Ситора аз фазо омад парида.

Ту ногаҳ раҳравон тори алафро
Бикандию ба ангуштат бубастӣ,
Пас аз он бар лаби оби мусаффо
Барои об нӯшидан нишастӣ.

Чу чавгони дарози беди маҷнун
Ба рӯи об зулфони ту афтод.
Аз ин ҳолат нигоҳи моҳ мафтун
Шуду бар рӯи дастони ту афтод.

Ту як каф обро бо ханда ногоҳ
Гирифтию ба рӯям пош додӣ,
Маро ту бо ҳамин шӯхии дилхоҳ
Ба авҷи лаззати дунё расондӣ.

## СУБҲДАМ

Субҳдам чун офтоби пурзиё
Зулфи тиллоранги худро шона кард.
Бо табассум ӯ нигоҳи дилрабо
Аз дару тирезаи ин хона кард.

Дид ӯ моҳи ба бистар хобро,
Қадди сарву кокули пуртобро.
Бӯса кард аз рӯи одат нарм-нарм,
Он лаби чун ғунчаи серобро.

Гашта бедор аз шуои офтоб
Моҳ аз тиреза сар берун намуд.
Рӯзи навро карда аз худ баҳраёб
Дилкашу зебову пурмазмун намуд.

## ЗАҲРХАНДА

Чашидам ҳамон шаб, ки заҳри ҷудоӣ
Ба ҳолам ту кардӣ аҷиб заҳрханда,
Диламро накардам бароят «худоӣ»,
Гирифтам варо з-ин сабаб аз ту канда
.

Диле ин ки дар роҳи ишқи муқаддас
Тапиду дамиду биафтиду бишкаст,
Нагардад ба тезӣ муяссар ба ҳар кас,
Ки орад дубора варо боз бар даст.

Ниҳоле, ки боди хазон решакан кард,
Чи сон сабзаду гул кунад дар баҳорон.
Умеде, ки аз ноумедӣ кафан кард,
Наистад дигар дар сафи интизорон.

Дили ман ҳамон дил, ки маҷрӯҳи ишқ аст,
Табобат варо кай тавонад табибе.
Вале баски вай ҳамдаму рӯҳи ишқ аст,
Намонад зи ғамхориҳо бенасибе.

## ҶАВОНӢ АГАР БОЗ ОЯД

Агар рӯзе ҷавонӣ чун баҳорон боз меомад,
Чу оби нуқравори ҷӯйборон боз меомад,
Чу марҷони гул андар шохсорон боз меомад,

Туро меҷустаму меёфтам аз нав,
Ба мӯят қиссаҳо мебофтам аз нав.

Зи нав аспи хаёлу орзуро мезадам маҳмез,
Вафодории худро то барам пешат чу дастовез,
Худамро мезадам бар мавҷи баҳри ишқи шӯрангез,

Қадамгоҳи ту лангаргоҳи ман мешуд,
Замину осмон дилхоҳи ман мешуд.

Зи нав такрор мекардам саволи беҷавобамро,
Ба роҳат ҳадя мекардам ҳама кори савобамро,
Ҳамебурдам ба пешат рӯи каф қалби кабобамро,

Ба он то афганӣ чашми сиёҳатро,
Бубинам ман рухи олампаноҳатро.

Гирифта боз аз нав домани шабзиндадориҳо,
Ба боди субҳ медодам сабақ аз беқарориҳо,
Кашида дар раҳат бо пой нақши интизориҳо,

Ҳамедодам хаёли хешро парвоз,
Ки онро дида шояд мешиносӣ боз.

Фақат изҳори рози хеш андак тез мекардам,
Таваккал карда аз андешаҳо парҳез мекардам,
Замини орзуро зуд ҳосил хез мекардам.

Шукуфон карда боғи рӯзгоратро,
Бибӯям бештар бӯи баҳоратро.

## ТО ҲАМОН ВАҚТЕ КИ РАХШАД ОФТОБ

Лоларо ман соғари дастат кунам,
Пас, шабе бо бӯи гул мастат кунам.
Чун ба рақс оӣ ду чашмам то саҳар
Гашта-гашта бар қаду бастат кунам.

Ошиқ он дам сарфарозӣ мекунад,
Зиндагӣ аз хеш розӣ мекунад.
Ҳалқаат моҳичаи тилло барин
Гар ба пеши дида бозӣ мекунад.

То ҳамон вақте ки рахшад офтоб,
Сар ба зонуям гузорӣ баҳри хоб,
Бар сабо гӯям: даме шӯхӣ макун,
Буд имшаб ёри мо бедорхоб.

Хоб кун, гар хоб мебинӣ маро,
Ё шаби маҳтоб мебинӣ маро.
Зулфаконатро зи дасти ман накаш,
Ғарқи чун симоб мебинӣ маро.

## АРҒУВОН

Нозанине дар лаби баҳри Сиёҳ
Оббозӣ то кунад, омад шабе.
Кард бо диққат ба ҳар сӯ ӯ нигоҳ,
Нест чашме, ғайри чашми кавкабе.

Пираҳан аз худ тамоман баркашид,
Рафт дар об он тани алмосранг.
Мавҷ инро дида бо шодӣ давид,
То бигирад гесуи ӯро ба чанг.

Моҳиён дар обу маҳ дар осмон
(То надорад шарм он соҳибҷамол)
Чашми худ пӯшида буданд он замон,
Маст гӯё гашта аз базми висол.

Ногаҳон ду чашми бешарму ҳаё
Дида, он гулрӯ тамоман шуд карахт.
Сӯи соҳил як давиду аз ибо
Шуд мубаддал ногаҳонӣ бар дарахт.

Тан бараҳна дар лаби баҳри Сиёҳ
Аз ҳаё гӯё, ки сурх аст арғувон.
Аз миёни баргҳо ҷӯяд паноҳ
То шавад аз чашмҳо андак ниҳон.

## ДАР ЁДИ ТУ НЕСТ

Аз куҷо ҳаст ба ёди ту, ки ман бори нахуст
Ба рухат як нигаҳе кардаму дил додам бой.
Ту надонӣ, ки чӣ сон оташи дил кардам руст,
Бар сари миз чаро гашт хунук чойники чой.
Ту надонӣ, ки чӣ сон дар маҳи май хест шамол,
Нест дар хотири ту он занаки пистафурӯш.
Дар лаби ҷӯи нави кӯчаи нав шохи ниҳол
Дошт беҳад зи гули тозаву тар ҳалқа ба гӯш.
Аз куҷо ҳаст ба ёди ту, ки дар оби ҷӯ,
Қоғази қанд, ки партофт касе, заврақ шуд.
Ту бирафтию вале лола барин куртаи ту
Ба раҳи меҳру вафо дар назарам байрақ шуд.
Аз куҷо ҳаст ба ёди ту, ки як одами маст,
Хост чун даст занад себи занахдонатро,
Дасти пурзӯри дигар зуд гирифт ӯро даст,
То ғуборе нарасад чеҳраи хандонатро.
Ба ман ингуна мисол аст зи ҳар чӣ бисёр,
Ба ту ҳам нест аҷаб не, ки аз инҳо камтар.
Мешукуфӣ чу гули навраси айёми баҳор
Мешукуфӣ ту, бале, лек ба уммеди дигар.
Ман туро нағз бидидам, ту маро аммо не,
З-ин сабаб монд ҳама чиз зи ту дар ёдам.
Ба раҳи ҳаҷру алам як худи ман танҳо не,
Ҳаст то зиндагӣ ин роҳ бувад серодам.

## ПИЁЛА

Лабат дар вақти нӯшидан, азизам,
Набуд ар олуи хуштаъми қандин,
Лаби сахти пиёла аз куҷо пас
Бишуд ин гуна нарму гарму ширин!

Лабамро бар лабони ин пиёла
Кунун ҳар гаҳ агар ман мерасонам,
Тасаввур мекунам гӯё дар ин дам
Расад нӯги забонат бар забонам.

Пиёла, эй пиёла, ёдгорӣ
Аз он ширинлаб акнун монда бо ман.
Равоқи ин дили зангорбаста
Шавад хуррам аз он чун боғу гулшан.

## БОДИ САРМАСТ

Ба шӯхӣ боди сармасти пагоҳӣ
Чу бо домони кӯтаҳ бозие дошт,
Зи ду зонуи ҳамчун ширмоҳӣ
Ба ногаҳ пираҳан оҳиста бардошт.

Нигаҳ кардан набуд аз рӯи одоб
Сари худ хам намудам бо тафаккур.
Ба як дам ҳарду моҳӣ рафт дар об,
Сабо, бар шӯхиҳои ту ташаккур!

## ПАРЕШОН ЗУЛФИ АНБАРБӮЙ ГАРДИД

Парешон зулфи анбарбӯй гардид,
Барои дидаи ман тӯй гардид.
Вале ноомадии кор бингар,
Ки шодӣ дар сари як мӯй гардид.

Чаро поезд бо тезӣ равон шуд?
Чаро хуршед хандиду ниҳон шуд?

Гирифту бурд поезд офтобам,
Ҳаметарсидам аз он чӣ, ҳамон шуд.

Надида сер рӯи чун баҳораш,
Нагашта маст аз чашми хумораш,
Чи мегӯед, танҳо шуд насибам
Фироқаш, хоки пояш, шоми тораш.

Тасодуф, боз боре деҳ васиқа,
Ки бинам шояд ӯро як дақиқа,
Зи нав чашмам ба чашмаш боз афтад,
Нигоҳаш бар дилам гардад рафиқа.

## ҶАВОНӢ ВА САФАР

Шаби навбаҳорону мерехт борон,
Тару тоза мешуд аз ин бешазорон.
Чу мерафт поезди мо бас шитобон,
Ҳамешуд вагон пур зи бӯи баҳорон,
Нишастам ба паҳлуи моҳи нигорон.

Зи Саъдӣ бихондам ду-се байти ширин,
Ба васфи ҷавонию зулфони мушкин.
Ҷавобам бидод ӯ ба ашъори Пушкин,
Бишуд базлагӯӣ, бадеҳа пас аз ин
Шабе буд аҷоиб, чу келинбиёрон.

Варо ҳамчу ҷоми зи шарбат лаболаб,
Гирифтам ба дастони ларзон дар он шаб,
Фақат аз ду чашми дурахшон чу кавкаб,
Нигоҳе, адое ба ман буд матлаб,
Ки мекард бахшиш, чӣ хуш, садҳазорон.

Ба оҳанги чархи вагонҳои пурбор,
Чу акси садое, ки ояд зи кӯҳсор,
Ба гӯшам паи ҳам ҳамегашт такрор:
– Ҷавонӣ. Ҷавонӣ...Ҷавонӣ...Ба ту ёр,
Чу ҳастӣ ту аз ҷумлаи бахтёрон.

Баногаҳ баромад ба роҳ он гуландом,
Ба як «хайр» гуфтан зи ман бурд ором.
Вале дар иваз дод ӯ завқу илҳом,
Аз ин рӯ сафар кун дар ин давру айём,
Ҷавонӣ! Ҷавонӣ– гули рӯзгорон!

## МАН НОМИ ТУРО НАМУДААМ ГУМ

Дарёчаи шӯхи пурталотум,
Ман номи туро намудаам гум.
Ин айби ман аст, дор маъзур
Аммо ту зи хотирам наӣ дур.
Ҳар гоҳ биёяд оби шаффоф
Шодоб кунад тамоми атроф,
Бар боғу чаман тароват орад,
Бар ташна ҳузуру роҳат орад,
Бинам, ки зи оғӯши кӯҳистон
Дар пеши назар шавӣ хурӯшон.
Чун шир дамӣ зи синаи кӯҳ,
Резӣ зи ҳазор зинаи кӯҳ.
З-ин рӯ лаби ҷӯ нишаста хомӯш
Бар шаршараҳот мекунам гӯш.
Бинам, ки чӣ сон шитоб дорӣ,
На шаб ва на рӯз хоб дорӣ.
Дарёчаи шӯхи пурталотум,
Ман номи туро намудаам гум.

Бигзор чу ман ҳазор одам,
Номат бикунанд гум дар олам.
Гар гум нашавӣ ту худ кифоя,
Ному шарафат кунӣ ҳимоя.
Бинанда ба шавқи бениҳоят,
Бар ҳар касе мекунад ҳикоят:
Дар бораи мавҷу кафки обат
Дар бораи ҷӯшу изтиробат.
Дар бораи чашмаҳои гармат
Дар бораи майсаҳои нармат,
Дар бораи рафтани башастат
Дар бораи оҳувони мастат,
Дар бораи соҳили базебат,
Дар бораи рақси дилфиребат,
Дар бораи роҳи пур зи сангат
Дар бораи нозу ҳазлу ҷангат,
Дар бораи гулмаҳичаҳоят,
Дар бораи боз ким-чиҳоят...
Дар он чӣ ки ҳаст ном додан
Ё номи наве ба вай ниҳодан,
Мушкил набувад барои одам,
З-ин рӯ ба ту ошиқона ман ҳам
Рози дили хешро кушодам,
«Дарёи гулоб» ном додам.
Дарёчаи шӯхи пурталотум,
Ин номи туро намекунам гум.

## ГИРИФТАМ ЯК ШАБЕ ДАСТАШ БА ДАСТАМ

Баҳор омад, зи кӯҳсор об омад,
Ба болои сарам маҳтоб омад.
Ситора мезанад чашмак ба сӯям,
Ки рав бар хона, вақти хоб омад.

Маро аммо нигоре об кардаст,
Рухамро зард чун маҳтоб кардаст,
Чаро дар гирди кӯи ӯ нагардам?
Маро ишқаш чунин бехоб кардаст.

Гирифтам як шабе дасташ ба дастам,
Сари сарчашмае рафтам, нишастам.
Зи бӯи ҳулбаи кӯҳӣ насиме
Намуд имшаб аҷаб масти аластам.

## МЕҲРИ ДӮСТ

Чун меҳри дӯст бар дил бигрифт ошёна,
Бошад аз он ба одам дар ҳар нафас нишона,
Бисёр чиз гардад аз ёди кас фаромӯш,
Монад валек некӣ дар даҳр ҷовидона.

Дар вақти хайрухуш аз наздат гузар намудам,
Бори дигар ба чашми шӯхат назар намудам.
Дар ин нафас дилатро хондам чу аз нигоҳат
Шодона чун кабӯтар рӯ бар сафар намудам.

Аз кӯчае, ки равшан аз нури ширмаҳтоб,
Ман меравам гузашта чун мавҷи рӯи гирдоб.
Ҳарчанд хандаовар, аммо кунам тасаввур,
Гӯё туро ҳам ин дам ҳаргиз намебарад хоб.

Нағзӣ намудӣ бар ман ҷоно ба дилрабоӣ,
Пошида оби таскин бар оташи ҷудоӣ.
Мумкин ки баъд аз ин мо дигар ҷудо нагардем,
Фардо, агар ба пешам бори дигар биёӣ.

## БА ТУ МАН ДИЛ НАМЕБАНДАМ

Чи ҷои шубҳа кардан, дар ҳақиқат ҳам ту зебоӣ,
Миёни хубрӯёни замона дурри яктоӣ.
Ту маҳбубӣ, ту дилбандӣ, ту ширинӣ, ту барноӣ,
Ту нури чашми биноӣ, чароғи маҷлисороӣ.

Ба ту ман, лек асло дил намебандам, намебандам,
Агар бандам, диламро аз даруни сина мекандам.

Ту ҳайрон мешавӣ аз ин сухан? Не, не, машав ҳайрон,
Ба ман як гӯш бинмо, як ба ин гап зеҳни худро мон.
Барои бахти худ, шояд ки бо ман мешавад тобон,
Ту мехоҳӣ магар гардад аз ин оилае вайрон?

Ба фикрам ҳеҷ инро ту намехоҳӣ, намехоҳӣ,
Агар хоҳӣ, дар ин давру замон, бешубҳа гумроҳӣ.

Ба гирди пур зи неъматҳои дастурхони пурнурам,
Ҳамеша бо зану фарзандҳои хеш масрурам,
Насозад то маро дар оила нону намак кӯрам,
Аз ин дам мекунам ишқи туро рад, дор маъзурам.

Агар инро ту мефаҳмӣ, намеранҷӣ, намеранҷӣ,
Агар ранҷӣ, дар олам, дар ҳақиқат кони беганҷӣ.

Намехоҳам бигиряд он касе, к-ӯ ҳамдамам гардид,
Ба ман дил басту дар роҳи ҳаётам ҳамқадам гардид.
Рафиқи меҳрубони шодию дарду ғамам гардид,
Даме, ки ҷояш омад, бар ҷароҳат марҳамам гардид.

Хиёнат бар чунин ёре? Чӣ бедардӣ, чӣ бедардӣ!
Натанҳо ин ки бедардӣ, зиёд аз ин ки номардӣ!

Ба фарзандони худ бо шодӣ, ар ман дил намебастам,
Чу зарпечак ба боғи зиндагӣ ноҷоя мерастам.
Вале ман баҳри фарзандони худ то будаму ҳастам
Кунам ҳар некию ҳар хизмате, ки ояд аз дастам.

Ба ин дар пеши виҷдон қарз дорам, қарз дорам ман,
Ба назди мардум охир ӯҳдадорам, ӯҳда дорам ман.

Макаш, эй гул, маро бо ҳусни худ бар хонавайронӣ,
Пушаймонӣ надорад суд, охир, нағз медонӣ.
Биё, мо такя месозем бар ахлоқи инсонӣ,
«Чаро оқил кунад коре, ки боз орад пушаймонӣ?»

Ману ту дар муҳаббат ҳамсафар асло намегардем,
Агар гардем, мо мисли хасу хошок бедардем.

Намехоҳам, ки бинад заррае ғам чашми ҷодуят,
Набинад офате ин қадду басту ҳусни дилҷӯят.
Дари бахту саодат во шавад рӯзе, ки бар рӯят,
Агар хоҳӣ хабар бинмо маро ҳам дар шаби тӯят,

Ки дастатро ба меҳри додарона сахт бифшорам,
Барои келини нав як қадаҳ пур карда бардорам.

Дар оғӯши диёри номдори нуқрабардӯшам,
Ба ғайрат мисли оби чашмаҳои соф меҷӯшам.
Вале дар назди ту чун ҳайкале, имрӯз хомӯшам,
Дари дилро барои ишқи ту дониста мепӯшам.

Маро бо ин агар ту таъна созӣ, таъна кардан гир,
Насозам ҳеҷ парвою нахоҳам гашт домангир.

Ту ҳангоме, ки фардо, бошарофат мешавӣ модар,
Ба фарзандони худ бо меҳру шафқат мешавӣ ёвар.

Ту он дам, дар ҳақиқат, аз таҳи дил мекунӣ бовар,
Ки шаҳди хонаву дар аз тамоми шаҳд ширинтар,

Маро он дам ту шояд, сарзаниш ҳаргиз намесозӣ,
Ба даври худ, ба бахти худ табассум карда менозӣ.

Чи ҷои шубҳа кардан, дар ҳақиқат ҳам ту зебоӣ,
Миёни хубрӯёни замона дурри яктоӣ.
Ту маҳбубӣ, ту дилбандӣ, ту ширинӣ, ту барноӣ,
Ту нури чашми биноӣ, чароғи маҷлисороӣ.

Ба ту ман, лек асло дил намебандам, намебандам,
Агар бандам, диламро аз даруни сина мекандам.

## ҲУСН

Ба оина барои чӣ малулона назар кардӣ?
Чаро рухсори худро ногаҳон бо ашк тар кардӣ?
Барои чӣ ба табъи хира аз наздам гузар кардӣ?
Чиро овардӣ бар ёдат, чӣ фикреро ба сар кардӣ?

Нагуфтӣ ту ҷавобе гарчи, аммо хуб фаҳмидам,
Ки оби чашмат аз чи буду буд аз чи ғубори ғам.

Аз оина ту ин дам чун назар афкандӣ бар рӯят,
Бидидӣ як-ду оҷангест дар болои абрӯят,
Бидидӣ он сафедиро, ки афтодаст бар мӯят
Табассум шуд гиреҳ з-ин гирди он лабҳои хушгӯят.

Вале, ҷоно агарчи ҳусни одам меравад кам-кам,
Махӯр ғам, гарчи дар ин нест ҷои шодмонӣ ҳам.

Замоне буд рӯят таъна бар садбарги тар мезад,
Лабатро дида лола панҷа бар хуни ҷигар мезад,

Ба доми кокулат дил бурда худро бехабар мезад,
Ба гирди қоматат мурғи малоҳат болу пар мезад.

Ҳар он чи дар раҳи мо пеш омад, мо баҳам дидем,
Баҳори ишқу шаҳди васлро, ҷоно ба ҳам дидем,
Дар оила ғами буду набудиро баҳам дидем,
Азобу роҳати ҳаррӯзаро танҳо баҳам дидем.

Ки бо ин риштаи меҳру муҳаббат сахт маҳкам шуд,
Гулистони ҳаётти мо шукуфту сабзу хуррам шуд.

Худи ту нағз медонӣ, магар модар шудан осон?
Нишастан то саҳар бедор дар паҳлуи фарзандон?
Ба ин, албатта, лозим ишқи поку меҳри бепоён,
Ба ин даркор як олам ҷасорат, як ҷаҳон эҳсон!

Дили ту дар ҳақиқат, кони эҳсону вафо будаст,
Суруди меҳри оламгир бо вай ҳамсадо будаст.

Магар ҳар як ниҳоле ин, ки бо меҳнат ту парвардӣ,
Магар ҳар як гулеро, ки ба шодӣ парвариш кардӣ,
Магар ҳар як сухан, к-аз махзани дил берун овардӣ,
Магар рӯҳи наве, ки ту ба оила даровардӣ,

Саросар ҳар яке он як нишони сурати ту нест?
Ва ё ин инъикоси пурҷилои сирати ту нест?

Ман аз рухсори фарзандонамон рӯи ту мебинам,
Зи қадду басти онҳо қадди дилҷӯи ту мебинам,
Зи барқи чашмашон чашмони ҷодуи ту мебинам,
Лаби ту, хандаи ту, тоқи абрӯи ту мебинам.

Агар хоҳӣ, ки бинӣ ҳусни худро боз зеботар,
Нигаҳ кун як ба фарзандонамон имрӯз, эй дилбар!

## ТУ ГУЛ НЕ

Бидидам, гул вафодорӣ надорад,
Ба роҳи ишқ подорӣ надорад,
Насими раҳгузар чун бӯсад ӯро,
Ба булбул вай дигар коре надорад,
Ту гул не, ҷони ман, ҳаргиз ту гул не.

Гул охир на дилу на дида дорад,
Фақат як чеҳраи хандида дорад,
Агар ҳиммат кунад танҳо ду-се рӯз,
Ба бӯяш хотирам болида дорад.
Ту гул не, ҷони ман, ҳаргиз ту гул не.

Ту дар ҳайрат шудӣ ҳозир аҷаб не,
Валекин ин суханҳо бесабаб не,
Худи ту нағз медонӣ, азизам,
Ҳаёт охир иборат аз тараб не.
Ту гул не, ҷони ман, ҳаргиз ту гул не.

Ту охир мавҷи дарёи вафоӣ,
Ту охир бо дили ман ҳамсадоӣ,
Ба обу оташ афтодам, фитодӣ,
Накардӣ ҳеҷ гоҳ аз ман ҷудоӣ.
Ту гул не, ҷони ман, ҳаргиз ту гул не.

Ба меҳнат чашм коромӯз кардем,
Хаёли толеи фирӯз кардем.
Ту бар ман, ман ба ту дилдорӣ дода,
Шаби торикро ҳам рӯз кардем.
Ту гул не, ҷони ман, ҳаргиз ту гул не.

## БА ЗАНБӮРИ БЕАСАЛ

Ба ёдам ҳаст будӣ ошиқи шайдои ҷононе,
Гирифтори нигоҳи гарм-гарми чашми фаттоне,
Фидою волаи он қадду басту рӯи рахшоне,
Фидои лаъли ҷонбахше, асири зулфи печоне.

Дар охир тӯй барпо гашту беҳад шод гардидед,
Шумо, ҳарду дар он шаб келину домод гардидед.

Ту аз он соате, к-аз боғи мақсад ҳосил афшондӣ,
Сабоҳи шодмониро ба рӯи худ бихандондӣ,
Ба рӯи остони хонаву дар чун қадам мондӣ,
Нигоратро гулу худро чу занбӯри асал хондӣ.

Ту мегуфтӣ, ки занбӯри асал бе гул чӣ месозад?
Ки бо гул зиндааст ӯ, сӯи гул пайваста метозад.

Гузашт аз байн чандин рӯзу чандин маҳ бад ин минвол,
Бидидӣ рӯи фарзанде - дурахшон чун рухи иқбол,
Валекин менамоӣ баҳри чӣ акнун парешонҳол?
Барои чӣ ту мегӯӣ: мапурс ин дам зи ман аҳвол?

– Чӣ гап охир?
– Манам ошиқ!
– Ба кӣ?
– Бар як гули хандон.
– Зану фарзанд дорӣ-ку?
– Чӣ созам, ман худам ҳайрон...

Шунидам пеш кардӣ ту занатро охир аз хона,
Бикардӣ аз худат фарзанди худро низ бегона.
Кунун, вақте ки ёри кӯҳна резад ашк чун дона,
Ту мегардӣ ба гирди ёри нав монанди парвона...

Аҷаб не мекунӣ худро сафед имрӯз бо шодӣ,
Ки бахти хешро меҷӯӣ дар ин мулки озодӣ.

Вале ту булҳавас ҳастӣ дар ин айёми фирӯзӣ,
Муҳаббат соф агар не кай намояд оламафрӯзӣ?
Ту гарчанде ба қадру қиммати одам намесӯзӣ,
Намегарданд фарзанду занат бадбахту берӯзӣ?

Вале одамгарииро зери по кардӣ ба ин корат,
Ки дар ҷамъияти мо доғи нангин аст кирдорат!

Ту аз ёрат вафо бигрифта, додӣ бевафоиро,
Бидида хоксорӣ – ҳадя кардӣ худситоиро,
Чашида шаҳди васл, овардӣ айёми ҷудоиро,
Ҳаво дода вафо бардоштӣ ишқи ҳавоиро,
Ту акнун боз сӯи ёри дигар ҳам қадам монӣ,
Варо ҳамчун гулу худро чу занбӯри асал хонӣ.

Насозам рад ба занбӯри асал як қадр монандӣ,
Ки чун вай бар ҳама гулҳои хушбӯ ту ҳавасмандӣ.
Валекин нағз равшан шуд, ки бар гул дил намебандӣ,
Варо бӯ мекунию пас тамасхур карда механдӣ.

Агар ту олимӣ, аммо чу олим беамал ҳастӣ,
Агар занбӯр бошӣ, ту тамоман беасал ҳастӣ.

Ту аз ҳар сол мехоҳӣ бигирӣ як баҳорашро,
Шукуфтанҳои боғашро, насими лолазорашро,
Намебинӣ ту тобистони гарми мевадорашро,
Намехоҳӣ, ки чинӣ ҳосилашро, ёдгорашро.

Ба зоҳир менамоӣ з-ин сабаб гарчанд чун ошиқ
Ба қонуни муҳаббат дар амал ту нестӣ содиқ.

Надорӣ шафқате, чун ту ба ёру кӯдаки маъсум,
Ту бо ин кардаӣ худро зи виҷдону шараф маҳрум.
Дуруст, албатта мегӯянд дар ҳаққат кунун мардум,
Ки танҳо неш дорию надорӣ нӯш чун каждум.

Аз ин рӯ бегумон, бар ҳар даре гар чашми худ дӯзӣ,
Ба монанди гиёҳи хонасӯзак хона месӯзӣ.

## САФАР КАРДАМ,
## ҶАҲОН ДИДАМ

Сафар кардам, ҷаҳон дидам,
Рухи пиру ҷавон дидам,
Гаҳе фасли хазон дидам,
Гаҳе оби равон дидам.
Вале, эй мулки озодам,
Намерафтӣ ту аз ёдам.
Ба ҳар ҷо фахр мекардам,
Ки ман аз Шарқи озодам.
Нигоҳеро нафаҳмидам,
Сурудеро писандидам,
Гаҳе аз ғусса бигристам
Гаҳе бо дӯст хандидам.
Вале, эй мулки озодам,
Намерафтӣ ту аз ёдам.
Ба ҳар ҷо фахр мекардам,
Ки ман аз Шарқи озодам.
Агар ман боз раҳ гардам,
Ба сад кас ҳамқадаҳ гардам,
Ба гулбоғи фараҳ гардам,
Агар меҳмони Маҳ гардам,
Вале, эй мулки озодам,
Намерафтӣ ту аз ёдам.
Ба ҳар ҷо фахр мекардам.
Ки ман аз Шарқи озодам.

## МАН ШАБИ ВАСЛИ ТУРО МЕКОБАМ

Дилбари гулрухи баодобам,
Чӣ кунам то ки дилатро ёбам?
Туӣ он нурфишон хуршедам,
Туӣ он шӯълафикан маҳтобам.
Ман раҳи ишқи туро мепӯям,
Ман шаби васли туро мекобам.
Ба умеди нигаҳат мехезам,
Ба хаёлоти рухат мехобам.
Лек, ҷонона, туро ранҷондам...
Пас чӣ созам, ки дилатро ёбам?

## ОБИ ҶОНБАХШ

Гул ба оби ҷӯй вақте ки хуморӣ мешавад,
Барги ҳар як ғунча чашми интизорӣ мешавад.
Об ояд тӯй хоҳам кард гӯяд боғи нав,
Ҳар қарори ошиқон аз беқарорӣ мешавад.
Ҳар кӣ кард обод як саҳрои ноободро
Ҳар ниҳол аз ҳиммати ӯ ёдгорӣ мешавад.
Дона то дар хок н-афтад кай ба боло қад кашад,
Қадри одам ҳам баланд аз хоксорӣ мешавад.
Ташнагонро об додан баски мебошад савоб,
Лутфу эҳсони ҳақиқӣ ихтиёрӣ мешавад.
Гул кун, эй саҳрои беҳадду канори рӯзгор,
Оби ҷонбахш аз канал имрӯз ҷорӣ мешавад.

## ДАР БАЗМИ СОҲИБҶАМОЛОН

Имшаб ба базми соҳибҷамолон
Рақсед, ёрон, ҳамчун ғизолон.
Шуд хона равшан, шуд дил мунаввар,
Аз нури чашми кавкабмисолон.

Афтад ба қалби ошиқ шарора
Аз ҳар нигоҳи ширинхисолон.
Моҳи пур омад аз нав ба таъзим
Бар пеши пои абрӯҳилолон.

Гул аз рухи гул мебӯсад имшаб
Чун дар баҳорон шохи ниҳолон.
Рӯи хазонро ҳаргиз набинад,
Боғи муроди ҳамсиннусолон.

## МЕПАРВАРАМ

Беҳтар аз ҷонам туро, эй дилрабо, мепарварам,
Карда ишқатро, чу дил, дар сина ҷо мепарварам.
Зулфи мушкини туро, мисли сабо, мепарварам,
Сарви қаддатро ба боғи дилкушо мепарварам,
Дар дилам ғунчаи меҳру вафо мепарварам.

Ман туро сад бор, эй гулпираҳан, санҷидаам,
Дар вафою шафқату кору сухан санҷидаам,
Хубтар дар рӯзҳои ҷанг ман санҷидаам,
Хизмататро дар раҳи ҳифзи Ватан санҷидаам,
Бештар аз ин сабаб, дилбар, туро мепарварам.

Гарчи будам дур чанде аз ту, буд ин ифтихор,
Рафта дар майдон, намудам бо фашистон корзор.
Буд меҳрат ҷилвагар, дар дидаам, эй гулъузор,
Софтар аз баргҳои қуллаҳои кӯҳсор
Дида ин дам боз дар нашъунамо, мепарварам.

Эй Ватанпарвар нигорам, баски ҳастӣ ҳамдамам,
Аз ту хуррамтар шавад пайваста қалби хуррамам,
Дар гулистони саодат нест андӯҳу ғамам,
Бар ту мегардад қавӣ даҳчанд аҳди маҳкамам,
Меҳри покатро чу шамси пурзиё, мепарварам.

Доимӣ рахшон бувад субҳи сабоҳи бахти мо,
Нур пошад дар ҷаҳон хуршеди моҳи бахти мо
Ҷовидон монад ба олам ҷилвагоҳи бахти мо,
Ин Ватанро к-он бувад пушту паноҳи бахти мо,
Бо шукӯҳу шафқату сидқу сафо мепарварам.

## МЕБАРАМ

Тӯшаи раҳ гарчи аз бӯи баҳоре мебарам,
Гул ба онҷо монду бо худ захми хоре мебарам,
Бар биёбон ёди оби чашмасоре мебарам,
«Меравам аз ин диёру дарди ёре мебарам,
Дарди ёре аз диёре бар диёре мебарам».

Рӯи хубат чун ба оби соф аксандоз шуд,
Зери поят сабзаҳои кӯҳ пойандоз шуд,
Як-ду соат давлати дидори ту дамсоз шуд,
Корвон бар раҳ даромад, боз боре мебарам,
Бори шабҳои фироқу беқарорӣ мебарам.

Ман ки бар назди ту сад арзу ниёз овардаам,
Саҷда бар занҷири мӯҳои дароз овардаам,
Ношукуфта ғунчаҳои сӯзу соз овардаам,
Бо худ он ёди нигоҳи дилшикоре мебарам,
Орзӯи дидани чашми хуморе мебарам.

Гар насибе бошаду боз оям аз ин роҳи дур,
Кор фармоям тамоми ақлу идроку шуур,
То кунам баҳри ту ширин оби дарёҳои шӯр,
З-ин сабаб аз шаккари лабҳот боре мебарам,
Мебиёрам давлати нуру ғуборе мебарам.

# ЧОРМАҒЗ
## (Дубайтиҳо)

## ҚИСМИ ЯКУМ

Саҳархезу саҳардил бош доим,
Чу гул бар ханда моил бош доим.
Ба бадхоҳони худ ҳам ҳарфи хуш гӯй,
Вале дар ҳукм одил бош доим.

Чӣ мепурсӣ ту аз ман шарҳи ҳолам,
Чӣ фарқе аз ҷанубам ё шимолам.
Магар бас не, ки ман чун чашмасорон
Ҳалолу покиза софу зулолам!

Ҷавонӣ мисли руди кӯҳсорӣ,
Дамад, ҷӯшад, намояд беқарорӣ.
Чу бар дарёи аъзам мерасад вай
Намояд касб бар худ бурдборӣ.

Ба пудина бигӯяд оби ҷӯбор:
Саратро хам бикун, эй дӯст, якбор,
Ки бӯсам аз рухат ҳангоми падруд,
Шавам шояд гулобе баҳри бемор.

Ба тӯҳматгар макун исбот ҳақро,
Ки ӯ ҳаргиз намебинад шафақро.
Зи чашми ӯ ниҳон кун дафтари дил
Нахонад беҳ, китоби зарварақро.

Табиб ар заҳри қотил мул кунонад,
Заминро дасти деҳқон гул кунонад.
Агар бӯи чаманро мекунад ҳис,
Муҳаббат ҷуғзро булбул кунонад.

Ба як кор ин қадар фармони бисёр,
Дар онҳо амру ину они бисёр.
Чу бар ҳар дард бошад як давое,
Чӣ ҳоҷат ин қадар дармони бисёр?

Ба ҳар ҷо хоку обу оташе ҳаст,
Шаби ҳиҷрону субҳи беғаше ҳаст.
Ба ҳалли мушилоти зиндагонӣ,
Бидон сад иштибоҳу каш-каше ҳаст.

Ба олам мард аз номард бисёр,
Ҳавои нарму гарм аз сард бисёр.
Макун пинҳон, бигӯ дарди дилатро,
Ки ҳамдард аз каси бедард бисёр.

Дурӯён чун зи берӯӣ дурӯянд,
Ба модар ҳам ҳақиқатро нагӯянд.
Дили мо гуфта,– чун хони кушод аст,
Вале худ косаҳои сарфурӯянд.

Даҳонро ҳам чу дар қулфу калид аст,
Валекин аз назарҳо нопадид аст.
Даме к-он мешавад во, кас надонад,
Дар он лафзи мусаффо ё палид аст.

Зиёфатҷӯ хушомадгӯй бошад,
Ҳушу ёдаш ба базму тӯй бошад.
Ба рӯят ҳамчу меҳмонхона хандад,
Вале чун оғили бадбӯй бошад.

Ба гул биншаста хандон мешавам ман,
Ба оҳан путку сандон мешавам ман.
Ба душман дарду бар ёрони ҷонӣ
Давои дарди дандон мешавам ман.

Самои ишқро сайёрае шав,
Ба ҳар бечорае, рав чорае шав.
Ба сармохӯрдагон дар рӯзи сармо
Ҳароратбахш, оташпорае шав!

Сияҳ буд ар замин ман кишт кардам,
Сафеду нарм чун болишт кардам.
Дили ҳар муфтхурро то тавонам
Сияҳ чун пораи ангишт кардам.

Ғазаб бар нокасон ҷорӯби мо буд,
Сухан гӯё ки тир аз тӯпи мо буд.
Табассумҳои мо андар лаби мо,
Гаҳе завқу гаҳе ошӯби мо буд.

Дар оромии олам шӯрише ҳаст,
Ба ҳар сардии дил як ҷӯшише ҳаст.
Ба сӯи мазраи хуршед рафтан,
Ба ҷони мӯр ҳам як кӯшише ҳаст.

Ватан бо кӯҳу дарёяш азим аст,
Ба имрӯзу ба фардояш азим аст.
Агарчанде ки худ аз панҷ ҳарф аст,
Ба рӯҳи поку маънояш азим аст.

Саҳар дар бешазорон коҷ ларзид,
Хурӯси субҳдамро тоҷ ларзид.
Наларзид ин дилам аз харчи ларзид,
Вале аз нолаи муҳтоҷ ларзид.

Наботот аз замин оҳиста рӯяд,
Нигаҳ садбарги бороншуста ҷӯяд.
Сухан гавҳар, ки бошад фикр карда,
Варо оқил фақат дониста гӯяд.

Шабе ою шабе шину шабе рав,
Ки охир зиндаҳо дар рафтуоянд.
Ба рӯят гар касе дар баст рӯзе
Дигарҳо дар ба рӯят мекушоянд.

Хирадмандон хирадро меписанданд,
Рафоқатро, мададро меписанданд.
Вале хартинатони одамирӯ
Суханро не, лагадро меписанданд.

Зи даъвоҳои ин шоиртарошон,
Шавад афзун сафи шӯҳратталошон.
Вале ҳаргиз намерӯяд гиёҳе,
Зи саъйи донаҳои пучпошон.

Саҳар гул дида занбӯри асалро,
Ба шакли дигаре гуфт он масалро:
Ба ҷои нӯш мехоҳам занӣ неш,
Тамоми олимони беамалро.

Баро хуршедсон аз хонаи худ,
Ризо аз ёру аз бегонаи худ.
Бикор андар замини бахти бедор,
Чу деҳқон аз пагоҳӣ донаи худ.

Барои зиндагонӣ роҳ бисёр,
Ситора дар фазо аз моҳ бисёр.
Аҷаб не з-ин сабаб дар хирмани шеър,
Зи гандум пораҳои коҳ бисёр.

Макун шарм ар ба боғи рӯзгорон,
Зи ҳосил хам шавӣ чун шохсорон.
Агар ханданд, хандидан бигиранд,
Сабукборон ба ҳоли бурдборон.

Ба кӯҳе дӯғ мезад муши дарвеш:
– Танатро мекунам ман оқибат реш.
Ба ӯ хандид кӯҳу гуфт: бобот,
Ҳамин гап гуфта буд сад сол аз ин пеш!

Гапи сарбаста аз мастӣ набошад,
Бурун аз ибрати ҳастӣ набошад.
Ба маҷнунбед бингар, ҳеҷ гоҳе
Сари хам рамзи сарпастӣ набошад.

Ба қоғаз ҳарчӣ хоҳӣ менависӣ,
Гуноҳу бегуноҳӣ менависӣ.
Бубин, рӯи шабу васфи саҳарро,
Ҳамеша бо сиёҳӣ менависӣ.

Ба кас ширинию ҳам шӯрие ҳаст,
Гаҳе биноӣ, гоҳе кӯрие ҳаст.
Ба гул зорӣ куну бар хор зӯрӣ,
Туро гар зорию гар зӯрие ҳаст.

Чӣ ҳоҷат ҳарфҳои гуфта гуфтан,
Ҳамон беҳтар наву носуфта гуфтан.
Набошад айб ҳатто бар ҳалимон,
Ба дилсахтон сухан ошуфта гуфтан.

Канал бикшода бар дарё расидем,
Зи дарё то ба ин маъво расидем.
Замини ташналабро об дода,
Ба боғу роғи беҳамто расидем.

Ба пеши дилхушон нохуш нишастан,
Бувад чун оби оташкуш нишастан.
Нахоҳӣ гар шавӣ шамшери бурро,
Чӣ ҳоҷат бар дами чаккуш нишастан.

Барорад аз қазо ногоҳ харгӯш
Ду шохи тез бар ҷои ду он гӯш.
Бихӯсад боз аз мӯру малах ҳам,
Нагардад феъли харгӯшӣ фаромӯш.

Ба якрангии шабнам фардие ҳаст,
Ба рӯсурхон гаҳе рӯзардие ҳаст.
Ба ҳар балвогару оташмизоҷе,
Ниҳон аз чашмҳо хунсардие ҳаст.

Ду дил бар роҳи ишқи софу комил,
Ба нармӣ мешавад оҳиста моил.
Хурӯшон наҳр лекин ошиқона,
Нагирад беҳ, ки аз домони соҳил.

Шабе мегуфт райҳон: хор не ман,
Ба гулҳо з-ин сабаб ҳамёр не ман.
Вале ҷои ман аст андар баногӯш,
Наранҷам аз ту гар даркор не ман.

Ба поён як гурӯҳи морбозон,
Ба паҳлу орунешу орубозон.
Ба боло бо азоб истодаам ман,
Ба рӯи ресмон чун дорбозон.

Наёрад ширинӣ бисёрии қанд,
Аз он сар мезанад бемории қанд.
Забони талх бошад – талх, ҳарчанд,
Варо ширин кунӣ бо ёрии қанд.

Зи пургӯӣ ҳар он кас ор дорад,
Сари хам, шохаи пурбор дорад.
Хиёнатпеша авсофи садоқат
Ба ҳар ҷо бар забон бисёр дорад.

Касе пургӯӣ бар худ ор донад,
Гапи бисёр бар хар бор донад.
Хамӯшонро набояд таъна кардан,
Аҷаб не, аз ту ӯ бисёр донад.

Сафар бар роҳҳои дур кардам,
Назар бар қасрҳои нур кардам.
Вале аз бахти одам чун сухан рафт,
Ватан, номи ту бо он ҷӯр кардам.

Занӣ таънам: сухан аз гул навиштӣ,
Ту боз аз хониши булбул навиштӣ.
Навиштам, ман ба амри дил навиштам,
Навиштӣ ту, барои пул навиштӣ.

Агар хурду калон пурсабр мешуд,
Ғизоли кӯҳсорӣ бабр мешуд.
Агар бадниятон дилро кушоянд,
Ҷаҳон торик мисли қабр мешуд.

Ҳақиқат доимо якранг будаст,
Гаҳе нарму гаҳе чун санг будаст.
Вале ҳар ҷо ки буду ҳасту бошад,
Дар атрофаш дусад найранг будаст.

Канӣ гар лолаҳоро даста-даста,
Мапарто зуд чун ҷоми шикаста.
Тавaққуф кун, даме андеш, ёд ор,
Азоби сабзаи аз хок раста.

Касе аз некӣ осебе надидаст,
Кадомин бори кач, ҷое расидаст?
Ба мисли доруи духтур гапи ҳақ,
Агарчи талх бошад ҳам, муфид аст.

Ба мавқеаш сухан гуфтан накӯяст,
Алаф гар қимат аз сад нозбӯяст.
Агарчи печкаи мо рӯсиёҳаст,
Чу гармӣ медиҳад, вай гармрӯяст.

Агар булбул ҳамешуд аккаи мо,
Ва ё медод шире таккаи мо,
Дусад афсонае мешуд ҳамоил,
Ба ҳар риши ҷуворимаккаи мо.

Гулу лола саҳар бо шабнамаш хуб,
Ҳаёти мо ба шодию ғамаш хуб.
Барои одами солим ҳамеша
Зи ширинию талхӣ кам-камаш хуб.

Агар хуршедсон олам фурӯзӣ,
Чи суд, ар дар ғами олам насӯзӣ.
Заминро саҷда кун, дар ин замин аст
Барои ҳар яки мо ризқу рӯзӣ.

Ба қаллобӣ ба ҳар сӯ шод рафтан,
Ҳамон беҳтар тамом аз ёд рафтан.
Агар натвонӣ некӯном монӣ,
Ғуборосо, чи хуш, барбод рафтан.

Сухан гӯӣ, сухан гӯ моҳирона,
Қадам монӣ, қадам мон омирона.
Дурӯғе гуфтанат гар шарт бошад,
Бигӯ танҳо дурӯғи шоирона.

Замини сахтро шудгор карданд,
Ҳаёти хуфтаро бедор карданд.
Ба дӯшаш кору бору зиндагиро,
Ба сад умед охир бор карданд.

Агар чун мурғи қу бошӣ сабукбол,
Машав аз мавҷи дарёҳо ҳаросон.
Агар вазнинтарӣ аз оби дарё,
Расидан то ба соҳил нест осон.

Аз афташ, ман дарахти мевадорам,
Ки пур аз ҳосидон гирду канорам.
Ба зоҳир хушзабонанду валекин,
Ҳамехоҳанд кардан сангсорам.

Тавонгар бо пули худ фахр дорад,
Чаман бо ҳар гули худ фахр дорад.
Аз ин рӯ то намонад берун аз саф,
Хари мо аз ҷули худ фахр дорад.

Бикӯш, эй ҷон, ки чун оина бошӣ,
Мусаффо, пурҷило аз дина бошӣ.
Ба сӯи қуллаҳои сарбаландӣ,
Ба пеши пои ёрон зина бошӣ.

Чаро мӯи дарозатро буридӣ?
Чаро чавгони нозатро буридӣ?
Ба он мӯ доштӣ як имтиёзе,
Чаро ин имтиёзатро буридӣ?

Зи ҳар ҷо хору хасро рӯфтам ман,
Аз он як гулхане афрӯхтам ман.
Дилат то андаке бар ман шавад гарм,
Хазон не, худ худамро сӯхтам ман.

Алам дорӣ – аламро кун идора,
Қалам дорӣ – қаламро кун идора.
Ба ҳастӣ мард бошӣ бош беҳаст,
Ба худ чоҳу ҳашамро кун идора.

Тани курта ба берун мебароӣ,
Чу рӯҳе бар замирам медароӣ.
Шафақсо то насозӣ роҳро гум,
Чу оина саҳар раҳ менамоӣ.

Шабе гуфтам ба ман рӯзӣ набошад,
Чу ту гар ҷону ҷонсӯзе набошад.
Аз ин айшу аз ин ҷому шаробе,
Ба ман бигзор як рӯзе набошад.

Шавам барфу ба миҷгонат нишинам,
Аз он ҷо бар гиребонат нишинам.
Зи гармии тани ту об гардам,
Чу қатра рӯи домонат нишинам.

Биҷӯянд аз чароғи шаб фурӯғаш,
Зи ору неш не, доруи нӯшаш.
Ба ҳаққи ман дурӯғу рост гуфтанд,
Рақибонро писанд омад дурӯғаш.

Агар ин мавҷи оби Ғунд бошад,
Талотумноку тезу тунд бошад!
Ба номаш хос бошад, он чи бошад,
Табар ҳар ҷой бошад, кунд бошад.

Агар бо зинаҳо боло барой,
Ба Моҳу Зӯҳраю Парвин барой,
Ба ёдат дор ҳар як зинаеро,
Ки бо онҳо ба поён мефарой.

Ба ман як қатра об орӣ, кифоя,
Умеде чун сароб орӣ, кифоя.
Ба мижгонат ғубор аз қӯраи ишқ,
Чу гарди осиёб орӣ, кифоя.

Нигоҳат оташе зад манзиламро,
Ба ҳам омехт вай обу гиламро.
Ба пеши чашми мардум кард пора
Паланги чашмат оҳуи диламро.

Ба ту наздику беҳад дурам имрӯз,
Саҳар маҳруми рӯи нурам имрӯз.
Сари хам меравам, обилапоям,
Ба мисли хӯшаи ангурам имрӯз.

Ҳамехоҳам, ки ошиқ буданамро,
Дар ин раҳ сар ба ҳасрат суданамро,
Ба ҳар кас гӯяму ҷӯям начоте,
Намехоҳам худам осуданамро.

Ҳазорон сабза дар як боғ рӯид,
Ҳама бе нуқсу дарду доғ рӯид.
Кабӯтар бо кабӯтар ҷуфт карданд,
Аз онҳо ногаҳон як зоғ рӯид.

Баҳорон буд, наргис омаду рафт,
Чароғи аҳли маҷлис омаду рафт.
Гулу себаргаҳо аз ҷой ҷастанд,
Насими ёри мӯнис омаду рафт.

Табибе ин ки дардамро даво кард,
Ба вақти дору додан як хато кард.
Ба дигар сӯ табассум карду хандид,
Адое карда ӯ моро адо кард.

Гадо будем, бар сарват расидем,
Биҷустем обу бар шарбат расидем.
Шабе аз дӯзахи ҳиҷрон гузашта,
Яку якбора бар ҷаннат расидем.

Дили яхпораат гармӣ надорад,
Чу оҳанпорае нармӣ надорад,
Ки аз сахтии он шуд рӯзи ман сахт,
Маро кушту аз ин шарме надорад.

Дар ин гулбоғ ҳар шаб гап-гапи туст,
К-анори нордон лаъли лаби туст.
Ҳамин садбарги чун барфи сафеде,
Нишона аз ду рӯю ғаб-ғаби туст.

Куҷоӣ, духтари шарқӣ, куҷоӣ,
Ба чашми шӯълаи барқӣ, куҷоӣ.
Ба ҳоли ин ғарибони дуогӯ,
Чаро ин қадр бефарқӣ, куҷоӣ?

Ҷаҳонро сайр кардӣ ҳамчу боде,
На пӯшидӣ дареро на кушодӣ.
Нашуд ҳосил зи гаштанҳо умеде,
Нашуд пайдо аз он дарҳо муроде.

Чаро ин қадр бар мо мехурӯшӣ?
Магар ту оши деги нимҷӯшӣ?
Агар фоидае бар ту наояд,
Ватанро ҳам ба се пул мефурӯшӣ.

Ба илм ар ғолибӣ, ғолибтаре ҳаст,
Ба гул ар толибӣ, толибтаре ҳаст.
Агарчи рағбате дорӣ ба коре,
Ба он шояд зи ту роғибтаре ҳаст.

Дар ин манзил, ки берӯҳо зиёданд,
Зи меҳнаткаш балегӯҳо зиёданд.
Қадамро рост мону рост раҳ рав,
Ки бадгӯҳою бадхӯҳо зиёданд.

Ба оби тирае олуда гаштам,
Ба сӯҳони надомат суда гаштам.
Аз оташ доманамро дур кардам,
Худ аз худ сӯхтам, осуда гаштам.

Шумо ду шохи гул, ду навниҳолед,
Шумо ду қатраи оби зулолед.
Аз ин рӯзу аз ин соат, аз ин шаб
Барои ҳамдигар ҳаққу ҳалолед.

Шумо ду ҷӯи дарёи сафоед,
Шумо ду булбули боғи вафоед.
Шумо ду пораи лаъли Бадахшон,
Барои ҳамдигар оҳанрабоед.

Саҳар рафтам туро фарёд кардам,
Зи чашмони сиёҳат ёд кардам.
Агар дидам ба дом афтода оҳу,
Ба ёди наргисат озод кардам.

Бубин ин чашмаю чашмони моро,
Гули наврастаю армони моро.
Гули навраста рӯзе гар хазон шуд,
Шунав сад нолаю афғони моро.

«Шаби маҳтоб маҳтобӣ кашидам»,
Азоб аз дасти бехобӣ кашидам.
Тапид ин дил ба регистони фурқат,
Чу моҳӣ берун аз обе кашидам.

Ба мактаб дарси худро хонда рафтӣ,
Ту лекин дафтаратро монда рафтӣ.
Ба кӣ биспорам акнун дафтаратро?
Маро ту пушти сар хоронда рафтӣ.

Шунав то рӯз афғон кардани ман,
Мазан теғи ҷафо бар гардани ман.
Бимон то зинда монам як-ду рӯзе,
Чи лозим бар ту охир мурдани ман?

Нишастам бар лаби айвонат, эй гул,
Шудам имрӯз ман меҳмонат, эй гул.
Чи сон созам фаромӯшат, ки хӯрдам
Намак аз рӯи дастархонат, эй гул.

Дар ин атроф боғе дида будам,
Даруни шаб чароғе дида будам.
Фаришта буд андар зонуи дев,
Ба базми ғунча зоғе дида будам.

Бароят ҳастиямро бохтам ман,
Зи худ афсонаҳое сохтам ман,
Дар оина саҳар карда назора,
Худамро дидаму нашнохтам ман.

Ба ҷое рав, ки з-он ҷо омадан ҳаст,
На занҷиру на дому на расан ҳаст.
Ҳаминро дон, ки булбулро гулистон,
Туро бо меҳр парварда ватан ҳаст.

Диламро тоза кун якбор аз занг,
Биё, зан бар гули зарди худат чанг.
Гул ар хоҳӣ зи ман, танҳо гули сурх,
Варо бо хуни дил ман мекунам ранг.

Зи ту дурдона будан, чидан аз ман,
Зи ту гул-гул шукуфтан, дидан аз ман.
Агар хоҳӣ равам бар пушти боғат,
Ишорат аз туву фаҳмидан аз ман.

Агарчанде ки дар як гӯша будам,
Ба гандумзори ҳиммат хӯша будам.
Ба рӯзи сахт дар роҳи биёбон
Ба раҳгумкардагон чун тӯша будам.

Агар оӣ, биё вақти дарав ту,
Шабе ою дигар з-ин ҷо нарав ту.
Бигӯ аҳди маро сахту гарав банд,
Барӣ аз ҳар кӣ мебандӣ гарав ту.

Гаҳе болою гоҳе зер рафтам,
Ба наздат з-ин сабаб ҳам дер рафтам.
Дили ман оҳу буду чашми ту шер,
«Ба пеши шер бешамшер рафтам».

Магӯ бар ман, ки рӯзи шодӣ омад,
Ба мурғони қафас озодӣ омад.
Маро хоҳӣ ба ваҷд орӣ, бигӯ гул,
Ки боди субҳдам аз водӣ омад.

Чаман бо атри мӯят тоза карданд,
Қадатро бо ниҳол андоза карданд.
Туро ҳамчун парии осмонӣ,
Дусад афсонаю овоза карданд.

Хуш он вақте ки бо ҳам менишастем,
Даме беғуссаю ғам менишастем,
Агарчанде на сарват буду на мол,
Ба тахти бахти олам менишастем.

Ба чашмонат назар медӯзам аз нав,
Туро мебинаму месӯзам аз нав.
Китоби ишқро аз нав кушода,
Сабақ аз ишқ меомӯзам аз нав.

Шаби беёр рафта шаб набошад,
Лаби бебӯса монда лаб набошад.
Табе дорӣ агар, бояд бисӯзӣ,
Таби бесӯзи ҳазён таб набошад.

Гаҳе гунҷишк аз шаҳбоз зӯр аст,
Гаҳе сарчашмаи шаффоф шӯр аст.
Чу дар қонуни нисбат ибрате ҳаст.
Бузургии ҷаҳон дар чашми мӯр аст.

Шараф ҷустам, вале шӯҳрат наҷустам,
Зафар ҷустам, вале давлат наҷустам.
Маҳ ар чокар шуду парвин ғуломам,
Саманди дархури савлат наҷустам.

Ҳасадхӯрҳо ҳасадбонӣ намоянд,
Ниҳонӣ мору дадбонӣ намоянд.
Ту з-ин хел одамон доман бадар кун,
Ки онҳо худ ҷасадбонӣ намоянд.

Ба пушти боғ рое кардаам ман,
Анору себпоӣ кардаам ман.
Агарчи посбон будам дар он ҷо,
Зи бӯи гул гадоӣ кардаам ман.

Шаби шанбе саропо даргирифтам,
Душанбе мушти хокистар гирифтам.
Сешанбе бурд боду чоршанбе
Ҳаёт аз меҳри ту аз сар гирифтам.

Рухатро бо рухи гул рӯ ба рӯ кун,
Ду зулфатро ба шабнам шустушӯ кун.
Пас аз он дар биёбони хаёлат,
Мани дилдодаро ҳам ҷустуҷӯ кун.

Агар аз кӯҳ чун оҳу фароӣ,
Ба боғи себу шафтолу дароӣ,
Дилам хоҳам шавад шохи ниҳоле,
Барои мева то бар он бароӣ.

Агар боре шавам ман ҳамнишинат,
Бигирам гесувони чин ба чинат.
Ба сӯи осмонат нола карда,
Бибӯсам аз рухи поки заминат.

Шаби идасту идие фиристон,
Нишони рӯзи шодие фиристон.
Шабонгаҳ то саҳар ояд ба пешам,
Зи рухсорат сафедие фиристон.

Худат себию себе чида рафтӣ,
Ба лаълии базебе чида рафтӣ.
Гули зебо худат будӣ, гул аз боғ
Ба нози дилфиребе чида рафтӣ.

Саҳаргаҳ пардаи равзан кушодӣ,
Ниқоб аз лолаву савсан кушодӣ.
Баҳористони дар нашъунаморо
Расо дар фасли бишкуфтан кушодӣ.

Сари моро ту дишаб садр будӣ,
Самои бахти моро бадр будӣ.
Зи маҳ ҳам қадри ту боло шуд андак,
Ту худ азбаски олиқадр будӣ.

Шудам чун дур аз пеши чароғат,
Барам ҳар ҷо кунун ман дарду доғат.
Саҳарҳо аз шафақ ҷӯям рухатро,
Шабонгаҳ пурсам аз кавкаб суроғат.

Ту он боди вазон будӣ, ки рафтӣ,
Ба ҷӯ оби равон будӣ, ки рафтӣ.
Барои ман нишон аз худ намондӣ,
Ту он ҷону ҷаҳон будӣ, ки рафтӣ.

Сафар кардам ба сад шаҳру вилоят,
Ба ҳар ҷо кардам аз ҳуснат иморат.
Зи ҷабру зулму бедоди ту аммо
Накардам бар дили худ ҳам шикоят.

Макун фарёд агар фарёдрас нест,
Рав аз ҷое, ки он ҷо ҳамнафас нест.
Агар хоҳӣ, ки бошӣ мурғи озод,
Бирав ҷое, ки домеву қафас нест.

Ду чашмам манзили абри баҳорист,
Дилам лабрези шаҳди беқарорист.
«Ба зери чашми ман шолӣ бикоред»,
Ки он ҷо доимо ду чашма ҷорист.

Зи абри навбаҳорон дона резад,
Ба рӯи сабзаҳо дурдона резад.
Ту ой, гавҳари лутфу малоҳат
Ба рӯи мардуми он хона резад.

Ба ту дорам ҳазору як тавалло,
Дили маҷрӯҳи моро деҳ тасалло.
Ба марҳампурсӣ пешат омадам ман,
Зи ҳар ҷо карда сад қарзу тавалло.

Ман аз лутфи ту гаҳ ҷон мегирифтам,
Зи мӯят атру райҳон мегирифтам.
Чаро гулхонаи лабҳот қулф аст,
Аз онҳо бӯи дармон мегирифтам.

Шабе бар ҳайрат овардам фалакро,
Гирифтам бо намак кони намакро.
Хазонак кард деҳқон ҳандалакзор,
Аз он дуздида бурдам ҳандалакро.

Ҳамон шоме, ки дар ҳукми саҳар буд,
Ба дасташ байрақи фатҳу зафар буд.
Дилу чашмам ба олам ҳукм меронд,
Вале з-ин аҳли олам бехабар буд.

Саҳар хуршеди рӯят шӯъла мезад,
Лаби гулро лабат лаблӯла мезад.
Садои хандаат чун кабки кӯҳӣ,
Миёни кӯҳҳо зангӯла мезад.

Туро, эй ҷони ширин, ёд кардам,
Чу булбул то саҳар фарёд кардам.
Биёю бин, ки чун сахрои ҳаҷрат
Ба оби дидаам обод кардам.

Ту будию баҳори дилкашам буд,
Дар оташхонаи дил оташам буд.
Ту рафтӣ оташи дил гашт хомӯш,
Ки ин оғози рӯзи нохушам буд.

Ба хобам медароӣ, мебароӣ,
Лаби гул мекушоӣ, месароӣ.
Диламро карда аспак ҳамчу тифлон,
Ба рӯяш мебароӣ, мефароӣ.

Фидои куртаи нимостинат,
Ки аз сарви қади болонишинат,
Ба мисли гардани зебои қуе,
Намояд соиди софу маҳинат.

Бишустӣ рӯ ба оби софи чашма,
Дурахшон шуд рухи шаффофи чашма.
Аз ин рӯ з-оби рӯи ту барояд,
Гулу пудина дар атрофи чашма.

Зи тиреза гули ман сар баровард,
Дили мушти пари ман пар баровард.
Ба дастамбӯи ӯ чун даст бурдам,
Кафи ман мушт-мушт анбар баровард.

Замин гоҳе самои чин ба чин аст,
Само гоҳе замини махмалин аст,
Миёни гирдбоди орзуҳо
Хаёли ошиқи содиқ чунин аст.

Чу дишаб ҳусни ту фармондеҳӣ дошт,
Лимӯҳо он қади сарви сиҳӣ дошт.
Хаёлам шабпарак буду лабат гул:
Намедонам ҷаҳон чи кӯтаҳӣ дошт?

Ба ӯ арзону бар ман қимматӣ ту,
Ба ӯ ҳарфию бар ман ҳикматӣ ту.
Зи ту вай серу ман лекин гурусна,
Ба ман иқболу бар ӯ қисматӣ ту.

Мисам, лек аз нигоҳат зар шавам ман,
Самои ишқро ахтар шавам ман.
Маро кун ғарқ бар дарёи уммед,
Ба он дарё фитам, гавҳар шавам ман.

Ба ёди рӯзҳои офтобӣ,
Нишастам дар шабони моҳтобӣ,
Ту будӣ хобу ман дар гирди кӯят,
Гирифтам домани бедорхобӣ.

Агарчи ҷӯйбор оби равон дошт,
Ҳаво атру замин аз сабза ҷон дошт.
Шукуфон боғ, лекин бе ту имшаб
Ҳама пажмурдаю ранги хазон дошт.

Саҳар дил пеши булбул имтиҳон дошт,
Ҳамегуфт он чи дар дилҳо ниҳон дошт.
Муаллим буд агарчи булбули боғ,
Худаш дар ишқи гул оҳу фиғон дошт.

Ҷамолатро матову мол бисёр,
Шакар андар лабат то ҳол бисёр.
Ба гирдат з-ин сабаб бо сад умеде,
Дили аз шавқ моломол бисёр.

Ду чашмат на кабуду на сиёҳ аст,
Набошад қотилу не бегуноҳ аст.
Ту дорӣ инчунин чашмон, фақат ту,
Чи рангаст он? Ҳама дар иштибоҳ аст.

Ба ман он чашми бозат бозие дошт,
Шаб аз мӯи ту худпардозие дошт.
Сафи мичгони бераҳмат диламро
Нишон бигрифта тирандозие дошт.

Маро дида ба пеши остонат,
Биистодӣ ду даст андар миёнат.
Ба ҳарфи «Ф» шудӣ монанду аммо,
Наомад номи ман андар забонат.

Маро аз маснади садру вазирӣ,
Бувад беҳтар ба дасти ту асирӣ.
Дар он ҷо сахтгирӣ шарт бошад,
Дар ин ҷо ҳаст умеди дастгирӣ.

Ду чашмат теғи алмос аст, алмос!
Ду зулфат мисли раққос аст, раққос!
Ту аз бас гавҳари дарёи ҳуснӣ,
Дилам ҷӯянда ғаввос аст, ғаввос!

Ба ман шуд ром як оҳуи кӯҳӣ,
Аз он омад ба сӯям тоза рӯҳе.
Бигуфтам: кистӣ ту? Гуфт: «Илҳом»,
Бигуфтам: бод қурбонат Шукӯҳӣ.

Қадат сарве лаби ҷӯ мешинонад,
Сияҳчашми ту олу мешинонад.
Тамоми ошиқонро зонуи ту,
Ба як дидан ба зону мешинонад.

Туро дар саҳфаи дил ном бисёр,
Зи васлат ҳамчу ман ноком бисёр,
Туро андешаҳои пухта дар сар,
Маро аммо хаёли хом бисёр.

Ба ҳар кӯҳе бувад кабки дарие,
Ба ҳар шаҳре дусад ҳуру парие.
Аз ин рӯ ҳаст сад марди шикорӣ,
Ҳазорон ошиқони сарсарие.

Шабе ҳар он чи ту мехостӣ, буд,
Ба сад дил манзил ар мехостӣ, буд.
Вале гуфтӣ ба ман: дорам туро дӯст,
Дурӯғат хубтар аз ростӣ буд!

Қадам дар ин чаман ман монаму ту,
Китоби рози дил ман хонаму ту.
Дигарҳо бо тасаввур ҳарф гӯянд,
Чи гап шуд байни мо ман донаму ту.

Маҳи пур боз шуд, бин, моҳпора,
Ба оби ҷӯ фитод акси ситора.
Чаро он дам, ки як дам бо ту будам,
Намеояд, намеояд дубора?

Шабе чатрат ба сар гардуни ман буд,
Ҳино дар нохунат аз хуни ман буд.
Маханд акнун ба афсункардани худ,
Ки чашмат боиси афсуни ман буд.

Баҳорон ёри мо гар қаҳр мекард,
Сияҳ рӯзи тамоми шаҳр мекард.
Агар хандад дар айёми зимистон,
Ҷаҳонро гулшани хушбаҳр мекард.

Баҳорам рафту омад тирамоҳам,
Ба ёд омад савобам, ҳам гуноҳам.
Агар авфи ту бошад, нест боке,
Сафед аз нав шавад рӯзи сиёҳам.

Ба ҷуз қаддат на шому на пагоҳӣ,
Набошад ошиқонро сарпаноҳе.
Ба рӯят гар нигаҳ кардан гуноҳ аст,
Дар олам нест марди бегуноҳе.

Табассумро ба сад гул ёд додӣ,
Такаллумро ба булбул ёд додӣ.
Ба лаълат маст карданро шабу рӯз,
Ба ҷоми заррини мул ёд додӣ.

Зи рӯят моҳ тобон буд дишаб,
Биёбонам хиёбон буд дишаб.
Ту рафтию хиёбони умедам,
Ғалат кардам, биёбон буд дишаб.

Ба ман рӯҳан ту аз ҳар кас қаринӣ,
Вале ҷисман чу маҳ дур аз заминӣ.
На аз ёдам равӣ як дам, чи рӯз аст,
Ба паҳлӯям на як дам менишинӣ.

Ба зулму адлат аз бас қозие нест,
Чу ман аз он чи гӯӣ, розие нест.
Дар олам ҷуз ба ҷонон ҷон супурдан,
Гуворотар ягон ҷонбозие нест.

Рухатро маҳ, лабатро хандае ҳаст,
Ба ҳуснат ҳамчу ман сад бандае ҳаст.
Чу таҳкурсӣ миёни нозукатро
Зи мармар гунбази ларзандае ҳаст.

Вафо аз холдорон хол-хол аст,
Садоқат ҷустан аз онҳо маҳол аст.
Зи таннозони гулрӯ лутфу эҳсон
Чу бӯи гул ба фармони шамол аст.

Насиме лаб-лаби ин ҷӯй мерафт,
Гумон кардам, ки вай бар тӯй мерафт.
Ба сӯят ҳамчу дастовез имшаб,
Зи ҳар як гул гирифта бӯй мерафт.

Шабе ман сӯҳбататро фарз кардам,
Ҳар он чи буд дар дил арз кардам.
Бароят ҳарфҳои шӯху ширин,
Наёбам худ, зи Ҳофиз қарз кардам.

Ба ман рӯзе, ки бе ту рафт, шаб буд,
Шабам ҳам пур-пур аз ҳазёни таб буд.
Ту будӣ баски аз ман сад қадам дур,
Миёни васлу фурқат як ваҷаб буд.

Чи хуб ин куртаи чун ғунча тангат,
Ки аз он пайкари софу тарангат
Ҳамехоҳад шавад ҳар лаҳза озод,
Ба мисли ҳарду рӯи лоларангат.

Табиат, чун ато кардӣ ҳавасро,
Ба фарёдам расон фарёдрасро.
Тасодуф, як нафас кун ҳамнишинам,
Нигори гулрухи райҳоннафасро.

Ба ҳар ҷо по ниҳӣ гар побараҳна,
Замин он ҷо шавад зебо чу саҳна.
Ба девори дили аз санг ҳам сахт,
Занад бешубҳа миҷгони ту рахна.

Худ аз худ чашми шӯхат роми ман шуд,
Лабат мушкилкушои коми ман шуд.
Нигоҳат, хандаат, нозат, адоят
Зи нав сарчашмаи илҳоми ман шуд.

Ба рӯи реги соҳил нақши поят,
Хабар мегӯяд аз ҳар рафтуоят.
Бипурсидам туро аз мавҷ, ӯ гуфт
Насими субҳ гӯяд ин ҳикоят.

Туро дидам ба вақти хонарӯбӣ,
Ҳаму болошавии сарву тӯбӣ.
Ба гирди қоматат оҳуи завқам,
Ба шодӣ менамудӣ пойкӯбӣ.

Ба ҳар ҷое шакар бошад, магас ҳаст,
Ба ҳар коре касеро як ҳавас ҳаст.
Агар мурғи сухангӯ ҳасту сайёд,
Дар он ҷо донаву дому қафас ҳаст.

Шаб ар сураткаши мӯи ту бошад,
Шафақ оинаи рӯи ту бошад.
Тамоми чор фасли сол ошиқ
Ба хидмат дар такопӯи ту бошад.

Ба ин ҷо гар ту меоӣ пагоҳӣ,
Баҳор ояд ба боғи тирамоҳӣ.
Ба дарёи дилам шӯ дасту рӯят,
Ки то он пур шавад аз ширмоҳӣ.

Агар ин ҳарфи ман фаҳмо наомад,
Арӯси саркаши маъно наомад,
Сабаб ин аст, к-он моҳи парирӯ,
Ба ҳар ҷо рафту пеши мо наомад.

Хиромон гаштанатро ёд кардам,
Ба сар гулбастанатро ёд кардам.
Ба мисли хирмани гул дар лаби ҷӯ
Саҳар биншастанатро ёд кардам.

Ту бошӣ гар парӣ, ман одамастам,
Агар ту сабзаӣ, ман шабнамастам.
Ба ту гул банда шуд, булбул гирифтор,
Магар ман аз гулу булбул камастам?

Маҳи май ояд, аз «май» гуфтани ту,
Бихандад гул зи «бай-бай» гуфтани ту.
Чу гирам бар забон ҳаргоҳ номат,
Чи ширинаст «лаббай» гуфтани ту.

Ҳузури ҷони зорам омаду рафт,
Ба дил сабру қарорам омаду рафт.
Надонистам, ки аз ин омаду рафт,
Баҳори рӯзгорам омаду рафт.

Нигаҳ кардам чу бар чашми сиёҳат,
Ки гӯё баҳри ман бо ҳар нигоҳат.
Гаҳе бишкуфта, гоҳе ғунча мешуд,
Лабони бӯсабахшу бӯсахоҳат.

Накарда хайрухуш аз дидаи ман,
Чу рафтӣ, эй гули хандидаи ман,
Чу арзан рехт аз каф он умеди
Ба мичгон дона-дона чидаи ман.

Қадат чун бо қади ман пайравӣ дошт,
Нигоҳат бо нигоҳам якшавӣ дошт.
Лабонат бар лабонам майл мекард,
Дилат аз худсариҳо якравӣ дошт.

Чи хуш аз дилкушоии шаби ман,
Намеғунҷид ҷон дар қолаби ман.
Ба ҳам буданд дар доду гирифте,
Лаби ҷому лаби ёру лаби ман.

Ҷамолат ҳукми шоҳаншоҳие дошт,
Вафоят расми хотирхоҳие дошт.
Чи хуш буд, ин ки аз зулфи сиёҳат,
Шаби ҳиҷрон забонкӯтоҳие дошт.

Табиби ман, биё, бетобам аз нав,
Куҷо бошӣ, туро мекобам аз нав.
Ту оби сардию ман реги сӯзон,
Лабонат гар макам, ҷон ёбам аз нав.

Миёни мову ту дарёи оҳ аст,
Ба ҳар як оҳ як мавҷе гувоҳ аст.
Ману ту ҳамчу соҳилҳо зи ҳам дур,
Ба васли мо намедонам чи роҳ аст.

Ду абрӯят, ки чун тиру камон аст,
Рухат чун баъди борон осмон аст.
Барад лаззат аз онҳо чашми бино,
Ҳаловат ҳам дар ину ҳам дар он аст.

Ба фармонат итоат мекунам ман,
Ба ғамҳои ту одат мекунам ман.
Фақат бар булбули зори сухангӯ
Каме аз ту шикоят мекунам ман.

Хиромон омадӣ монанди товус,
Вале рӯят надидам сер, афсӯс.
Нигоҳе бар нигоҳи ҳардуи мо
Ниҳонӣ теғ мезад ҳамчу ҷосус.

Шабе тири нигоҳат беибо зад,
Чу сайёде, ки доим бехато зад.
Марон аз пеши лабҳоят лабамро,
Ки худро ташна бар оби бақо зад.

Баҳорамро зимистон карда рафтӣ,
Сабоҳамро шабистон карда рафтӣ.
Ҳаётам буд равшан, буд фаҳмо,
Чаро онро ту чистон карда рафтӣ?

Биё, шаҳди вафо нӯшида имшаб,
Ба тан гулгунқабо пӯшида имшаб.
Шаби соли навасту ҳеҷ розе
Намонад байни мо пӯшида имшаб.

Ба дарди ишқи худ ман чора ҷустам,
Туро чун зар зи санги хора ҷустам.
Чаро чун хоби ширин рафтӣ аз чашм,
Магар ман аз замин сайёра ҷустам?

Ҳикоятҳои ман дуру дарозанд,
Саропо нолаву аҷзу ниёзанд.
Ҳамон беҳ пеши ту хомӯш бошам,
Ғаму шодӣ ба ҳамдигар насозанд.

Сабо гулбозтар буд ё ту будӣ?
Саҳар таннозтар буд ё ту будӣ?
Надонистам ба ин ҳусну латофат,
Чаман пурнозтар буд ё ту будӣ?

Чӣ мешуд ин, ки шогирди ту бошам,
Саҳар то шом дар гирди ту бошам.
Агар оташ задан хоҳӣ ба ҷонам,
Худи ман тори гӯгирди ту бошам.

Аз омад-омадат моро хабар кун,
Шаби шабзиндадоронро саҳар кун.
Гиёҳи дар биёбон растаро ҳам
Ту аз борони лутфат баҳравар кун.

Туро хобест аз бехобии ман,
Туро тобест аз бетобии ман.
Ба дарёи ду чашми интизорам,
Намеоӣ чаро мурғобии ман?

Дилам аз ту нагардад сард ҳаргиз,
Зи қавли худ нагардад мард ҳаргиз.
Нагардад сабзаҳои ишқи покам,
Дар айёми хазон ҳам зард ҳаргиз!

Ба фардо гар умеди кас калон аст,
Заминаш заррину обаш равон аст.
Агар садсола бошад ҳам ба дидан,
Рухаш пиру вале рӯҳаш ҷавон аст.

Набошам то ки з-ин пас бори хотир,
Ба хобат ҳам нагардам ҳеҷ зоҳир.
Фақат овар ба ёдат гоҳ-гоҳе,
Ки дар шаҳри шумо ҳастам мусофир.

На бар маҳ ҳарф гуфтам, на ба моҳӣ,
На май бишнид розам, на суроҳӣ.
Ҳамон арзе, ки дар дил бар ту дорам,
Қасам хӯрдам, ки гӯям ин пагоҳӣ.

Ду-се рӯзе ба ту ҳамсоя будам,
Ба дилхоҳони ту якҷоя будам .
Ҳаросон будам, аммо ҳар дақиқа
Ту гӯё нуру ман чун соя будам.

Намедонам, магар моро қасам зад,
Ки ҳар ҷо рӯ ниҳам хору хасам зад.
Маро ҳамчун кабӯтар дида дишаб
Зи як сӯ тиру як сӯ каргасам зад.

Саратро гоҳ рӯмолем, рӯмол,
Таги кафши ту помолем, помол.
Зи дастат пеши пои душману дӯст
Ба мисли тӯби футболем, футбол.

Маро ҳангоми танҳоӣ ба ёд ор,
Ба мисли боди саҳроӣ ба ёд ор.
Чу кори бод бошад омаду рафт,
Ба ин ҷо ҳаргаҳе оӣ ба ёд ор.

Агар ман гесӯятро хонда бошам,
Чу мурғе лона он ҷо монда бошам.
Агар гӯянд: ҷои ту биҳишт аст,
Илоҳӣ бе ту з-он ҷо ронда бошам.

Насим аз кӯҳсор оҳиста омад,
Ба оби чашмаҳо рӯ шуста омад.
Маро гуфтӣ: ҳаво гармаст имшаб,
Ана шаббода ҳам дониста омад.

Ба мактабхона чун ман хӯ гирифтам,
Баҳои панҷ аз ҳар сӯ гирифтам.
Вале аз дарси ишқу ишқбозӣ,
Ба ҳар як чоряк даҳ ду гирифтам.

Туро чун бар сари минбар кашиданд,
Зи оғӯши садаф гавҳар кашиданд.
Сухан гуфтию бо мизони ҳикмат
Варо гӯё ба тилло баркашиданд.

Ба гул чидан гули мо боз омад,
Чаман, дар ханда шав, гулбоз омад.
Бихон булбул, биҷӯш, эй чашмасорон,
Ба нозе шӯхи шӯрандоз омад.

Зи рӯят дидаам рӯи саҳарро,
Зи кӯят дидаам роҳи гузарро.
Маро охир чу ҳезум гиру сӯзон,
Нахоҳам шӯълаҳои бешарарро.

Агар дар рафтанат боз омадан ҳаст,
Маҷоли дар даву тоз омадан ҳаст!
Ба дилҳои ғариби паршикаста,
Дами аз нав ба парвоз омадан ҳаст!

Агар ман роз гуфтам, рост гуфтам,
Туро дилбоз гуфтам, рост гуфтам.
Аз ин рӯ бар фиғони ошиқонат,
Ту гӯш андоз гуфтам, рост гуфтам.

Насими ағбаи Анзоб омад,
Шаби маҳтоби гаштанбоб омад.
Дилам мехост то Варзоб рафтан,
Вале ҷони ман аз Варзоб омад.

Шавад то қулфи мушкилҳо кушода,
Бигир аз домани ақлу ирода.
Ба ҳалли кори некӯ кун таваккал,
«Таваккал нар бувад, андеша мода».

Шабе ман номатонро бӯса кардам,
Чу гушна рӯи нонро бӯса кардам.
Валекин бештар мондам гурусна,
Магар боди вазонро бӯса кардам?

Нигори шӯхчашми қистакӯзӣ,
Маро то кай дар ин оташ бисӯзӣ?
Илоҳӣ гирад охир ин дуоям,
Лабонамро лабонат бод рӯзӣ!

Шабе пайғоми ҷонро хонда будам,
Хати оби равонро хонда будам.
Ҳар он чи хондаам ман донаму бас,
Яке рози ниҳонро хонда будам.

Ба номи духтари варзобӣ гардам,
Агар ӯ маҳ шавад, маҳтобӣ гардам.
Ба пеши чашмае ояд саҳаргоҳ,
Хаёлам кабк не, мурғобӣ гардам.

Парешаб як парӣ меҳмони ман буд,
Ду чашми ахтарӣ меҳмони ман буд.
Чи бахте, офтоби оламоро,
Зи чархи ахзарӣ, меҳмони ман буд.

Агар моҳи шавӣ – дарё шавам ман,
Агар май мешавӣ – мино шавам ман.
Туро аз баҳри дидан, баъди мурдан,
Ба сад ранги дигар эҳё шавам ман.

Ҳамон шириншамоил омаду рафт,
Барои ғорати дил омаду рафт.
Шабе гӯё, ки киштии умедам,
Саробосо ба соҳил омаду рафт .

Ду чашмат мисли шаб, рӯят чу рӯз аст,
Нигоҳат найрии оламфурӯз аст.
Ҳам аз лутфат, хам аз қаҳрат бигардам,
Дилам з-онҳо ба соз асту ба сӯз аст.

Мазан шохи дарахтони ҷавонро,
Макун лой оби шаффофи равонро.
Ки бе ин ҳам ба умри хеш бинӣ,
Ҳам оби тира, ҳам рӯи хазонро.

Ба иблисон ту ёру ҷӯра будӣ,
Аз ин рӯ худписанду тӯра будӣ.
Бимурд иблису рӯят шуд намоён,
Фақат дажғоли зери кӯра будӣ.

Шабе чун нури маҳ мӯят бибӯсам,
Шавам райҳон зи гесӯят бибӯсам.
Бигардам чун насими шӯх гирдат,
Агар хобат барад, рӯят бибӯсам.

Зимистон кард рафтанро фаромӯш,
Ниҳоли гул шукуфтанро фаромӯш.
Зи сардӣ кардаанд акнун забонҳо,
Сухан аз меҳр гуфтанро фаромӯш.

Саҳоби абри ҳасрат жоларез аст,
Замини кӯи ошиқ лолахез аст.
Муборактолъатонро хон ба кӯят,
К-аз онҳо ғуссаю ғам дар гурез аст.

Ба олам хотири ошуфта кам не,
Суханҳои басе носуфта кам не.
Агарчи қиссаи ишқ аст такрор,
Дар он ҳарфи хуши ногуфта кам не.

Агарчанде ки дар як гӯшаам ман,
Зи гандумзори ҳиммат хӯшаам ман.
Мазан ту пешпо гар сер бошӣ,
Ки шояд бар ягон кас тӯшаам ман.

Фурӯ бар гоҳ оҳи хештанро,
Макун пинҳон гуноҳи хештанро.
Пас аз он гарчи раҳ гум кардаӣ ту,
Биёбӣ боз роҳи хештанро.

Биё, ҷоно, ки гул дар ханда бошад,
Фидоят булбулу гул банда бошад.
Бикун коре, вале ҳар дилсияҳро,
Умед аз ту тамоман канда бошад.

Ҳама ҷамъу вале ҷои ту холӣ,
Чаман аз қадди раънои ту холӣ.
Биё, имшаб, ки ин манзил нагардад
Аз он зулфи сумансои ту холӣ.

Аз оби софи дур аз роҳ будан,
Ҳамон беҳ оби шӯри чоҳ будан.
Ба меҳмонии назди дӯстон ҳам,
Ҳамон беҳ кам-каму гаҳ-гоҳ будан.

Ту рафтӣ монд садҳо доғ бо ман,
Кабӯтар бо рақибу зоғ бо ман.
Парид аз рӯи гул ҳусну малоҳат,
Фақат монда хазони боғ бо ман.

Ҳамон вақте ки меҳмони ту будам,
Саропо масту ҳайрони ту будам.
Лабат бар бӯса додан буд моил,
Вале ман моти чашмони ту будам.

Агар бар гул нигаҳ кардан гуноҳ аст,
Тамоми халқи олам рӯсиёҳ аст.
Мазан бо ханҷари нозат диламро,
Ки аз лаъли лабат он додхоҳ аст.

Лабат қанду лабат қанду лабат қанд,
Лабат бо найшакар хамвора пайванд.
Бигӯ бар ин Хуҷандӣ ҳарфи ширин,
Ки он бошад чу ҳалвои Самарқанд.

Ба боғи ҳусни ту дар навбаҳорон,
Шавам абру чакам чун оби борон.
Шабе гар боғбон ғофил бимонад,
Бичинам ман анор аз шохсорон.

Чу мурғ аз ин макон парво накардам,
Ҳар он чи гуфт адӯ парво накардам.
Барои сӯхтан дар шамъи ҳуснаш,
Диламро ҳамсафи парвона кардам.

Лабонат аз табассум офариданд,
Забонат аз такаллум офариданд.
Ба ин ҳусну ба ин шӯру малоҳат,
Туро чун бетараҳҳум офариданд?

Гаҳе аз кӯчаи мо ҳам гузар кун,
Зи лутфат ошиқонро баҳравар кун.
Мукофот аз лабат додан нахоҳӣ,
Шаби моро ба рухсорат саҳар кун.

Барои ҳар гаҳе бар гардани кӯҳ,
Нагардад чашм сер аз дидани кӯҳ.
Ту хандию бихандад кӯҳсорон,
Шавад аз лолаҳо пур домани кӯҳ.

Дилам пар-пар заду мушти паре шуд,
Зи ишқат сӯхту хокистаре шуд.
Чу по бар рӯи он боре ниҳодӣ,
Ба гулрӯёни олам анбаре шуд.

Аз он сӯзам, ки дар болои сӯзам,
Шаби дайҷур механдад ба рӯзам.
Ман аз чашми ҳасудони сияҳдил,
Ҳаметарсам ба он гул чашм дӯзам.

Саҳар рафтам ба пеши гулфурӯшон,
Ба он ҷо омад он кокулпарешон.
Ба вай гулҳо ҳама таъзим карданд,
Зи ҳар сӯ шуд дусад булбул хурӯшон.

Зи боғи лутфу оташхонаи таб
Туро холу маро табхола дар лаб.
Худо ҳам то рухат бисёр бинад,
Шаби ту рӯз карду рӯзи мо шаб.

Диламро деҳ, ки ман бедил намонам,
Ба мисли мурғи нимбисмил намонам.
Агар ишқат бувад гирдоби дарё,
Маро ҳам бар, ки дар соҳил намонам.

Шавам тилло, агар заргар шавӣ ту,
Барорам бол, агар кафтар шавӣ ту.
Фалакпаймоӣ бар худ пеша созам,
Агар дар осмон ахтар шавӣ ту.

Ман инсонам, дадӣ аз ман наояд,
Ба ҷуз некӣ, бадӣ аз ман наояд.
Худамро худ бифаҳмам, худ шиносам,
Ғуруру бехудӣ аз ман наояд.

На булбулро, на гулро дӯст дорӣ,
На кокулро, на мулро дӯст дорӣ.
Гулу булбул, мулу кокул ба ман мон,
Ту пулро гир, пулро дӯст дорӣ.

Чаман бишкуфту дар авҷу амал шуд,
Аҷоиб тӯй дар моҳи ҳамал шуд.
Тамоми бӯсаҳои додаи гул
Ба занбӯри асал, охир асал шуд.

Туро хоҳам кунам фирӯзи борон,
Ба нӯги сӯзани гулдӯзи борон.
Бидӯзам чатри сабз аз барги бодом,
Ба сар гирӣ варо то рӯзи борон.

Бимурдам ман аз ин бедор хуфтан,
Гирифт овози ман аз ёр гуфтан.
Маро ёбанд агар фасли хазонрез,
Туро чун лола дар вақти шукуфтан.

Ба ту вобаста бошад ҳастии ман,
Асоси ақлу ҳушу мастии ман.
Чунонам кун, ки то мардум набинад,
Ба роҳи ишқи ту сарпастии ман.

Надорам гарчи бозуе чу Фарҳод,
Канам то кӯҳҳоро ман зи бунёд.
Диле дорам, вале монанди дарё
Ки мехоҳад кунад ҳар манзил обод.

Дар ин ҷо хирмани гул дида будам,
Баҳори зулфу кокул дида будам.
Саҳаргаҳ нолаи ошиқ шунида,
Ҷаҳон бо чашми булбул дида будам.

Ту ҳамчун чашма, мо чун регзорем,
Ба ҳар амвоҷи софат интизорем.
Гузар чун абри найсон аз сари мо,
Ки бар ҳар қатраат умедворем.

Агар гул бошӣ, бо гулҳо шавӣ ту,
Чароғи базми булбулҳо шавӣ ту.
Агар пул гардӣ, гардӣ даст бар даст,
Пули тиллоии пулҳо шавӣ ту.

Ту, эй соҳибҷамоли чорбоғӣ,
Ба чашмам медурахшӣ чун чароғе.
Ба роҳи ошиқонат шӯълае пош,
Набинӣ ҳеҷ гоҳе дарду доғе.

Ба даври зулфи ту зиндонӣ бошам,
Ду лаб хомӯшу дил тӯфонӣ бошам,
Агарчи шаҳриему пойтахтӣ,
Вале дар ишқи ту Рӯмонӣ бошам.

Малоҳат аз чаман худро кашидаст,
Нигори ман зи ман худро кашидаст.
Набинад то маро дар паҳлӯи худ,
Зи чашми марду зан худро кашидаст.

Яке рафту дигар меояд аз нав,
Пас аз талхӣ шакар меояд аз нав.
Чӣ хушбахтӣ, ки баъди шоми ҳиҷрон,
Ба сӯи ман саҳар меояд аз нав.

Дарахтон бар тани худ суф кашиданд,
Ба рӯ ранги рухи Юсуф кашиданд.
Ба гардан аз садаф марҷон ниҳода,
Ба роҳи пешвозат саф кашиданд.

## ҚИСМИ ДУЮМ

Шеъри шоир шеър не, роз аст он,
Пеши чашмони хирад боз аст он.
Бар яке ин сатр агар беқиммат аст,
Дигареро хубу мумтоз аст он.

Ман давоми солу моҳи рафтаам,
Ҳалқаи ҳафтуми ҳар як ҳафтаам.
З-ин сабаб аз кӯҳнаю нав бешу кам
Бошад андар гуфтаю ногуфтаам.

Бор агар вазнин набошад, бор нест,
Кор агар мушкил набошад, кор нест.
Аз мунофиқ дуртар будан беҳ аст,
Ёр агар содиқ набошад, ёр нест.

Баҳри ҳар як байту ҳарфи ин варақ,
Аз сару рӯи қалам борид арақ.
Ангур аз ангур ранге мебарад,
Шоир аз шоир ҳамегирад сабақ.

Субҳдам бе орзу тор асту бас,
Буттаи гул ғунчаи хор асту бас.
Чор фаслу чор рӯзи зиндагӣ,
Чархгардиҳои паргор асту бас.

Одам аз мастӣ муғаррақ мешавад,
Дасти доно бели завраҳ мешавад.
Номи дар ҳифзи Ватан қурбоншуда,
Вақти сахтӣ боз байрақ мешавад.

Давраҳои хокбозӣ ҳам гузашт,
Бар ҳар оташ худгудозӣ ҳам гузашт.
Нисфирӯзӣ сояҳо кӯтоҳ шуд,
Бегаҳи лек аз дарозӣ ҳам гузашт.

Бенишонӣ ҳам нишоне доштаст,
Санги хоро ҳам забоне доштаст.
Ақли мо акнун, ки бар ҷое расид,
Осмон ҳам нардбоне доштаст.

Он ки бо сарват ба олам тоқ шуд,
Чун Зарафшон шӯҳраи офоқ шуд.
Зарра-зарра зар ба он андохта,
Баъди чандин асрҳо қашшоқ шуд.

Гар ба ҳар бероҳа роҳе будааст,
Дар биёбон оби чоҳе будааст.
Аз хато тарсида дам будан хатост,
Бегуноҳӣ ҳам гуноҳе будааст.

Боғ бояд ин ки пурҳосил шавад,
Одамӣ пеш аз ҳама одил шавад.
Мард он бошад, ки сӯи ташнагон
Мисли оби чашмаҳо моил шавад.

Навбаҳорон пардаи ноз асту бас,
Сар ба сар пардозу андоз асту бас.
Пас набояд монд ақиб аз корвон,
Оби руди бахт дартоз асту бас.

Васфат ар созанд – огоҳӣ шумор,
Ростгӯёнро ба худ доҳӣ шумор.
Ғукро дар ботлоқи зиндагӣ,
Лозим ояд гоҳ-гаҳ моҳӣ шумор.

Умри одам бе падар ҳам бигзарад,
Мавсими гул бе назар ҳам бигзарад.
Сӯи фатҳи қуллаҳо мардона рав
Гар хатар ояд, хатар ҳам бигзарад.

Олиме мехост гӯяд ҳикмате,
Ҳикмати чун дурру гавҳар қиммате.
Умри ӯ рафту вале пайдо нашуд,
Ҳикмате аз он дили беҳиммате.

Дор маҳкам бахти омадкардаро,
Раҳ мадеҳ бар лаб гапи бепардаро.
Аз бадиҳо бадтаринаш он бувад,
Гар бубахшӣ одами бадкардаро.

Панҷ қитъа, панҷ иқлим, панҷ рӯҳ,
Панҷ гавҳар, панҷ дарё, панҷ кӯҳ.
Панҷ ҳарфи сулҳ ҷовидон бувад,
Медиҳад якҷоя маънову шукӯҳ.

Олим ар бошӣ суханро дӯст дор,
Баҳсҳои тан ба танро дӯст дор.
Ҳар чиро бад бинӣ бад дидан бигир,
Лек Модарро-Ватанро дӯст дор.

Сурх шуд барги дарахти навҷавон,
Гуфт акнун мерасам то осмон.
Оби ҷӯро боди сарде бӯса кард,
На равонӣ монду бар ӯ на равон.

Зиндагӣ рақси шаҳобе асту бас,
Ҷилваи мавҷу ҳубобе асту бас.
Навбаҳору ишқбозиҳо дар он
Нашъаи ҷоми шаробе асту бас.

Зиндагӣ кабку уқобе доштаст,
Ҳам ҳақиқат, ҳам саробе доштаст,
Нест чизе беҳисоб андар ҷаҳон,
Реги саҳро ҳам ҳисобе доштаст.

Рӯбаҳосо он, ки рух хандон кунад,
Нийяти худро зи ту пинҳон кунад.
Лозим ояд таъна бар гавҳар зада,
Бар гулӯ хармӯҳраро марҷон кунад.

Кӯҳ бошад, сангу шах ҳам мешавад,
Чашма бошад, обу ях ҳам мешавад.
Назди некон бадгуҳарҳо ҳам зиёд
Киштро кирму малах ҳам мешавад.

Морҳо вақте ки морӣ мекунанд,
Муфтхӯрон дастёрӣ мекунанд.
Ин палидон з-оби чашми модарон
Субҳдам доим наҳорӣ мекунанд.

Аз калону хурд калтак хӯрдаам,
Силиҳо монанди таблак хӯрдаам.
Ҷояш ояд, ҷои мурғу моҳӣ ман,
Ғукро монанди лак-лак хӯрдаам.

Чун ҷунуни ишқ бар дил реша ронд,
Вай ба бехи ақли одам теша ронд.
Дар ҷавонӣ ошиқи шайдошуда,
Чист ин? Кӣ дар куҷо андеша ронд?

Ҳамчу ҷон парвар ниҳоли тӯсро,
Шав дарахте бешазори русро.
Ёд гирӣ дӯстию ростӣ,
Бо нигори хеш бӯсобӯсро.

Дар ҳаёт одам, ки дорад маррае,
Дон дар ин раҳ қадри ҳар як заррае.
Ҳарфи беҷое, ки гӯяд бедаҳон,
Бар дарахти умр гардад аррае.

Дилсияҳ тӯҳмат чу пул ғун мекунад,
Нолаҳо бас пеши қонун мекунад.
Чун намегардад сиёҳи ӯ сафед,
Таънаҳо бар обу собун мекунад.

Додаӣ равнақ чунон сафсаттаро,
Кардаӣ ташбеҳ ба оҳан латтаро.
Баъди ин бошад раво, бошад савоб,
Гар хӯрӣ аз ҳар мунаққид шаттаро.

Дар назар ҳарчанд ман осудаам,
Заррае аз олами мавҷудаам.
Дар сари кӯят дигарҳо по зананд,
Ман ҷабину рӯи худро судаам.

Ӯ гуноҳи худ ба гардан мегирад,
Сад қасам ҳар лаҳза хӯрдан мегирад.
Аз нав, аммо рӯзи дигар бо фиреб,
Кори худро боз кардан мегирад.

Ҳар куҷо гар донаи гандум шавӣ,
Гармрӯ бар дидаи мардум шавӣ.
Гар шавӣ чун каҳ сабук дар зиндагӣ,
Бурда бодат аз назарҳо гум шавӣ.

Дӯстӣ аз некӣ гирад ибтидо,
Кӯш, то онро набошад интиҳо.
Дӯстӣ монанди пайванди ниҳол,
Баъди тарбият кунад нашъунамо.

Ташна ёди оби дарё мекунад,
Оби дарё ёди саҳро мекунад.
Ҳам ғариқу ҳам ғарибӣ ташналаб,
Фикри ҳалли як муаммо мекунад.

Дилсиёҳон дилсиёҳӣ оваранд,
Ранги шабро аз пагоҳӣ оваранд.
Хайрро ёбанд илоҷаш, пеши шар
Баста баҳри узрхоҳӣ оваранд.

Дар ҷавонӣ буд ҳар чи дар барам,
Бар ту бахшидам ба сад лутфу карам.
Пас шудам қашшоқу дар дӯкони ишқ
Моли арзонгаштаи каснохарам.

Бе ту дур аз ақлу ноқис мешавам,
Чун хазон афтода беҳис мешавам.
Лек ҳар ҷое ки мебинам туро,
Бо тасаввур садри маҷлис мешавам.

Хок ҳам дар гашти доно пул будаст,
Хор ҳам дар навҷавонӣ гул будаст.
Аз ҳамин рӯ рост бошад бар нигор,
Беди маҷнун як замон кокул будаст.

Чун ниҳолон дар сарам андешаҳо,
Боз меронанд шоху решаҳо…
Роҳи мақсад бо азобе бигзарад,
Аз миёни рӯду кӯҳу бешаҳо.

Бо ту дишаб сайру гаште доштам,
Ман чи хуш як сарнавиште доштам,
Кокулонат чун парешон мешуданд,
Хайма гӯё дар биҳиште доштам.

Гарчи мисли гард бодам кардаӣ,
Гашта-гашта боз ёдам кардаӣ.
Обу тобам дода, байни одамон,
Ту маро, ҷонона, одам кардаӣ.

Будани ман бо ту як шаб будан аст,
Роз баҳри як замон бикшудан аст.
Ин такопӯ, ин азоби солҳо,
Баҳри як соат ба ту осудан аст.

Дасти ман бигрифт зулфони туро,
Бӯй кардам шохи райҳони туро.
Кош медодӣ иҷозат во кунам
Тугмаи чоки гиребони туро.

Дар сарат дидам пагоҳӣ шарфи нав,
Зери поят фарш мешуд барфи нав.
Бӯсаи нав хостам, гуфтӣ ки не!
Хостӣ чун барфи нав як ҳарфи нав.

Зарраҳои барф сӯят тохтанд,
Бар лаби ширини ту дил бохтанд.
Аз нигоҳат гашта об, аммо чу ман
Хешро дар зери пот андохтанд.

Ҳар диле, к-аз ишқи ту шайдо шавад,
Бар ту ҷон бахшад, зи ту эҳё шавад.
Алҳазар аз оби чашми ошиқон,
Рафту рӯзе гирди ту дарё шавад.

Гӯш додӣ боз ту оҳи киро?
Нур мепошӣ кунун роҳи киро?
Аз ҳисоби обҳои чашми ман
Мекунӣ обод даргоҳи киро?

Чашми мо кардаст ёди хобро,
Ҳалқи мо кардаст ёди обро.
Гар надодӣ дору аз лаълат, бипурс
Лоақал ҳоли мани бетобро.

Қиссагӯӣ қиссаи нав оварад,
Ғусса хӯрдан ғуссаи нав оварад.
Кӯш, то шодӣ ба ду дасти адаб
Бар ту аз худ ҳиссаи нав оварад.

Хоб рафтӣ, меҳру маҳ хобидаанд,
Лолаҳо дар каф қадаҳ хобидаанд.
Мисли онҳо бӯсаҳои ваъдагӣ
Дар лабонат таҳ ба таҳ хобидаанд.

Шуд падид аз имтиҳонҳо панҷи мо,
Меҳрубон шуд дилбари дилсанҷи мо.
Ҳосидо, аз рашк дандонро махой,
Панҷи мою ганҷи мо – аз ранҷи мо.

Аз нигоҳат боғҳо бишкуфтаанд,
Кӯҳу дашту роғҳо бишкуфтаанд.
Лек дар саҳрои қалби ман фақат
Аз фироқат доғҳо бишкуфтаанд.

Гуфт хуршед арчи доим зард ман,
Бо ҷилои хеш лекин сард ман.
Лек то бахшам ҳарорат бар ҷаҳон,
Байрақи мардони дунёгард ман.

Хешро дур аз адолат доштан,
Кинаву бухсу адоват доштан.
Маст будан бо шароби дигарон
Аспи ҳиммат дар итоат доштан.

Ман ниҳоли боғи сабзи водиям,
Не мағелонхори зарди бодиям.
Ман фақат ҳастам хароб аз ишқи ту,
Дар ҳамин бошад ҳама ободиям.

Ногаҳон дилдор бар оҳам расид,
Рӯзи саъду шоми дилхоҳам расид.
Гардиши айёмро гардам, ки шаб
То ситора дасти кӯтоҳам расид.

Чун кабӯтар бозҳо ҳам мемиранд,
Кӯҳна гашта розҳо ҳам мемиранд.
Шодии сайёд ҳам якумра нест,
Чунки тирандозҳо ҳам мемиранд.

Солҳо ман ганҷу гавҳар кофтам,
Оқибат кони малоҳат ёфтам.
Баъди он ҳар он чи омад рӯ ба рӯ
Ҳамчу хоке рӯфтам, партофтам.

Гул шукуфта бар ту толиб мешавад,
Мурғи хушилҳон мусоҳиб мешавад.
Ҷони ман боре биёӣ пеши ман,
Ҷону тан чун хишту қолиб мешавад.

Сӯи мақсад бо сабукборон марав,
Чун ҳубоби нозуки борон марав.
Гар ки метарсӣ зи чангу хоку гил,
Ҳеҷ гаҳ бар пеши гилкорон марав.

Дар лаби дарё либос аз бар кашӣ,
Хатти батлон бар сари мармар кашӣ.
Пойҳои арғувониро ба об
Бурда, аз ман хеш онсӯтар кашӣ.

Ёри мо аз оби дарё нӯш кард,
Қад-қади дарё замин гулпӯш кард.
Моҳиёнро мот кард аз ҷилвааш,
Мавҷҳои шӯхро хомӯш кард.

Мурғҳо дар кӯҳ хониш мекунанд,
Сабзаҳо тӯю намоиш мекунанд.
Як биё бар лолачинӣ, лолаҳо
Даступоятро навозиш мекунанд.

Гуфта будӣ ин ки: ҳиммат аз шумо,
«Барфи нав аз мову хизмат аз шумо»
Хуб, розиям, вале баҳри савоб
Бӯсаи ширину қиммат аз шумо.

Нақши пои ман, ки дишаб то саҳар,
Нақш шуд дар рӯи барфи чун шакар.
Поймолаш кардаӣ нашнохта,
Аз хиҷолат об шуд ӯ сар ба сар.

Аз сари мову ту дишаб осмон,
Зарра-зарра нуқра мепошид боз.
То шавад доим сафеду дилписанд,
Роҳҳои ишқи пурсӯзу гудоз.

Дар лабонат зарраи барфе нишаст,
Рӯи ахтар нуқрагин ҳарфе нишаст.
Хостам гирам варо ман бо забон,
Зуд ӯ бар тангии зарфе нишаст.

Модаро, ман гарчи чун хоки раҳам,
Лек дар чашмони ту меҳру маҳам.
Оре, оре нестам гар чашмае,
Лек андак беҳтар аз оби заҳам.

Ин ҳамон булбул, ки ман хонондаам,
Неку бадро солҳо фаҳмондаам.
Ин сазои хизматам, к-имрӯз ман
З-абри ҳасрат ашкҳо борондаам.

Як замон чун дилбарон дилбар шудӣ,
Бар дили гумроҳи ман раҳбар шудӣ.
Лек аз ман дур рафтӣ ончунон,
Гӯйё дар осмон ахтар шудӣ.

Гиряро аз ҷӯи об омӯхтем,
Хандаро аз офтоб омӯхтем.
Ин ҳама бедорхобиҳо, ки ҳаст,
Мо зи чашми масти хоб омӯхтем.

Дар сари мардӣ басе каш-каш шавад,
Шояд он ҷо об ҳам оташ шавад.
Дар лаби дарёи ҳиммат хайма зан,
То ки оби лутф бебаркаш шавад.

Аз алаф гар лола пайдо мешавад,
Рӯи олам ваҳ чи зебо мешавад.
Санг агар зар мешавад дар кӯҳсор,
Санг қимматтар зи тилло мешавад.

Гушна бошӣ, бурдаи нон ҷон шавад,
Шамъ дар зулмот нурафшон шавад.
Кай бимонад фарқ байни дуду абр,
Абр агар як умр беборон шавад.

Давлати ман - давлати дидори туст,
Оташи ман - оташи рухсори туст.
Бо ту ман гаҳ сохтам, гаҳ сӯхтам,
Гар шудам шаҳ ё гадо, ин кори туст.

Эй рухи аз барги гулҳо поктар,
Чашми аз шери жаён бебоктар,
Лаъли ту бахшад ҳузур, аммо кунад
Нозҳоят синаамро чоктар.

Сирру асроре, ки дар дил мондааст,
Ҳамчу аспи шӯхи дар гил мондааст.
Байни тӯфони сухан онро маҷӯ,
Киштии дар реги соҳил мондааст.

Боди бадқаҳри зимистон, хез, хез!
Ин тараф рон абрҳоро тез-тез.
Аз сари мо осиёби осмон,
Орди сарду сафедат рез, рез!

Зарра-зарра барф аз абри сиёҳ,
Омада меҷуст аз ҳар кӣ паноҳ.
Лек қурбон мешуд аз чашмони боз,
Чун кабӯтарчӯҷаҳои бегуноҳ.

Зарра-зарра барф меборад зи нав,
Аз сафедӣ мебарад шарту гарав.
Абр онро кошту лек офтоб
Чун даравгар мекунад аз нав дарав.

Шӯр дорад хотири осуда ҳам,
Нола дорад буда ҳам, нобуда ҳам.
Пок гардад аз арақҳои ҷабин
Доғи рӯю шӯҳрати олуда ҳам.

Рӯй бинмуд бар касодӣ моли ман,
Баъди ин дигар мапурс аҳволи ман.
Гашт сарбории ман ҳиҷрони дӯст,
Бар дили аз дард моломоли ман.

Кор агар омад кунад, хас гул шавад,
Зоғ ҳам дар як нафас булбул шавад.
Пур бувад аз оби соф ар кӯзаат,
Хорҳои роҳи ту сунбул шавад.

Бӯсабистонӣ чу одат доштам,
Бар каф аз он гул иҷозат доштам.
Мӯҳру имзо карда буд онро ҳаёт,
Бахт, бахти бениҳоят доштам.

По ба чашмам мон, ки онро дил кашид,
Мӯи ту моро ба ин манзил кашид.
Рақси мавзунат ба вақти печутоб,
Мавҷро аз руд бар соҳил кашид.

Барфи нав омад, ҷаҳон шуд рӯзи ид,
Аз ту идӣ - бӯсае дорам умед.
Рӯзи барф он қадр поидам туро,
Шуд сарам монанди рухсорат сафед.

Пеши харҳо меравӣ хар мешавӣ,
Ҳамнишини кар шавӣ, кар мешавӣ.
Гар напурсида дароӣ аз даре,
Бо сари хам берун аз дар мешавӣ.

Селаи мурғони қу боз омаданд,
Нуқрапарҳо боз бо ноз омаданд.
Чатрҳои сап-сафеди қоқуҳо,
Дар фазо гӯё ба парвоз омаданд.

Эй зафарҷӯ, аз хатар андеша кун,
Нақд хоҳӣ аз зарар андеша кун.
Сир магӯ бар ҳар шиносу ношинос,
Дар сафар аз ҳамсафар андеша кун.

Дӣ саҳар бар хонае меҳмон шудам,
Ҳамчу булбул бар гул андармон шудам.
Дар танам гаҳ аз нигоҳе ҷон дамид,
Гаҳ зи ҳайрат сурати беҷон шудам.

Сар ба пояш гоҳ мондан хостам,
Лаб ба доманаш расондан хостам.
Мақсад аз ин мастию девонагӣ,
Рози дилҳоро кушодан хостам.

Шер рафт аз бешаю рӯбоҳ монд,
Аз гулӯям нола ҷасту оҳ монд.
Раҳм кун, дар даштҳои бекасӣ,
Корвони ишқи ман дар роҳ монд.

Ақли зан буд, ин ки мо оқил шудем,
Адли зан буд, ин ки мо одил шудем.
Бар баҳору бар хазони зиндагӣ,
Ҳусни зан будӣ, ки мо моил шудем.

Дар ҳамин манзил ҳабибе доштам,
Марҳами ҷони ғарибе доштам.
Қуллаҳои кӯҳи толеъ буд мутеъ,
Чун зи лаъли ӯ насибе доштам.

Гоҳ ҷамъу гоҳ танҳо гаштаем,
Гаҳ касифу гаҳ мусаффо гаштаем.
Дод сайқал ақли моро зиндагӣ,
Сад фиребе хӯрда доно гаштаем.

Обрӯе ин ки бо зар омадаст,
Ҳамчу шохи гов бар хар омадаст.
Зар равад гар, шох ҳам хоҳад шикаст,
Меравад он чи баробар омадаст.

Ман, ки ғарқи оби чашмам, об деҳ,
Дидаи бехоби моро хоб деҳ.
Ишқбозӣ гар, ки беодобияст,
Сӯзу хокистар куну одоб деҳ.

Ҳар куҷое бинӣ панду қандро,
Қандро не, гир, ҷоно, пандро.
Шуд гуворо меваи шохе, ки вай
Баргирифт аз шохи нав пайвандро.

Кӯрчашм аз кӯрдилҳо кӯр не,
Худписандон ин қадар ҳам зӯр не.
Ҳосили токи бурида бештар,
Дасткӯтоҳон зи ҳиммат дур не.

Он ки аз заҳмат гурезон мешавад,
Завҷаи дуюми шайтон мешавад.
Рӯзи пирӣ дар таваллудгоҳи рашк
Дояи иғвою бӯҳтон мешавад.

Шаб, ки дар маҷлис гапи ҳарсола шуд,
Қиссаи гургу гаву гӯсола шуд.
Ҳикмати кори дар ин шӯру мағал
Гӯиё андар сари кал лола шуд.

То шавад бикшода ҳар банду гиреҳ,
Раҳ мадеҳ андар забон ҳарфи қабеҳ.
Сӯи торикӣ ба шамъе мераванд,
Рав ту ҳам он сӯ ба рухсори малеҳ.

Ҳар чароғ акси рухи пок асту бас,
Баъди мурдан сурати хок асту бас.
Гар ба ҳушёрӣ назар меафканӣ,
Заҳри қотил ҳам чу тарёк асту бас.

Ишқ агар бе роз бошад – ишқ нест,
Ҳамчу дарҳо боз бошад, ишқ нест.
Дар раҳи ошиқ дусад ғавғо бувад,
Гар фақат «шаҳноз» бошад, ишқ нест.

Шохи райҳонро шикаста бӯ кунед,
Гаҳ ҳавас бар чидани ҳулбӯ кунед.
Хоҳад ар ояд ҷавонӣ аз дигар,
Ёд аз ёри муборакрӯ кунед.

Гашта бар як чашми шаҳлое асир,
Хостам тадбир аз бою фақир.
Пир гӯяд: пурс инро аз ҷавон,
Навҷавон гӯяд, ки пурс инро зи пир.

Ман шаби ялдояму ту чун саҳар,
Ман кафи по ҳастаму ту фарқи сар.
Ту мисоли қуллаӣ, ман дашти хушк,
Ҳарду мегардем дур аз ҳамдигар.

Дар ҳақи ман ҳарчи мехоҳӣ, навис,
Хоҳ рӯзу хоҳ бегоҳӣ, навис.
Ман насозам заррае парво аз ин,
Хоҳӣ ар аз моҳ то моҳӣ навис.

Боғбоно, шаб, ки хобат бурда буд,
Чашми биноят ба ҳукми мурда буд.
Боди шабгард атри гулҳои чаман
Ҳар қадар мехост ҳар сӯ бурда буд.

Доман афшонӣ агар, гардат манам,
Рӯйзард аз таънаи сардат манам.
Лолаҳои сурх мечинӣ агар,
Як нигаҳ кун, лолаи зардат манам.

Як замон ман сарви дилҷӯ доштам,
Соя аз он бар лаби ҷӯ доштам.
Завқу шавқу бахту толеи баланд,
Аз ниҳоли қомати ӯ доштам.

Лола гар бо рӯй моро маст кард,
Нозбӯ бо бӯй моро маст кард.
Ташналаб имшаб, ки ин ҷо омадем,
Оби софи ҷӯй моро маст кард.

Чун саҳар бар мо сафедӣ дода рав,
Ноумедонро умеде дода рав.
Дар шабу айёми ид аз ду лабат
Бӯсаи ширини идӣ дода рав.

Он даме, ки бо ту будам зуд рафт,
Субҳи бе ту будаам чун дуд рафт.
Нест рӯзу соате, к-он нагзарад,
Хоҳ шодӣ, хоҳ ғусса буд, рафт.

Он чи бар гул бӯ диҳад, ноз офарад,
Бо нигоҳаш шӯру парвоз офарад.
Қудрати ин ҷилваро гардам, ки боз
Нақди умри рафтаро боз офарад.

Гарчи Маҷнун синаи худ реш кард,
Ҳар чи кард ӯ аз барои хеш кард.
Ман зи Ҳотам ҳотамӣ омӯхтам,
Ҳар куҷо ӯ нӯшро аз неш кард.

Як-ду ҳарф аз боди саҳро бишнавед,
Бӯи гармоҳою сармо бишнавед.
Бишнавед ин ҳарфи такрори варо,
Лек аз инсон тозамаъно бишнавед.

Карда хам шохи баланди себро,
Ман газидам себи оламзебро.
Дуздии моро бубахш, эй боғбон,
Себ аз он ҳаргиз надид осебро.

Мешавад дар дасти мо гаҳ пул дигар,
Шакли ҷоми мул дигар, кокул дигар.
Лек хушбахтона во гардад ба чашм
Асрҳо на булбулу на гул дигар.

Кавкаб аз чашмат ҷило омӯхтаст,
Булбул аз лаҳнат наво омӯхтаст.
Бевафоиро, намедонам, дилат
З-ин ҷавонӣ аз куҷо омӯхтаст.

Ток гӯяд: бар диҳам бе поя ҳам
Нест лозим соя ҳам, ҳамсоя ҳам.
Лек хулқи хуб дар тарбият аст,
Нест охир кам азоби доя ҳам.

Ин тараф чун омадӣ, чун меравӣ?
Ё зи мо бигрифта мазмун меравӣ.
Ҳамчу шохи себ аз девори боғ
Баҳри дасти кӣ ту берун меравӣ?

Сина аз ҳасрат ба хуну хок шуд,
Ҳамчу барги ток қалбам чок шуд.
Буд ангури ҳусайнӣ панҷаҳот,
Дасти ман бар он чу занги ток шуд.

Нарм шуд ногаҳ дили оҳан туро,
Тори мӯят риштаи сӯзан туро.
Хостӣ дӯзӣ дили садпораам,
Не маро ту ёфтӣ, на ман туро.

Пиру барноро гуноҳе ёфт шуд,
Ҳар куҷо дарёст, моҳӣ ёфт шуд.
Дилсияҳ мехӯрд гарчи ширу тухм,
Дар замираш сад сиёҳӣ ёфт шуд.

Марди майдон кори бо худ хос кард,
Бӯса хоки кишвар аз ихлос кард.
Лек тӯҳмат карда номарде ба ӯ,
Номи ӯро чанд рӯз ифлос кард.

Баҳри ҳифзи ғунча лозим хор ҳам,
Як илоҷе кун наранҷад ёр ҳам.
Ханда гарчи умрро созад дароз,
Кун ҳазар аз хандаи бисёр ҳам.

Он ки бар оби мусаффо туф кунад,
Таънаҳо бар талъати Юсуф кунад.
Дар биёбон канда ҷон аз ташнагӣ,
Оқибат хокистареро пуф кунад.

Ғам махӯр ҷонам, ки ин шаб меравад,
Ин табу табхола аз лаб меравад.
Рӯзи аз қолаб биҷаста ғам махӯр,
Боз кам-кам сӯи қолаб меравад.

Дар зарурат кар шунид овозро,
Чашми нобиной пояндозро.
Марди олим лек дар ҳайрат бимонд,
Дар кушодан пардаҳои розро.

Дар ҳамон дил ин ки асроре намонд,
На зи шодӣ, на зи ғам боре намонд.
Ӯ касеро на даво гардад, на дард,
Чунки з-онҳо ҳеҷ осоре намонад.

Хуш диле, к-оинасон равшан шавад,
Хор он гаҳ пеши ӯ савсан шавад.
Бахти зан, аммо ки дар зан будан аст,
Мешавад расвой мард, ар зан шавад.

Мешитобад бодбони орзу,
Бар халиҷи ишқи ҷӯшон бо умед.
Бар халиҷе, ин, ки соҳилҳои он
Сар ба сар аз мармари софу сафед.

Мӯрҳо бар ҳамдигар ҳиммат кунанд,
Ҳар азобе ҳаст беминат кунанд.
Хок ҳам як қисми ҷисми мурда аст,
Мурдагон бар зиндаҳо хизмат кунанд.

Аз зимистон баҳри чи дорӣ гила,
Фасли гармояст бар ӯ ҳомила.
Машқ аз зӯрӣ барад сабқат мудом,
Кай битарсад дасти деҳқон з-обила.

Дар зимистон бӯи гармӣ омадаст,
Он дили оҳан ба нармӣ омадаст.
Метавонед, ин ки табрикам кунед,
Сӯи мо гулрӯи Ғармӣ омадаст.

Байни садҳо дӯст як бетоб ҳаст,
Чашми биноро шаби бехоб аст.
Ташнагӣ гар ҳасту дашти беканор,
Ҳар нафас дар сар хаёли об ҳаст.

Сад хаёлу нақш дар ҳар як сарест,
Сад мақому сир ба пушти ҳар дарест.
Он чи мо пиндоштемаш хоки роҳ
Чашми бино гар бубинад, гавҳарест.

Рӯзи мо аз сӯзи мо пайдо шудаст,
Чашми мо аз ашки мо дарё шудаст.
Саҳфаи ишқ аст ҳар як лолазор,
Ин китоб аз хуни мо иншо шудаст.

Навниҳоле рӯ ба рӯям ҷилва кард,
Навбаҳор аз чор сӯям ҷилва кард.
Гирди рухсори шафақрангаш саҳар
Лолазори орзӯям ҷилва кард.

Фасли гул бар ман муқаддас мондааст,
Рафта гул ҳарчанд з-он хас мондааст.
Даступо бар он занам, ки то ба ҳол
Кӯҳи ишқат дастнорас мондааст.

## РУБОИҲО

Чун бар Ватани номварам дил бастам,
Ҳарҷо ки ба фармоиши вай ман ҳастам,
Иҷро бикунам баҳри саодатмандиш
Ҳар кор, ки меояд агар аз дастам.

Мо дарси зафар аз падар омӯхтаем,
Ин софдилӣ аз саҳар омӯхтаем.
Хубию бадии қадами худро мо
Аз ҳар нигаҳи раҳгузар омӯхтаем.

Аз маркази ин мулки пур аз равнақи мо,
Сар бар сари хуршед кашад байрақи мо,
Шуд қутбнамо баски ба мо меҳри Ватан,
Бар соҳили мақсуд расад завраки мо.

Вақте ки Гагарин ба само раҳ бикшод,
Як марҳалаи нав ба раҳи маҳ бикшод,
То кӯчаи дури Қаҳкашон рафтанро
Чун партави хуршеди саҳаргаҳ бикшод.

Ҳарчанд май аз сӯҳбати аҳбоб хӯрӣ,
Шарбат зи лаби соғари маҳтоб хӯрӣ,
Лаззат набувад, беҳтар аз он дар олам
Аз ҷӯи худат кофта гар об хӯрӣ.

Бо сӯзани назм, эй Ватани фирӯзам,
Имрӯз, ки қолини вафо медӯзам,
Фардо бишавад сӯхтанам гар лозим,
Ҳаргиз на чу хас, балки чу шамъ месӯзам.

Бар умр шабе марг чунин дод савол:
– Ширин ту чароӣ ба ҳама беамсол.
Хандид ҳаёту бо алам дод ҷавоб:
– Азбаски ту меоӣ маро аз дунбол.

Мо ошиқу маҳбубаи мо илҳом аст,
Некӣ чу маи ноб маро дар ҷом аст,
З-ин рӯ ба дари сидқу сафо рӯ орем,
Чун қувваи вай зӯртар аз атом аст.

Хоҳӣ, ки кунӣ дур шаби ҳиҷронро,
Як бори дигар ҷӯӣ раҳи осонро.
Бо даст агар во бишавад нӯги чигил,
Ҳоҷат набувад ин ки занӣ дандонро.

Пур кун дилат аз меҳр, ки равшан бошад,
Чун боғ дар айёми шукуфтан бошад.
Гар дона наафтиду замин холӣ монд,
Он мазра пур аз шӯраву бурган бошад.

Мағлубшуда ёди зафар хоҳад кард,
Аз кӯчаи сад макр гузар хоҳад кард.
Гар нест илоҷи дигаре баҳри қасос,
Ӯ туф ба рухи файзи саҳар хоҳад кард.

Чун фуки харон сӯи гули раъно шуд,
Пас хор ҳимоятгари он барно шуд,
Дуздӣ ба вуҷуд омаду дар ҳар хона
Занҷири дару қулф аз он пайдо шуд.

Бар меҳвари доноии худ гирд мазан,
Устод шавӣ, таъна ба шогирд мазан.
Дар пеши дили мо, ки чу кони нафт аст,
Дониста-надониста ту гӯгирд мазан.

Имшаб, ки дили ҳардуи мо ҳамроҳ аст,
Биншин ба рухи сабза, ки хилватгоҳ аст,
Аз кӯтаҳии домани худ шарм мадор,
Дасти ман аз он домани ту кӯтоҳ аст.

Аз бӯсаи шабнам рухи гул хандон аст,
Лекин на ҳама бӯса ба ҷон дармон аст.
Бар косаи пуршир лаби гурба расад,
Қаймоқи рухи шир яқин вайрон аст.

Ман орзуи рӯи арақнок кунам,
Бо мижжаи худ то арақат пок кунам,
Аз байни ҳамон қатра чу бинам олам,
Дилбурдану дилбохтан идрок кунам.

Чун зулфи ту бар косаи гул атр кашид,
Бар сабзаи нав пераҳанат чатр кашид.
Ҳар шоире гар шеъри наве иншо кард,
Тасвири ту бар аввали ҳар сатр кашид.

Борони баҳорон, ки бувад тӯи замин,
Бо сабзаю гул пур бикунад рӯи замин.
Аз замзамаи шаршараҳои кӯҳӣ
Бар гӯш расад сози такопӯи замин.

Ҳар чиз ба мавқеи худаш бошад агар,
Ҳатто ки бувад заҳр, шавад шаҳду шакар,
Дар роҳ агар санг ба ҷояш хобад,
Ҳаргиз нашавад санги раҳи роҳгузар.

Рухсори ҳақиқат ҳама дам рангин аст,
Дар тамъ гаҳе талху гаҳе ширин аст,
Гар рӯй битобӣ, ба сарат санг занад,
В-ар рӯй намоӣ, ба сарат болин аст.

Гарчанд, ки бозуи ҷавонӣ зӯр аст,
Мағрур машав чашми ғурурӣ кӯр аст.
Бо ман-манӣ гар мех занӣ ноҷоя,
Фардо сари вай дар даҳани анбӯр аст.

Ҳарҷо ту равӣ, нахли тараб мерӯяд,
Нур аз рухи ту дар дили шаб мерӯяд.
Мо соҳили хушкему ту бас оби равон,
Ҳар сабзаи мо обталаб мерӯяд.

Аз дафтари ишқат, ки сабақомӯзем,
Мо дидаву дил бар рухи ту медӯзем.
Гар лутф кунӣ, арча барин месабзем,
В-ар қаҳр кунӣ мисли хазон месӯзем.

Он рух, ки ба фарзини дилам «гардӣ» гуфт,
Шояд ки вай ин ҳарф зи ҳамдардӣ гуфт.
Лек аспи ғурурам ба ҳимоят рафта,
Қурбон шуду «ин аст ҷавонмардӣ» гуфт.

Чун омадӣ, ин хона баҳористон шуд,
Як чарх задӣ, себу анористон шуд.
Аз теғи нигоҳат, ки задӣ якбора,
Саҳрои дилам барқу шарористон шуд.

То фасли баҳор аст, тамошое ҳаст,
Дар рӯди умед оби мусаффое ҳаст.
То ҳаст ҷаҳон, ҳаст хато, ҳаст савоб,
Азбаски дили сард ва шайдое ҳаст.

Ҳар ҷой шакар ҳаст, магас медонад,
Чун гул шукуфад, мурғи қафас медонад.
Дар рӯи ҷаҳон ҳаст вале сад розе,
Онро на ҳама, балки ду кас медонад.

Бархезу бикун рақс ту «Гулбозӣ»-ро,
Бин аз мани дилдода сарандозиро.
Дар фасли гулу лола ба ин рақси худ
То зинда кунӣ Ҳофизи Шерозиро.

Чашмони сиёҳи ту агар соҳир нест,
Ин гуна ба тасхири ҳама қодир нест.
Ҳар шоире гар чашми туро боре дид,
Гар шеър нагуфт аз таҳи дил, шоир нест.

Овози ту бо сими телефон омад,
Аз он лаби ҷонбахш ба ман ҷон омад.
Бар сабзаи лабташна дар ин субҳдамӣ
Аз лутфи ту борони баҳорон омад.

Аз сӯи заминҳои васеи корам,
Боди саҳарӣ омада форам-форам,
Гӯяд: зи сари хӯшаи ҳар як гандум.
Ман муждаи серию пурӣ меорам.

Он кас ки ҳама кори касон бад гӯяд,
Ҳадди ҳунари хеш чу сарҳад гӯяд,
Дар вақти ҳисобот вале бо фоиз
Ҳаштоди худашро ҳамадам сад гӯяд.

# КӮЧАБОҒИ ОШИҚОН

*(Достон)*

## ДЕБОЧА

Рафиқи арҷманди ман, муҳаррир,
Гуноҳе наздатон содир намудам.
Супоришҳоятон дорам ба хотир
Вале чизи дигар ҳозир намудам.
Шумо дар бораи Содиқ Худодод
Ба ман нақли наве фармуда будед.
Равам то бар заминҳои навобод
Ду-се ҳафта иҷозат дода будед.
Гирифта ман блокноту қаламро
Бирафтам як пагоҳӣ аз идора,
Намудам ҷамъ сад факту рақамро,
Гаҳе пои пиёда, гаҳ савора.
Ба Содиқ борҳо сӯҳбат намудам,
Бидидам зарфишон саҳрои ӯро.
Ҳар он чи дидам ин ҷо ё шунидам,
Бикардам сабт бо завқи дуболо.
Дуруст аст, исми ӯ дар гирду ҷониб
Ҳамеша дар забони одамон аст.
Ба ҳурмат мешавад шахсе ки соҳиб,
Ба фикрам, дар ҳақиқат қаҳрамон аст.
Чу бригадир дар ин ду соли охир
Бигирад ҳосил аз ҳар кас фузунтар,
Чу шуд дар пахтакорӣ марди моҳир
Бигардад номи ӯ кишвар ба кишвар.
Дар ин ҷо мисли Содиқ номдорон,
Ҳамесозанд барпо як сулола.
Ман аз таҷрибаҳои ин ҷавонон
Навиштам завқ карда як мақола.
Вале аз ин сафар ман чизи дигар,
Ба даст овардаам – номи вай илҳом.
Вай акнун ҳастиям бигрифта дар бар
Намемонад маро як лаҳза ором.

Рафиқи арҷманди ман, муҳаррир,
Фақат як орзуи нағз кардам:
Кашам то шакли бодоме ба зоҳир
Ман аввал диққате бар мағз кардам.
Агар мақсад ба дасти ман наомад,
Намегардам аз ин бисёр ғамгин.
Ниҳоле ҳам, ки худ аз худ баромад
Набошад меваааш он қадр ширин.
Чу шуд хирман ба қалбам тухми уммед–
Пас онро бар замини меҳр киштам.
Ҳар он чи сабз шуд бо лутфи хуршед
Чу ошиқ васфи онро ман навиштам.
Ба ман ишқи Ватан илҳом бахшид,
Вагарна ман куҷову шеър гуфтан?
Агар як мисраи хубе дурахшид,
Ба даст омад пас аз шабҳо нахуфтан.
Ба назди сохтмонҳои азиме
Ки бигрифтаст дар бар кишварамро;
Ба назди бӯи ҷонбахши насиме
Ки бӯсад ҳар саҳар боми дарамро;
Ба назди боғҳои дилпазире
Ки пурборанд дар собиқ биёбон:
Ба назди ГЭС-ҳои беназире,
Ки месозанд шабҳоро чароғон,
Ба назди кӯҳҳои сар ба афлок
Ки қулфи сарвати он мекушоянд;
Ба назди осмони тозаю пок,
Ки ҳар шаб ахтарон дар ҷилва оянд;
Ба назди оҳувони кӯҳсорӣ
Ки мебошанд беҳад шӯху саркаш;
Ба назди лолазорони баҳорӣ
Ки суп-сурханд мисли баҳри оташ;
Ба назди бозувони коргарҳо
Ки созанд оҳану фӯлодро об;

Ба назди қувваи илму ҳунарҳо
Ки месозанд инсонро зафарёб,
Ба назди бӯсаҳои гарму ширин,
Ба назди ашкҳои гашта ҷорӣ,
Ба назди одамони кӯҳтамкин,
Ба назди лаҳзаҳои беқарорӣ,
Ба назди он чи имрӯзаст зоҳир,
Ба назди он чи фардо мешавад боз,
Чи ҷои шубҳа, дорад қарз шоир
Ки аз баҳри адояш кард оғоз!
Ба дарёи азими назми олӣ
Набошад айб, агар ҷӯе бирезад,
Ва ё дар боғ, дар як ҷои холӣ
Гиёҳе бо умед аз хок хезад.

## БОБИ ЯКУМ
## 1

Шаби маҳтоб ранги шир дорад,
Нафас олам кашад, ором-ором,
Ба шӯхи бар машом оҳиста орад,
Насиме нагҳати гулҳои бодом.

Зи байни шохҳо вақти назора,
Кушода чеҳра гӯё баҳри тасвир,
Зи боғи осмон ҳар як ситора
Ба чашми кас намояд мисли анҷир.

Садои оби шӯхи ҷӯйборон
Ҳузури гӯши сад ғавғошунида.
Ба ҳам бархӯрдани барги дарахтон
Бувад мусиқии субҳи дамида.

Ҳамон беди калон то ҳол гӯё
Намуда ҷӯйҳоро посбонӣ,
Ба рӯи мавҷи ин оби мусаффо
Ба шӯхӣ мекунад кокулфишонӣ.

Расид аз дуртар бонги хурӯсе,
Гузашт аз кӯча ин дам як машина.
Саҳар рух мекушояд чун арӯсе
Ба истиқболи шахси решсина.

Аз ин ҷо мешавад сар чун ду деҳа,
Аз ин ҷо обҳо ҳар сӯ давонанд.
Ба ҳам ду шаршара гуфта бадеҳа
Яке ин сӯ, дигар он сӯ равонанд.

Дар ин ҷо имшаб омад аз раҳи дур,
Яке аз сокинони деҳа дилреш.
Ҳазор андеша ӯро мисли занбӯр
Ҳамезад гашта-гашта гӯиё неш.

Касе бар бозгашти ӯ надорад
Дар ин ҷо ҳеҷ чашми интизорӣ.
Киро таъзим карда рӯй орад?
Кӣ хоҳад дод бар вай дасти ёрӣ?

Фақат модар, агар ӯ зинда бошад,
Намояд бӯса аз рухсори фарзанд.
Наход ӯ ҳам дил аз вайканда бошад?
На! Ҳаргиз! Ӯ бувад ҷону ҷигарбанд.

– Ватан, ман зоҳиран дар назди мардум
Гунаҳкорам, агарчи бегуноҳам.
Дилам софасту равшан мисли анҷум,
Вале, афсӯс, ҳоло рӯсиёҳам.

Ниҳоят ҷони одам сахт будаст,
Чисон ман рӯзҳоеро бидидам.
Азоби ҷанг мисли бахт будаст,
Ба он чӣ дар асирӣ ман кашидам.

Аё хуршед– кони рӯшноӣ
Дурахшон шав, дурахшон шав, дурахшон!
Басе дидам шабу шоми ҷудоӣ
Ки онро шарҳ додан нест осон!

Ту воқиф будӣ аз ҳоли асирон
Баровардӣ ва ё аз ёд ҳоло?
Ба нисфи рӯз аз равзан ба зиндон
Назар афканда медидӣ ту моро.

Ту дидӣ дасту поҳои шикаста,
Ту дидӣ сад лабу рӯи бурида,
Ту дидӣ гардани занҷирбаста,
Ту дидастӣ шикамҳои дарида.

Ба ёдат ҳаст оё он гурӯҳе,
Ки диданд он қадар таҳқиру кулфат.
Ба пурбардоштӣ аммо чу кӯҳе
Биёварданд душманро ба ҳайрат?

Маро ҳам гашт қисмат сад шиканҷа
Зи нақлаш об гардад санги хора.
Ба қатлам марг мезад дасту панҷа
Ҳаёт аммо ҳамеомад дубора.

Чи мешуд, офтобо, офтобо
Сухан гӯӣ, забон як дам барорӣ.
Бигӯӣ саргузаштамро саропо
Ба ҳар ҷое, ки ту сар медарорӣ.

Надорам ҷурм, аммо шармсорам,
Ки будам ман асиру зинда мондам.
Қадам ин ҷо ман аз нав мегузорам,
Чисон будаст сахт ин ҷони одам!

Ба дунё одамони хуб бисёр,
Ки доданд аз дами дӯзах наҷотам.
Ғарибӣ синаро мекард абгор
Ватан дод он замон оби ҳаётам.

Ду кас дар деҳа имшаб хоб медид:
Яке дар ҷӯи оби соф медид,
Ки ҷорӣ дар шаби маҳтоб медид,
Дигар аз барф пур атроф медид.

Саҳар модар, кушод аз хоб дида
– Худоё -гуфт,– дидам чеҳраи моҳ
Ба ногаҳ монд чашмам ҳам парида
Кӣ меояд, кӣ меояд, ки дар роҳ?

Ба ёд овард чун фарзанди худро
Ҷаҳид аз синааш гӯё шароре,
Фиғону нолааш бигрифт боло
Ба мисли дуд вақти сӯхторе.

– Куҷоӣ, нури чашмонам, куҷоӣ?
Ки даҳ сол аст чашмам дар роҳат чор.
Намоям ҷони худро ман худоӣ
Бубинам гар рухатро боз як бор!

Баромад модар аз хона ба берун
Барои дасту рӯшӯӣ равон шуд,
Ба оби ҷӯй бо чашмони пурхун
Назар афканда дар арзу баён шуд:

– Ту эй, оби равон, меоӣ аз дур
Зи кӯҳу дашту саҳроҳо давида,
Зи ту дорам шикоят, дор маъзур
Чаро меоӣ Содиқро надида?

Магар, эй оби соф, андар ҷавонӣ
Дар он вақте ки будӣ барфу борон,
Наход аз ӯ надидастӣ нишоне,
Ки гӯӣ бар мани хотирпарешон?

Шумо, эй қатраҳои оби шаффоф
Ҳаловатбахши ҷони ташналабҳо,
Куҷо оби бақои ман, аз инсоф
Бигӯед, ӯ куҷо ин рӯзу шабҳо?

Вале буд оби софи ҷӯй ҷорӣ
Ба сӯи ҳавлии ҳамсоя хомӯш,
Надорад вай каме сабру қароре
Надорад на дилу на чашму на гӯш…

Чу модар хест аз ҷо гашта дуқат
Нигоҳаш бар дарахти себ афтод.
Ба вай ҳам нарм-нарм аз рӯи одат
Бигӯяд то сухан, як дам биистод:

– Ту охир хурд будӣ, хурд будӣ,
Туро биншонд Содиқҷон дар ин ҷо,
Ба вай шодона сар хам менамудӣ
Ба шохат чун расонад дасти худро.

Ту чун имрӯз сарсабзу баландӣ,
Зи қаддат қадди фарзандам бубинам.
Чӣ мешуд чун баҳори дилписанде
Рухи ҷону ҷигарбандам бубинам…

…Дар он фурсат, ки хуршеди ҷаҳонгард
Зи пушти кӯҳҳо берун баромад,
Ба ҳавлӣ, дилтапон, бо чеҳраи зард
Ба назди модараш Содиқ даромад.

Ҳама хонандагон бигрифта дафтар
Ба дарси аввал иншо менавиштанд.
Ба мавзӯи «Шукӯҳи субҳи кишвар»,
Ба шавқу завқи аъло менавиштанд.

Ба шогирдони худ ҳар дам Малоҳат
Нигаҳ мекард бо як ифтихоре.
Муаллим будан, оре, дар ҳақиқат,
Басе мушкил, вале пуршаън коре.

Дар ин дам аз паси тиреза ногоҳ,
Садои гуфтугӯи се кас омад.
Яке мегуфт:– кампир аз таги чоҳ,
Зи шодӣ гӯиё то маҳ баромад.

Дигар мегуфт:– Содиқ аз ҷавонӣ
Ниҳоят баччаи боғайрате буд,
Сейум мегуфт бо ширинзабонӣ:
Баақлу зираку боҳиммате буд.

Малоҳат ҳамчу ҳайкал монд хомӯш
Ба лаб бинҳода ангушти таҳайюр,
Намуда хешро ногаҳ фаромӯш
Саропо рафт бар баҳри тафаккур:

Магар гумгашта Содиқ боз омад?
Магар шуд кулбаи эҳзон гулистон?
Магар бо ҳурмату эъзоз омад,
Ба пеши модараш чун марҳами ҷон.

Агар ин рост бошад, ошиқона
Ба ҷон ин муждаро гирам дар оғӯш,
Чи мешуд тезтар бо як баҳона
Варо бинам, кунам ғамро фаромӯш.

Намедонам, ки вай он рӯзҳоро
Ба ёди хеш дорад ё надорад?
Ба ман ҳар лаҳзааш то ҳол гӯё
Як олам шодии нав мебиёрад.

Аҷоиб рӯзҳои хуб буданд,
Ки моро дӯст карданду гузаштанд.
Ҳамон шабҳо, ки бас марғуб буданд,
Яку якбора рафта барнагаштанд.

Намезад сар гар он ҷанги фалокат
Ба Содиқ мешудам ман ёру ёвар,
Ҳамечидам гул аз боғи саодат
Намешуд ҳамсари ман шахси дигар.

Ба хоби хеш имшаб барф дидам,
Сафедӣ хуб, аммо барф сард аст,
Хабар аз омади ӯ ман шунидам,
Ки он ҳам марҳаму ҳам ранҷу дард аст.

Садои занг аз долон ба якбор
Хабар аз хатми дарси аввал овард,
Аз он гӯё Малоҳат гашта бедор
Зи дил як оҳи пинҳонӣ баровард.

Гузашт аз байн як-ду рӯз дартоз
Намешуд канда аммо рафту омад.
Ҳама хурду калони аҳли колхоз
Ба ин ҳавлӣ яко як медаромад.

Зи Содиқ, баъди вохӯрдан, рафиқон
Нишаста ҳолпурсӣ менамуданд.
Зи ҳар сӯ гап кушода, чеҳрахандон
Зи қалбаш занги ғамро мезудуданд.

Раис имрӯз бо парторги колхоз
Ба ин ҷо омада, то ҳол пурсанд,
Зи ҳар кас буд ҳурмат, буд эъзоз,
Аз ин модар ниҳоят буд хурсанд.

Чи сон охир нагардад шод модар
Азои ӯ мубаддал гашт бар тӯй!
Накарда гӯиё бар чашм бовар
Зи шодӣ медавид ин сӯй, он сӯй.

Вале андеша чун дуди сиёҳе
Ба пеши чашми Содиқ парда мезад,
Ба рӯи сабзаҳои тоза гоҳе
Зи нав чангу ғубор оварда мезад:

Магар ӯро барои кор кардан
Ба колхозаш зи нав мемонда бошанд?
Ба вақти рӯйхат тайёр кардан
Рафиқ аз нав варо мехонда бошанд?

Ва ё ӯ доимӣ мардуди мардум
Шуду колхоз аз баҳраш баромад?
Ба ӯ шуд боварии дӯстон гум
Ба гардан тавқи лаънат ҳам фаромад?

Ба назди модарони меҳр-оин,
Ки фарзандонашон гаштанд қурбон,
Аҷаб не вай намояд мисли хоин,
Кунанд онҳо варо нафринборон.

Зи тири душману шамшери ҷаллод
Бувад ҷонсӯзтар ҳар таънаи дӯст,
Агар он сар занад монанди сайёд
Вале ин парча-парча меканад пӯст.

Аё Содиқ чаро сархам нишинӣ?
Чаро дар баҳри навмедӣ ғариқӣ?
Ту фарзанди ҳамин обу заминӣ
Ту бо мо ҳамнафас, ёру рафиқӣ!

Баро аз хона берун, чашм бикшо,
Баро, колхози худро як назар кун,
Бароюю корвони бахти худро
Ба ёру ҷӯраҳоят ҳамсафар кун.

Кушо ту синаи мардонаатро
Ба истиқболи боди навбаҳорон,
Ки ӯ меоварад аз сӯи саҳро
Ба ту бӯи шиноси киштзорон.

Гузар кун аз миёни кӯчабоғон
Зи сарҳавзи сари раҳ об ҳам нӯш!
Нишин дар бистари себаргазорон,
Назар афкан ба саҳроҳои гулпӯш.

Саро, Содиқ, суруди шодмонӣ,
Ки аз кӯи ғарибӣ боз гаштӣ.
Нафас каш аз ҳавои меҳрубонӣ,
Ки бо меҳри Ватан дамсоз гаштӣ.

Қадам зан бо ҷасорат рустамона,
Қадам мон бар замини кишвари худ.
Ба вай хизмат намо, то ҳотамона
Бубахшад бар ту ганҷу гавҳари худ.

Шунав, меояд овози трактор
Саворон бар пару боли насиме,
Шунав, онро намояд гашта такрор
Ҳамин мактаб, ҳамон кӯҳи азиме!

Шунав овози оби ҷӯи навро,
Ки бар сӯи заминҳои навобод
Барад файзи ҳаёту бӯи навро
Ба амри мардумони панҷапӯлод!

Шунав меояд аз саҳро суруде
Суруди духтарони гармрухсор,
Ки ишқи софи беҳадду ҳудуде
Сазад бар ҳар яке гар созӣ изҳор!

Шунав овози мурғони чаманро
Ки мехонанд бо як дилрабоӣ,
Шунав ту хандаҳои марду занро
Ба вақти базлагӯӣ, дилкушоӣ!

Чаро хомӯш охир менишинӣ,
Чаро чун рудҳо туғён надорӣ?
Чаро лаб мегазию дилҳазинӣ,
Чаро дандон ба дандон мефишорӣ?

Ту дар роҳи худат аз хурдсолӣ
Бидидастӣ дусад гармию сардӣ,
Ҳаёт-ин буд донишгоҳи олӣ,
Гирифтӣ зуд аз он дипломи мардӣ.

Ятим аз хурдсолӣ монда будӣ,
Надидастӣ ба серӣ ту падарро
Ба меҳнат эътибори худ фузудӣ,
Гирифта домани касбу ҳунарро.

Ту рӯзона барои ризқу рӯзӣ
Давидӣ аз паи гӯсолаю гов.
Шабона менамудӣ кӯҳнадӯзӣ
Намуда ҷамъ наълу чарми партоф.

Ба мактаб низ хондӣ, нағз хондӣ
Паи ҳам солҳо рафтанд дартоз,
Чу синфи даҳ ту бар охир расондӣ,
Шудӣ комилҳуқуқ аъзои колхоз.

Дар ин колхоз сабзидӣ, расидӣ
Ба монанди ниҳоли сабзу хуррам
Ба авҷи орзуҳо мепаридӣ,
Ба монанди уқобон ту дамодам.

Дар ин ҷо достони ишқ сар шуд,
Аз он дебочае танҳо навиштӣ.
Ба ту боди муроде ҳамсафар шуд,
Биронӣ то ки хурсандона киштӣ.

Вале аз қаъри дунёи ҷаҳолат
Ба ногаҳ деви асри бист бархест,
Ба қасди маҳви дунёи адолат
Чу ваҳшӣ Гитлери хунмаст бархест.

Бирафтӣ чун ҳазорон, садҳазорон
Ба ҳифзи кишвари худ-модари худ,
Ба тан то буд қувват, буд дармон
Задӣ душман ба тӯпи сафдари худ.

Чи бояд кард, аммо ҷанг-ҷанг аст,
Туро тири адӯ аз пой афтонд.
Туро чун ҳушу қувват рафт аз даст
Дар он дам хасм асири хеш гардонд.

Сари худро накардӣ хам ба душман,
Чу фарзанди диёри номдорон.
Чароғи эътиқодат буд равшан,
Ки озодӣ ҳамеояд ба ҳар он.

Баро, Содиқ, баро, оғӯши колхоз
Ба истиқболи ту ин дам кушода,
Ба пеши дӯстони худ биё боз
Гирифта маҳкам аз дасти ирода.

Ба баҳри осмони лоҷувардӣ
Шино мекард киштии мудаввар,
Ҳамеша кори он оламнавардӣ
Аз он рӯи замини мо мунаввар.

Чи хуш шодона механдад вай имрӯз,
Чи хуш дасти саховат боз кардаст.
Барои сабзаҳо дар фасли наврӯз
Зи нури хеш пойандоз кардаст.

Ҳамегӯяд: баро аз хок, лола,
Ҳамегӯяд: шукуф, эй нахли раъно!
Ба гулҳо дода ӯ заррин пиёла
Намояд булбулонро масту шайдо.

Чу имрӯзаст рӯзи истироҳат
Ҳама хонандагон бар лолачинӣ
Бирафтанду вале танҳо Малоҳат
Намудаст ихтиёри хонашинӣ.

Малоҳатро ҳазорон фикр дар сар
Зада ҷавлон ба ҳар сӯ медавиданд,
К-аз он дурдонаҳо аз дидаи тар
Ба доман гоҳ-гоҳе мечакиданд.

Бигӯяд ҳикмат: асло боз гашта
Чу тири аз камон ҷаста наёяд,
Ҳамин тавр он шабу рӯзи гузашта
Чу мурғи аз қафас раста наёяд.

Зи боби достони зиндагонӣ
Нагардад ҳеҷ сатре боз такрор
Ба ҳар дам ошкоро ё ниҳонӣ
Дигаргун мешавад ҳар чиз бисёр.

Ба умри хеш одам, рост будаст,
Хурад, оре, ҳазору як пушаймон
Зи оҳу нолаю афғон чи суд аст,
Ба ҷуз афсӯс, баъди рафтани ҷон?

Агар мемонд як зарра умеде
Ки Содиқ зинда асту хоҳад омад,
Малоҳат гарчи дар мӯяш сафедӣ
Фитад, бар қайди дигар медаромад?

Чаро дар он шаби тори зимистон
Хати шуми сияҳ омад ба қишлоқ?
Чаро ӯ бохабар гардид аз он
Ки зад ханҷар ба ҷисми ҷони муштоқ?

Чу-з-ин бар модари Содиқ тамоман
Зи рӯи маслиҳат лаб во накарданд,
Чаро пеш аз ҳамон мактуб хондан
Варо «рав» гуфта як имо накарданд?

Кӣ медонист охир, ғайри модар,
Ки шахси дигаре, ҳам меканад ҷон
Ба монанди замини хушк бовар
Намуда, бар вафои абри найсон...

Зи сина чашмаи рози муқаддас
Занад фаввора чун дар ҳар шабу рӯз,
Ниҳон онро чи сон дорад зи ҳар кас
Дили бечораи танги пур аз сӯз.

Ҳамон ишқе ки ҳар дил мекунад ғун
Шабе гар пурра берун мебаромад,
Ба таъзиму салом аз тоқи гардун
Дусад милён ситора мефаромад...

Дар ин дам аз даруни хона ногоҳ
Садои гиряи кӯдак баромад.
Ба худ омад Малоҳат, як кашид оҳ
Пас аз он назди фарзандаш даромад.

## БОБИ ДУЮМ
### 1

Раис истода ҳайрон, баъди сӯҳбат
Назар афканд бар чашмони Содиқ,
Бигуфто: ман нафаҳмидам ҳақиқат
Чӣ коре бар худат медонӣ лоиқ?

Басе хатту саводи хуб дорӣ,
Вале табелчӣ буданро кунӣ рад.
Бидеҳ,– гуфтам,– ба бухгалтер ёрӣ,
Нигаҳ кардӣ ба сӯям боз бад-бад.

– Раис, имрӯз мегӯям Шуморо
Чи фармоед, иҷро менамоям,
Валекин дар фарохиҳои саҳро
Ҳамехоҳам, ки занг аз дил рабоям.

Каланд овардаам бинмуда сӯҳон
Каланди аз падар мерос монда,
Ба ин ҷо омадам ин лаҳза бо он
Намуда тезу чангашро равонда,

Дуруст аст, ин ки баҳри пахтакорӣ
Ба ҳар кас техника, мошин писанд аст,
Вале то ҳол баҳри обёрӣ
Яроқи беҳтарини мо каланд аст.

Дар он вақте ки дар зиндони ағёр
Рафиқам ҷон ҳамедод, «об»– гӯён,
Қасам хӯрдам, ки монам зинда, бар кор
Равам аввал ба пеши обронон.

Ба ёди дӯстони мурда лабхушк
Ба хоки ташна бояд об резад,
Сабо аз ҳар гуле як қабзаи мушк
Ба рӯи қабри онҳо бурда безад.

Ба ман низ орзуҳои дигар буд,
Ҳама чун хоби хуш барбод рафтанд.
Хаёлоти хушу гулҳои мақсуд
Дар ин муддат тамом аз ёд рафтанд.

Фақат хоки Ватан, бӯи диёрам
Зи нав бахшид умеди зиндагонӣ,
Раис, акнун гапи дигар надорам,
Кунед ин дам ба ман як меҳрубонӣ.

Илоҷаш ҳаст агар ҳозир аз ин ҷо
Фиристонед назди Ҳодӣ саркор,
Каландамро гирифта сӯи саҳро
Равам чун обронон аз паи кор.

Раис аз ҷо ба по шуд бо табассум
Зи пешонии Содиқ нарм бӯсид,
Намуд ӯ дар ҳамин дам дасту по гум
Бурун аз ихтиёри хеш ларзид.

Чу Содиқ аз идора гашт берун
Раис аз чашм афшонд оби дида,
Ғами дар қалби ӯ гардида мадфун
Баромад ҳамчу оҳи навкашида.

Чи сон сахт аст дарду доғи фарзанд,
Ки сӯзад мағз-мағзи устухонро.
Раис ором худро дошт ҳарчанд,
Вале чун дорад ӯ ашки равонро?

Варо будӣ писар ҳамсинни Содиқ,
Бирафт ӯ чун далерон рӯ ба майдон
Ба ҳурмат, қаҳрамонӣ гашта лоиқ
Вале дар соҳили Дон гашт қурбон.

Ҳамеша мард бояд мард бошад,
Зи шаб рӯи саҳар дидан тавонад.
Ба ҳар як зарбае хунсард бошад,
Ба қалби реш хандидан тавонад.

Раис аз ин суханҳо лаб газида
Тасаллӣ доимо медод бар хеш,
Валекин мори ҳасрат гаҳ хазида
Ба қалбаш ногаҳонӣ мезанад неш.

Бале, дар қатраи ашки ниҳонӣ
Умеди рафта аз каф аксёб аст,
Чу кӯҳи ғам кунад оташфишонӣ
Ба таскинаш ҳамин гӯё ҷавоб аст.

Ба коре котиб аз дар чун даромад
Раис ин сон бидиду монд ҳайрон,
Ба чашмам аз куҷо як хас фаромад,
Бигуфту шуд раис гӯё ки хандон.

**2**

Ба ҳар як ҷӯяк оби хираранге
Чунон оҳиста мегардид ҷорӣ,
Ки гӯё сангпушт аз пушти санге
Қадам мемонд аз бахри наҳорӣ.

Ҳамон обе ки метозад ба ҷӯҳо
Зи по меафтид ин ҷо аз давидан,
Замин з-ин шарбати ҷонбахш гӯё
Нагардад сер асло аз макидан.

Зи Содиқ гашт розӣ Ҳодисаркор
Ба оби рост карда чун назар кард,
Намуда риши худро қабза ду бор
Сухан бо меҳри устодона сар кард:

Зи хок ар зар гирифтан хоҳӣ он гоҳ
Ба ғайрат аз баҳорон кор бинмо.
Расидан хоҳӣ бар манзил саҳаргоҳ
Шабонгаҳ бори худро бор бинмо,

Ба олам ҳар чи дорад вақту соат
Ба вақташ кардӣ иҷро, бурд кардӣ.
Агар додӣ зи дасти хеш фурсат
Бидон, мағлуб гаштӣ дар набарде.

Агар ҳозир замин бо нарм-нармӣ
Ба хубӣ об хӯрда мекашад нам,
Наметарсад ба тобистон зи гармӣ
Накоҳад, рав, ки дар моҳи асал ҳам.

Агар олим шудӣ – такрор бинмо,
Агар деҳқон шудӣ-шудгор бинмо,
Агар раҳбар шудӣ-бар халқ дил банд,
Зи мағрурӣ ҳамеша ор бинмо.

Дили одам ба коре гарм гардад
Ҳамеша мушкилаш мегардад осон,
Чу мум оҳан, бубин, ки нарм гардад
Зи зӯри дасти оҳангар ба сандон...

Дар ин дам аз паси шипанги саҳро
Намоён шуд касе дар даст чойнак,
Ҳамеомад ба тамкин сӯи онҳо
Назар андохта аз пушти айнак.

– Ана, Ҳошим амак меояд ин сӯ,–
Ишорат карда зад лабханд саркор
Раиси якуми колхоз буд ӯ,
Ки дорад саргузашту қисса бисёр.

Пас аз вохӯрӣ ҳар се дар сари вот
Барои чой нӯшидан нишастанд,
Ба дастурхони чун майдони шаҳмот
Ду нони ҷаззагинро ҳам шикастанд.

– Канӣ, Ҳошим амак, як бори дигар
Ҳикоят сар кунед аз мӯҳри колхоз
Суханро рад накарда боз аз сар
Намуд Ҳошим амак ин қисса оғоз:

Маро дар маҷлисе як шахс ногоҳ
Раиси мо бигуфта кард эълон,
Ҳама қарсак заданду хоҳ-нохоҳ,
Калон гардид Ҳошимбои деҳқон.

Замона буд нотинҷ, аз таги по
Ҳазору як фалокат мебаромад,
Гаҳе мешуд ба деҳа дузд пайдо
Гаҳ он ҷо босмачӣ ҳам медаромад.

Ба ман гуфтанд: бояд мӯҳри колхоз
Наафтад ҳеҷ гаҳ бар дасти душман,
Варо пинҳон кунам дар ҷои бас соз,
Ки пайдо карда натвонанд ҷуз ман.

Ду шаб хобам набурд аз фикри бисёр,
Нигаҳ бар мӯҳр карда менишастам.
Нашуд охир, варо ман чору ночор
Ба нуги банди эъзорам бубастам.

Ҳамон шаб бехавотир хоб кардам
Ба донишмандии худ гашта қоил.
Барои эҳтиёт аммо дамодам
Ҳамешуд дасти ман он сӯй моил.

Пагоҳӣ мӯҳр шуд ногоҳ лозим
Идора пур буд аз одам тамоман,
Ба худ гуфтам: худо зад гӯй, Ҳошим,
Ки аз шармандагӣ хуб аст мурдан.

Хулоса, ихтирои мӯҳрдорӣ
Бишуд ифшо ба ҳар хурду калоне,
Аз ин рӯ нақл созам ихтиёрӣ,
Ман ин қисса ба ҳар пиру ҷавоне...

Бихандиданд ҳар се з-ин ҳикоят
Пас аз он боз сар шуд қиссагӯӣ,
Бишуд хурсанд Содиқ бениҳоят
Чу гул бигрифта гӯё рангу бӯе.

**3**

Ду фикри зидди якдигар шабу рӯз
Малоҳатро азоби сахт медод.
Яке мегуфт: рав, бин ёрӣ дилсӯз
Дигар бар зидди ин мекард фарёд,

Яке мекард худ аз худ далолат
Ба ӯ вохӯрдани ту нест лоиқ!
Дигар мегуфт: бишнидӣ башорат
Бирав як ҳолпурсӣ кун зи Содиқ.

Зи дасти сад хаёли печ дар печ,
Малоҳат буд байни обу оташ.
Намедид ӯ қарори қатъие ҳеч,
Намуда худ ба худ ӯ сад кашокаш.

Зи як сӯ ғунчаи меҳре, ки аз сар
Шукуфад дар баҳорон мисли лола,
Зи дигар сӯ ҳуқуқи ҳукми шавҳар
Ба ҳамроҳии шарму истиҳола.

Малоҳатро умеди рӯҳпарвар
Кашад бар кӯчаи сарбастаи ишқ,
Ба мисли он ки меҳоҳад шиновар
Бигардад завраҷи бишкастаи ишқ.

Агар донӣ, ба олам як касе ҳаст,
Ки медорат туро ӯ доимо дӯст.
Бигардад дарди пинҳонӣ каме паст
Чу ёди ту даруни синаи ӯст.

Ба ошиқ кӯчаю бозору майдон
Ҳамеша пур-пур аз бӯи умед аст.
Ба восилгаштагони васли ҷонон
Шаби торик ҳам рӯзи сафед аст.

Чи давлат, лоақал, боре ба дилбар
Сухан гӯию дил холӣ намоӣ,
Қадам монӣ зи паҳлӯяш баробар
Равӣ ҳамроҳашу ҳамроҳаш оӣ...

Зани тоҷик, дар васфи ту шоир
Ҳазорон достон гӯяд, бувад кам,
Ҳаёти пуршараф бар ҳар чи қодир,
Ба симои ту мегардад муҷассам

Ба ту чашми сияҳ, рӯи чу маҳро
Табиат дода буд аз рӯзи аввал,
Замона замкунон бахти сияҳро
Намуда буд ҳуснатро «мукаммал».

Сурудан, ханда кардан, роз гуфтан,
Барои ту набудӣ ҳеҷ мумкин.
Кушода чеҳра чун гулҳо шукуфтан
Гуноҳе буд пеши дину оин.

Ба қонуни шариат, по ба занҷир
Нишаста дар миёни чор девор,
Ту будӣ гӯиё бо ҳукми тақдир
Барои бегуноҳият гунаҳгор.

Раҳи ту аз ҷавонӣ то ба пирӣ
Зи оташдон агарчи буд то гӯр,
Вале бар хонаи ранҷу фақирӣ
Ҳамеша мекашидӣ дона чун мӯр.

Ту будӣ мисли дарё пуриноят
Ҳаёт аз шири ту мегашт такрор.
Вуҷудат шафқату меҳру ҳидоят
Зи бухлу кина дар ту нест осор.

Абӯрайҳони Берунӣ, ки чандин
Замону асрҳо пеш аз Коперник
Заминро гирдгардон кард тахмин
Набуд ӯро ба ҷуз ту шахси наздик.

Зани тоҷик, фарзанди ту буданд
Муқаннаъ, Рӯдакию Ибни Сино,
Ба ҳурмат бар ту сар хам менамуданд,
Камолу Ҳофизу Саъдию Савдо…

Ҳамеша чашмаҳои кӯҳсорӣ,
Ки ҳамчун осмони соф софанд,
Барои роҳи худ бо бурдборӣ
Дили сахти заминро мешикофанд.

Ба ёдам ҳаст, дар паҳлуи кӯҳе
Ҳамехобид санги филҷусса,
Равон буд об аз он гоҳ-гоҳе
Чу аз чашмони ҳамболини ғусса.

Аз ин рӯ, «Санги гирён» буд номаш
Ва бешак дошт ӯ афсонае ҳам,
Ки гӯё деви зарди чашм-оташ
Намуда духтаре он ҷой маҳкам.

Ҳамон духтар ҳазорон солҳо боз
Ба зери санг мегиряд шабу рӯз,
Намоӣ гӯш агар, меояд овоз
Гаҳе бо нолаю оҳи ҷигарсӯз.

Чу рӯзе одамон бар санги хоро
Ниҳода дору, онро пора карданд.
Мурувват, меҳрубонӣ, раҳм гӯё
Ба он муштипари бечора карданд.

Ҷаҳид аз зери санг оби булӯрин
Чу оҳуи зи дом озод гашта,
Хиромон рафт он монанди Ширин
Ба сӯи дашти чун Фарҳод гашта,

Зани тоҷик, таърихи туро ман
Зи қаъри асрҳо то ин замона
Ба ин қисса намудам боз равшан
Магар ташбеҳи ман не одилона?

Кӣ бигрифт аз сарат санги ҷафоро?
Кӣ дод озодию чашми ҷаҳонбин?
Кӣ дод ин бахту даврони гуворо?
Ту мегӯӣ даҳон пур карда: Ленин!

Зани тоҷик духтур, инженер аст,
Намояд давлати худро идора.
Ба ҳар як кор донову далер аст,
Ҳамеша равшан аст ӯро ситора.

Дар аэропорт пеш аз субҳи фирӯз
Малоҳат дошт бар ҳар сӯ равуо,
Варо ҳамчун вакили сулҳ имрӯз
Ба маҷлис мефиристад халқи ин ҷо.

Ба сӯи пойтахти Тоҷикистон
Ба ҳисси ифтихоре мепарад ӯ,
Ба форуми калони сулҳҷӯён
Садои қалби ёрон мебарад ӯ.

Ба вақти хайру хуш аз байни мардум
Баногаҳ гашт Содиқ чун намудор,
Малоҳатро парид аз лаб табассум
Чу шахси бар гуноҳаш гашта иқрор.

Ба як мижгон задан аз ҳарду ҷониб
Нигоҳе бар нигоҳ оғӯш во кард.
Зи рӯи мавҷи як ҳисси аҷоиб
Диле бар пешвози дил шино кард.

Дар ин дам чун нишони ишқи сӯзон
Шавад бозори бӯса гарм бояд,
Ки аз он бар лабу себи занахдон
Ду-се холи сиёҳе ҳам барояд.

Вале онҳо фақат бо як ишорат
Ба тамкин дасти ҳамдигар фишурданд,
Ба ҳам гӯё ки аз баҳри амонат
Зи нав ҳисси наве бар ҳам супурданд.

Уқоби тезгарди болзебо
Зи рӯи абрҳо парвоз мекард,
Китоби ишқи пинҳонии худро
Малоҳат гашта-гашта боз мекард.

Гули зардолу зебояст, зебо!
Садаф гӯё ба ҳар шохе ҳимел аст,
Нагардад сер одам аз тамошо
Намедонам варо хислат чи хел аст.

Магар аз осмони софи пурнур
Ба ҷои шабнам имшаб барф омад?
Ва ё ки села-села турна аз дур
Расиду баҳри дамгирӣ фаромад?

Насими нарм мисли дасти модар
Ба ҷунбиш оварад гаҳвораи гул,
Дарахтон дар назар гӯё баробар
Ба шир имрӯз мешӯянд кокул.

Гули зардолу хушбӯяст, хушбӯ,
Ба хушбӯӣ варо бӯи «худодод».
Ба нармӣ ҳамчу болини пари қу
Ба рӯи бистари келину домод.

Ба саҳро меравад Содиқ пагоҳӣ
Гузашта аз миёни боғу майдон,
Варо дил, ҳамчунон дар об моҳӣ
Дар уқёнуси гул ояд ба ҷавлон,

Тамоми шаб набурдӣ хоб ӯро,
Ки бифшурдаст дастони Малоҳат,
Чи сон ки буд як ҳисси гуворо,
Ки бахшад ҳар нафас ширин ҳаловат.

Ба зери тӯдаи хокистари ишқ
Ҳамеша лахчае пинҳон бимонад,
Агар боде вазад дар кишвари ишқ,
Зи нав он боз оташ мефишонад.

Умеди рафта монанди саробе
Гаҳе аз дур мегардад намудор.
Ҳамеҷӯяд кас он ҷо қатраобе
Валекин нест ғайр аз буттаи хор…

Дар ин дам баччае омад давида,
Саломе карду бар Содиқ хате дод.
Пас ӯ гӯё зи кори худ рамида
Гурезон шуд ба монанди сабукбод.

Чу Содиқ хонд он хатро ба диққат
Бишуд пешониаш оҳиста пурчин,
Зи ҳар як сатри он гӯё ба даҳшат
Ба китфаш мефаромад бори вазнин.

«Барои ман шумо чун модари хеш
Фиристодед баҳри хостгорӣ,
Бизад ин гап ба ҷисму ҷони ман неш
Надорам бар шумо чун ихтиёре.

Шумо собиқ асири дасти душман
Надоред обрӯ дар байни мардум,
Ҳамон беҳ, ки канед уммед аз ман
Накарда ин қадар ҳам роҳи худ гум».

Аё модар, ту беҳад меҳрубонӣ
Ба зӯрат офтобу моҳ таслим,
Ҳамеарзад ба ту кас ҷовидонӣ
Кунад гулдастаҳои меҳр тақдим.

Расад то субҳи фирӯзии фарзанд
Дамад мӯи сиёҳатро сафедӣ,
Туро ранҷур гардад банд аз банд
Ба саҳрои умеду ноумедӣ.

Чи хуш гуфтаст устоди муаззам,
Ки модар чашмасорони ҳаёт аст.
Зи рӯҳи ӯ мунаввар рӯи олам
Дили ӯ ошёни илтифот аст.

Писар шуд гарчи як марди тануманд
Ба чашми модараш кӯдак ҳанӯз аст,
Агар хоре занад бар пои фарзанд,
Варо на шаб-шабу на рӯз-рӯз аст.

Ба садҳо орзу модар ба Содиқ
Арӯси нозанине ҷустуҷӯ кард.
Санавбарро ниҳоят, ёфт лоиқ
Ба хешу ақрабоҳо гуфтугӯ кард.

Санавбар! Ин қадар бераҳм ҳастӣ
Ки Содиқ нест аз ин кор воқиф.
Ту парчингашта завраҳро шикастӣ,
Ба ин мактуб, чун боди мухолиф.

Чаро якбора бар рӯи ҷароҳат
Ба ин тезӣ намакпошӣ намудӣ?
Ба ин оташмизоҷӣ, ин ҳарорат
Лаби ширин ба ин талхӣ кушудӣ?

Чаро ин сон ба сахтӣ таъна кардан
Ҳамон касро, ки беҳад буд маъюс?
Бале, буд ӯ асири дасти душман
Ҳимоят кард аммо нангу номус.

Гаҳе як ҳарф сад тори асабро
Ба ларзиш оварад чандин маҳу сол,
Кунад он аҳли навхези тарабро
Гаҳе мисли самуме зуд помол.

Ҳамон бегаҳ писар дар назди модар
Тамоми қиссаро як-як баён кард.
Аз ин рӯ модари бечора дигар
Санавбарро зи ёди худ баровард.

## БОБИ СЕЮМ
### 1

Баҳор андар замини Украина
Шукуфта чун арӯси шӯхи танноз,
Дари ганҷинаҳо дар чашми Зина
Валекин бо азобе мешавад боз.

Ба нармӣ бар димоғи ӯ дамодам
Зи тиреза расад бӯи гули ёс.
Вале ӯ ғарқ бар хондан, сараш хам
Ба ҳам зич ду лаби монанди гелос.

Дурахшад ҳамчу дурр бар чашми бино
Ариза, нома, фармон… ҳар чи хоҳӣ,
Ки ҳар як аз набарди партизанҳо
Диҳад бо эътимоди пур гувоҳӣ.

Дар ин ҷо номҳои ранг бар ранг
Иван, Сергей, Тоштемуру Сангин.
Набошад баҳри шоир қофия танг
Ки ҳатто ҳаст Евгений Онегин.

Қарори райкоми пинҳонӣ равшан
Шаҳодат медиҳад: Содиқ-коммунист.
Вале ӯ аз куҷо-ин номуайян,
Ҳаминро Зина мебоист донист.

Пас аз бисёр ҷустуҷӯй кардан
Зи архив ёфт ҳуҷҷатҳои бисёр.
Яке мегуфт: «Содиқ баъди мурдан
Ба ордени «Шараф» гашта сазовор.

Дар ин ҷо ёфт шуд мактуби Содиқ
Ниҳоят кӯтаҳ, аммо пур зи мазмун,
Ки он даҳ сол андар мили милтиқ
Ниҳон монда, ба доғи қатраи хун.

«Азизам, ман аз ин роҳи басе дур
Кушоям он чи асрорест дар дил.
Агар дер ояд ин хат, дор маъзур,
Ки он аз киштии гумкарда соҳил.

Туро ман дӯст медорам чу барқе,
Ки рахшад аз дили шабҳои торик.
Масофа бар муҳаббат ҳеҷ фарқе
Надорад, эй гули хандони тоҷик.

Агар танҳо ба шеъри ошиқона
Дилатро ёфтан мебуд мумкин,
Дар ин хат мефишондам содиқона
Ба ҷои ҳарфҳо ман ашки хунин.

Бале, роҳи ҷудоӣ-роҳи мушкил,
Хусусан он ба ошиқҳо ҷафобахш,
Вале бар он ба ҳар шаклу шамоил
Кунад дасти замона мӯҳри худ пахш.

Тасаввур мекунем он киштиеро,
Ки бар вай мекунад таҳдид тӯфон.
Аз ин парво накардан мумкин оё
Чу дар он ҳамсафар бо туст ҷонон?

Дами пурхавф, ҷонбозӣ, ирода,
Шуҷоат, дасти чун фӯлод даркор.
Шавад роҳи халосӣ то кушода
Дили аз тарсу бим озод даркор.

Агар ногаҳ, ба вақти корзоре,
Дили ҷӯшони ман аз кор монад,
Ҳамин хат бар ту аз ман ёдгорӣ,
Азизам, солҳо, бигзор, монад.

Хар он кас ёри худро дӯст дорад,
Ҳимоят мекунад ҳоло Ватанро.
Дар ин ҷанги муқаддас месупорад,
Агар лозим шавад, ӯ ҷону танро».

Ба кӣ ин номаро Содиқ навиштаст?
Ба кӣ мехост рози дил бигӯяд?
Ҳамон тухми вафое, ин ки киштаст,
Агарчи дер шуд, бигзор рӯяд.

Пас аз таҳқиқ шуд Зина хабардор,
Киро ин номаи пур аз муҳаббат.
Аз ин рӯ ҳамчу бахти гашта бедор,
Равон шуд нома бар сӯи Малоҳат.

Ба сӯи кишвари зархези тоҷик
Хати гумгашта ҳоло раҳсупор аст.
Ташаккур, Зина, баҳри хизмати нек,
Ки он доруи қалби доғдор аст.

**2**

Ба саҳни осмони соф имшаб
Занад чашмак ситора бо ситора,
Ба паҳлӯи чинори пушти мактаб
Ду кас бар якдигар созад назора.

Замин аз ташнагӣ ҳарчанд сӯзад,
Надорад ӯ забон то «об» гӯяд.
Касе бар рӯи ҷонон чашм дӯзад,
Ҳамеша алвидоъ бо хоб гӯяд.

Ба ёди рӯи гулҳо булбули маст
Парад танҳо агар аз шох бар шох,
Зи ишқ оҳе ки дар дилҳо хамӯш аст,
Намояд кӯҳро чун чашма сӯрох.

Ҳавас дар рафтуои беқарорӣ
Гаҳу бегоҳ монанди насим аст,
Муҳаббат дар хурӯшу бурдборӣ
Ба мисли оби дарёи азим аст.

Дар изҳори муҳаббат оҳу нола
Ҳамеша хос рӯҳафтодагонро,
Ба хомӯшӣ дамидан мисли лола
Нишоне бошад ишқи ҷовидонро.

Муҳаббат нест гавҳар, нест тилло
«На кас ӯро харад, на кас фурӯшад»
Муҷасса гашта дар он ҳисси дилҳо,
Худ аз худ чун хуми май мехурӯшад.

Муҳаббат гар набудӣ, аз чароғон
Набудӣ орзуи рӯшноӣ,
Накардӣ ҳис касе шабҳои ҳиҷрон
Нафаҳмидӣ вафою бевафоӣ.

Намедонад муҳаббат дину мазҳаб
Наметарсад вай аз гармию сардӣ.
Барад охир туро бар кӯи матлаб
Агар сад мушкил ояд, пас нагардӣ!

Чу бар фарқи чинори солхӯрда
Ба мисли кулча моҳи пур баромад,
Ду соя гашта гӯё бурда-бурда
Ба рӯи сабзаҳо ногаҳ фаромад.

Бари домони шоҳии Малоҳат
Гаҳе алвонҷ аз шаббода мехӯрд.
Зи ҷоми васл Содиқ бо ҳаловат
Сарфарозона гӯё бода мехӯрд.

Ду зулфаш он чуноне тоб хӯрда
Дили бинандаро занҷир мезад.
Камони абрувони тобхӯрда
Ба Содиқ гашта-гашта тир мезад.

Малоҳат гуфт: «аз шаб рафт посе
Чаро ин қадр хомӯшед, хомӯш,
Ман акнун меравам, як илтимосе
Ягон гап гӯед охир, то кунам гӯш.

Ҳамон хатте, ки даҳ соли расо боз
Кашидам интизорӣ охир омад,
Ба хондан чун варо бинмудам оғоз
Ба ҳар як сатр ашки ман фаромад.

Ба Зина сад ташаккур бо муҳаббат
Намудам баҳри некӯ корҳояш,
Навиштам ин ки Содиқ ҳам саломат
Саломе мефиристонад барояш.

Бар он хатте, к-аз аввал то ба охир
Садои гимни ишқи ҷовидон аст,
Намоям дидаро ҳар рӯз нозир
Чу шаб ояд, ба ман ӯ ҳамзабон аст.

Магар дар ёдатон чизе намонда
Аз он рӯзу аз он моҳу аз он сол.
Ки мерафтем ҳарду шеър хонда
Гаҳе то сояи беди куҳансол?

Намедонед, кай бо чашми дилбар
Ба сӯи ман назар афканда будед?
Муҳаббат аз кадомин лаҳза шуд сар,
Маро бар худ чи сон шайдо намудед.

Табассум карда Содиқ гуфт: боре
Шумо бо духтарон бар шаҳр рафтед,
Ман он ҷо низ рафтан баҳри коре
Гузорам як ба боғи шаҳр афтид.

Саросар боғ дар ҳусни расо буд,
Гулу себаргаҳо беинтиҳо буд,
Тамошо буду оҳанги наво буд.
Вале ду чашми ман сӯи Шумо буд.

Дар он шаб як саломи нарм кардед,
Диламро бо нигоҳе гарм кардед.
Аз ин лабҳои шаккаррези ширин
Сухан гуфтеду гӯё шарм кардед.

Шумо гуфтед бо як меҳрубонӣ:
Агар хоҳед ҳамроҳи фалонӣ
Ҷасорат карда, як бар ҳавлии мо
Пагоҳ оед баҳри меҳмонӣ.

Пагоҳӣ чор кас якҷоя будем,
Баҳори лутфро ҳамсоя будем ,
Шумо будед мисли навниҳоле
Сеи мо гирдатон чун соя будем.

Агарчи солҳои сол бигзашт,
Ҳазорон қисса моломол бигзашт,
Намедонам хабар доред ё не
Ҳаётам бо кадом аҳвол бигзашт?

Парастидам ман абрӯи шуморо,
Сурудам рӯи некӯи шуморо,
Вале дар оқибат хун гиря кардам
Шунида ман шаби тӯи шуморо.

Агарчи солу маҳ пай дар пай ояд,
Баҳорон ояду иди май ояд,
Валекин рост бошад ҳикмати халқ
Ки тири аз камон ҷаста наёяд.

Нахандед, эй азизи ман, нахандед,
Гапи ҳақро агар гӯям, наранҷед,
Чи мегӯед, то ҳоло дар олам
Шумо танҳо бароям дилписандед…

Ниҳолон лаҳзаи боде вазидан
Чу мегарданд бар ҳар сӯ ҳаму рост,
Вале сарви Малоҳат аз хамидан
Наафтад бар замин, як такя мехост.

Малоҳат монд сар бар китфи Содиқ
Тамоман карда дунёро фаромӯш,
Дами гарми нафасгирии ошиқ
Ба вай меомад аз пушти баногӯш…

Сараш аз нашъаи эҳсоси ширин
Ҳамезад чарх ҳоло мисли гирдоб,
Варо сар то ба по гӯё ки аз ин
Бигаштӣ об мисли қанд дар об.

Баногаҳ аз кучҷои дур гӯё
Садои гиряи кӯдак баромад.
Малоҳат з-ин садо з-авҷи сурайё
Ба дунёи ҳақиқӣ аз нав омад.

Дар ин ҷо меҳри модар кард туғён,
Ба зидди оташи пуршӯълаи ишқ.
Намонд ин ки шавад бар халқ эълон
Садои бӯса чун зангӯлаи ишқ.

Ду кас рафтанд бар ду сӯи қишлоқ
Хирадро раҳнамои худ намуда,
Ду муштоқ аз нав имшаб боз шуд тоқ
Зи боғи васл як гул ҳам начида.

Ба рӯи бистар имшаб то саҳаргоҳ
Бигаштӣ Содиқ аз паҳлу ба паҳлу,
Гаҳе оҳиста аз дил мекашид оҳ,
Алам гоҳе гирифтӣ аз тамоку.

**3**

Шаби ошиқ шаби беҳад дароз аст,
Ба мисли достонҳои ғарибон.
Тани ошиқ пур аз сӯзу гудоз аст,
Набошад ҳоҷат аммо бар табибон.

Паси ҳам ҳар муаммои табиат,
Агарчи ҳал шавад бо ақли инсон,
Вале дар ҳалли асрори муҳаббат
Шавад донишвари ҳар давр ҳайрон.

Ҳамедонист Содиқ ин ки дигар–
Висоли ёри дилҷӯ нест мумкин,
Вале сад орзуи хом, аз сар
Намонад, то ки сар монад ба болин.

Даме, к-андар фазои субҳгоҳон
Ситора бо ситора хайр мегуфт,
Дар он вақте ки мурғони хушилҳон
Ба ҳам парвоз кардӣ ҷуфт бо ҷуфт,

Зи ҷояш хест Содиқ, бо рухи зард
Ба ҳамроҳии модар чой нӯшид,
Дароз ӯ дастро пас бар қалам кард,
Нависад номае, бисёр кӯшид.

Ба Зина Содиқи хотирмушавваш
Ташаккур хонда мактубе равон кард,
Намуда нақл кӯтаҳ саргузашташ
Пас аз он илтимосашро баён кард.

Тавалло кард ҳар як ҳуҷҷатеро
Ба райком тезтар бояд супорад,
Ки онҳоро вай аз сад кони тилло
Барои хеш қимат мешуморад.

Чу рамзи дӯстии додарона
Гули сурхе миёни нома бигзошт,
Ба ёди сарзамини Украина
Ба сар гӯё қадаҳ пур карда бардошт.

Намуд ӯ боварӣ меояд он рӯз–
Ки хоҳад коммунистона қадам зад.
Тасаввур карда ӯ фардои фирӯз
Ба меҳнат остини хеш бар зад.

Коммунист! Лоиқи ин ном гаштан–
Чу Ленин зиндаи ҷовид будан
Зи роҳи халқ асло пас нагаштан
Ба мисли чашмаи хуршед будан.

Ҳамон бегоҳ бо парторги колхоз
Ду соат пурра Содиқ гуфтугӯ кард,
Сухан аз хатти Зина карда оғоз
Баёни саргузашташ мӯ ба мӯ кард.

Пас аз як рӯз бо парторг ҳар ду
Ба назди котиби райком рафтанд,
Дар ин бобат сухан гуфтанд бо ӯ,
Аз ӯ пас маслиҳатҳо ҳам гирифтанд.

Шинои киштии уммедворӣ
Ба сӯи соҳили мақсуд сар шуд,
Пас аз бетоқатӣ, шабзиндадорӣ
Шаби торик равшан чун саҳар шуд.

Барои корвони монда дар роҳ
Дурахшон гашт наҷми корвонбар,
Ҷаҳон дар чашми Содиқ гашт ногоҳ
Чу рӯзи офтобӣ бас мунаввар.

**4**

Ба деҳа паҳн шуд овоза дарҳол
Агар хоҳад касе аз аҳли колхоз
Ба сӯи навзаминҳо аз ҳамин сол
Барои кӯч кардан созад оғоз.

Ба деҳқон гар замину об бошад
Наметобад зи меҳнат ҳеҷ гаҳ сар,
Ба ҳар ҷое агар ӯ дона пошад
Бигирад тирамаҳ ӯ хирмани зар.

Бишуд маҷлис дар ин бобат ду-се бор
Ба ин ҷо котиби КМ ҳам омад,
Шунид ӯ хоҳишу таклифи бисёр
Пас аз он худ сари минбар баромад.

Ба ҳар чашме назар мекард котиб
Дили пурҷӯшро медид равшан,
Садои кафзанӣ аз гирду ҷониб
Ҳамекарданд мақсадро муайян.

Агар партия даъват менамояд
Бихезад халқ чун баҳри дамоне,
Чунон меҳнат, чунон коре намояд,
Ки созад сабт таърихи ҷаҳонӣ.

Дар ин маҷлис барои кӯч кардан
Бишуд аз ҳар тараф боло басе даст,
Яке аз аввалинҳо баҳри рафтан
Ҷавонмардона Содиқ ҳам миён баст.

Биёбоне, ки дар умраш надида,
На як дону қади сабзи ниҳоле.
Шавад ҳамчун хамири наврасида,
Зи мавҷи оби ҷонбахши зулоле.

Чу дастурхони пур аз нозу неъмат
Шавад фардо кушода пеши дида,
Намояд доманашро пурзироат
Замини рӯи ҳосилро надида.

Ба хона Содиқ омад бо табассум
Ба модар нақл кард ин қисса кам-кам,
Вале чун хӯшаи пурбори гандум
Сари модар аз ин гапҳо бишуд хам.

Бигуфт: эй нури чашмам, эй писарҷон
Чаро азми ғарибӣ менамоӣ?
Маро аз нав чаро бинмуда гирён
Чаро аз манзили худ мебароӣ?

Зи боғи умри ман мондаст танҳо
Фақат як фасл - ин фасли хазонрез,
Дили ту мешавад оё ки ҳоло
Бисӯзонӣ маро дар оташи тез?

Саратро ҷуфт мекардам агар ман
Тамоми ғуссаро аз ман ҳамеронд,
Ту бошӣ бар сарам дар вақти мурдан
Ба дил як зарра армонам намемонд.

Дар он ҷое, ки хуни ноф резад
Муқаддастар аз он ҷо нест ҷое,
Агар кас аз диёри худ гурезад
Дучор ояд ба сад ранҷу балое.

Маро аввал, писарҷон, дафн бинмо,
Ду-се соле марав, кун сабру тоқат,
Равӣ гар ту, маро бинҳода танҳо
Ба ман қоим шавад рӯзи қиёмат.

Пас аз ин гуфтугӯ Содиқ зи ҳайрат
Намедонист бар модар чӣ гӯяд,
Гапашро рад кунад, ё ки итоат?
Дар ин дам маслиҳатро аз кӣ ҷӯяд?

Нарафтан ҳеҷ мумкин нест акнун
Магар аз роҳ гаштан кори мард аст?
Зи роҳи ваъда ҳар кас гашт берун
Ба назди халқ доим рангзард аст.

Дар ин асно ду қувва– ду баҳодур
 Ҳамеистод дар паҳлуи Содиқ,
Ки ҳар ду ҳам сазовори тафохур
Ба ҳурмат ҳар ду ҳам бешубҳа лоиқ.

Яке амри дилу ҳукми ҷавонӣ
Дигар ин илтиҷою раъи модар,
Ки ҳар ду ошкорою ниҳонӣ
Барои ҳар ки дил дорад, баробар!

Пас аз чанде ба гирдоби хаёлот
Фурӯ рафтан, ҷаҳидан, чарх гаштан,
Пас аз чанде ба монанди шаҳи мот
Ба таъзиқи руху фарзин нишастан,

Табассум карда Содиқ гуфт: модар
Агар бар ташнае одам диҳад об
Бикӯшад ё ба халқи худ баробар
Ба ҳар кору ба ҳар майдон, ба ҳар боб

Гуноҳ аст ин магар дар пеши виҷдон?
Магар ин маъние дорад, ки акнун
Ҳамегардам аз ин кишвар гурезон
Ба кӯҳу даштҳо монанди Маҷнун?

Ба фикрам қадри одам, қимати ӯ
На дар як умр дар як ҷой будан
Сарафрозии ӯ дар ҳиммати ӯ,
Ки дар меҳнат бубояд озмудан.

Аё модар, ба маҷлис пеши мардум
Бигуфтам, ин ки тайёрам ба рафтан.
Сухан охир набошад мисли ҳезум
Ки акнун хезаму оташ занам ман.

Миёни ҳар ду сар карда аз ин шаб
Басе бозори сӯҳбат гарм мешуд,
Дили модар, ки аз меҳраст лаб-лаб
Чи мегӯед, кам-кам нарм мешуд.

Валекин зоҳиран модар тамоман
Ба фикри хеш меистод маҳкам.
Ба Содиқ гӯиё мегашт равшан,
Ки хоҳад гашт ӯ расвои олам.

Хаёли модар андар ошёна
Ба парвоз аст, аммо фикри фарзанд,
Фарохии бузурге дар миёна
Вале он ҳарду бо як чиз пайванд:

Ки он бошад вафою меҳрубонӣ
Чароғи раҳнамои нурпеша
Дари дилро намояд посбонӣ,
Зи ҷаҳлу кинаю сардӣ ҳамеша!

**5**

Зимистон. Боди сарди барфолуд
Шитобон аст аз мағриб ба машриқ.
Фазоро абрҳо бинмуда маҳдуд
Фишор оранд андар китфи Содиқ.

Миёни зарраҳои барф зоғон
Ба ҳар сӯ мепаранд озод-озод,
Зи дасти бод ҳамчун синадоғон
Дарахтон луч шуда доранд фарёд.

Ба ҷои майсаҳо андар лаби ҷӯ
Яхи нозук кунад оинабандӣ.
Ба зери буттаҳои хушк ҳар сӯ
Хазон гардиш кунад бо дардмандӣ.

Саросар кӯчаи қишлоқ холӣ
Ҳама ҳоло шуда хона ба хона,
Ба кӯча як бароед, эй аҳолӣ,
Ки Содиқ рақсаду хонад тарона.

Ба он мӯрӣ нигар дудест печон,
Аҷаб не ин ки ҷӯшад зирбаки ош.
Ба ин тиреза сардии зимистон,
Ҳазорон гул кашида мисли наққош.

Гирифта ҳуҷҷати худро зимистон,
Ҳамехоҳад ба ҳар дар сар дарорад.
Барои он ки дар фасли баҳорон
Гурезон шуд, қасоси худ барорад.

Ба чашми Содиқ аммо иди Наврӯз
Замину осмонро ҳукмрон аст,
Ба вақти шом гӯё субҳи фирӯз
Дамида ҳар тараф партавфишон аст,

Билети партия андар сари дил
Аз имрӯз эътиборан ҷой дорад.
Ҳақиқат, дар ҳақиқат, ҳаст одил,
Ки рӯзе дасти ҳақҷӯ мефишорад!

Ба завқ имрӯз дар райком котиб
Фишурда дасти Содиқро сухан кард:
– Шудӣ бар ин шараф имрӯз соҳиб
Бубояд хизмати халқу ватан кард,

Коммунист-ин сухан монанди шайпур
Ба майдони зафар даъват намояд,
Коммунист-ин сухан чун машъали нур
Ҳамеша рӯшноӣ мефазояд.

Ҳамехоҳад, ки Содиқ рафта аввал
Санавбарро ҷавоби талх гӯяд,
Ба қасдаш, баъди он бахт аз таваккал
Арӯси дигареро ҳам биҷӯяд.

Чи сон хушрӯй, аммо ин Санавбар
Чу субҳи баъди борони баҳорӣ.
Намегарданд дар шӯхӣ баробар
Ба вай он рудҳои кӯҳсорӣ.

Гаҳе чун шеърҳои шаҳрошуб
Зарифу дилбару мафтункунанда,
Гаҳе чун кӯдаки бар ҳар ки маҳбуб
Ниҳоят якраву дилхункунанда.

Зада ҳар лаҳза чун оташ забона
Намояд шаттагӯӣ бар ҳама кас,
Гаҳе бо як ҳаёи духтарона,
Сухан гӯӣ, табассум мекунад бас

Дамодам эътибораш мефазояд
Зи пушти ҳазлгӯӣ, ростқавлӣ
Ба ҳар ҳавлӣ ба меҳмонӣ биёяд,
Шавад аз ханда пур он рӯи ҳавлӣ.

Чунин духтар ба ту ҳамсар бигардад
Чи сон ин давлату бахти калон аст.
Туро он мисли болу пар бигардад,
Агар роҳат ба сӯи осмон аст.

Пас аз чанде вале бо суръати тез
Равон шуд фикри Содиқ сӯи Зина,
Расонад бар димоғаш боди гулбез
Аҷоиб бӯи хуш аз Украина.

Ҳамехоҳад, ки бо миннатпазирӣ
Ба пои Зинаҷон гулҳо гузорад,
Барои ёрмандӣ, дастгирӣ
Ду дастони варо маҳкам фишорад.

Ҳамехоҳад, ки чун мурғи хушилҳон
Барояд бар сари шохи баланде,
Бигӯяд: «гӯш доред, эй рафиқон,
Ки мехонам суруди дилписанде»

Равад акси садои ин тарона
Ҷаҳонро сахт бар оғӯш гирад,
Гузорад ҳар куҷо аз худ нишона
Ба мисли дӯстӣ ҳаргиз намирад.

**6**

Миёни мардум аст ин нукта машҳур:
Нахоҳад монд бӯи атр пинҳон.
Ду дил гарчанд аз ҳам мешавад дур,
Валекин боз монад гап-гапи он.

Малоҳат нағз мефаҳмид: чандест
Ки будӣ шавҳараш хотирмушавваш,
Азобе мекашид, ӯ шубҳае нест
Чу шахси монда байни обу оташ.

Аҷаб не кирми рашки нешсахте
Дилашро мекунад оҳиста сӯрох,
Кунад вай одамиро чун дарахте,
Ки дорад на гулу на баргу на шох.

Ҳамон марде, ки ӯ даҳ сол аз ин пеш
Намегашт аз низову шӯрапуштӣ,
Гапашро ду кунад бегона ё хеш
Ҳамезад беибо якбора муште.

Даме к-ӯ бо Малоҳат ҳамнафас шуд,
Худ аз худ гашт оҳиста дигаргун.
Чу шери ромгашта дар қафас шуд
Зи амри зан нагардад ҳеҷ берун.

Аҷаб не рӯзгору зиндагонӣ
Малоҳатро ба ӯ гардонд маҳбуб,
Тамоми хислати бадро ниҳонӣ
Аз ин рӯ дар худаш ӯ кард мағлуб.

Малоҳат гуфт бар худ: ман тамоман
Бубояд рози худ бар ӯ бигӯям
Бигӯям, чунки ҳастам покдоман
Агарчи корд монад бар гулӯям.

Ҳамон шаб паҳлу дар паҳлуи шавҳар
Бихобида Малоҳат роз мегуфт,
Зи ҳамболини худ бо ин саросар
Ғубори шубҳаро, бешубҳа, меруфт.

«Азизам!»– Бори аввал ин суханро
Малоҳат бишнавид имшаб зи шавҳар,
Аз ин ҷо як ҷаҳон ҳисси гуворо
Ба китфи ёри худ бигзошт ӯ сар.

## БОБИ ЧОРУМ
### 1

Ба умри хеш ин Сири куҳансол
Надода бар касе на сиру на сар
Наход ин ки шавад ҷорӣ ба ин ҳол
Пас аз ин боз садҳо соли дигар?

Намехоҳад чаро боре равад он
Барои ҳолпурсӣ ташнагонро.
Шавад то бар лаби хушки биёбон
Намехоҳад диҳад оби равонро?

Чаро чун дилбари бераҳми зебо
Намояд ошиқонашро ҷигарчок?
Намесозад чаро ӯ ҳеҷ парво
Ба зорию таваллои дили хок?

Намехоҳад? На, мебахшед, ҳозир
Дар ин ҷо ман, ба фикрам, саҳв кардам,
Аз ин рӯ таънаро аз лавҳи хотир
Хати батлон кашидам, маҳв кардам.

Ба қимат оби Сир-оби ҳаёт аст,
Ба ҳиммат нест онро мислу монанд,
Саропо он чу мавҷи илтифот аст,
Ба дидораш биёбон орзуманд.

Ҳазорон бор печу тоб хӯрда,
Ҳазорон сол боз ӯ меравад роҳ.
Зи ду соҳил ба ҳасрат бӯса карда,
Ба як маҷро равад ӯ хоҳу нохоҳ.

Ба вай роҳи наве бояд нишон дод,
Лаҷомашро гирифта сахт дар даст,
Ки то он даштҳоро созад обод
Заминҳоро кунад бо об сармаст.

Аз айёми қадим ин нуқта машҳур:
Ба дарё ҳазл кардан нест мумкин
Зи роҳаш мекунад, бешубҳа, он дур
Ҳар он чи вохӯрад бо зӯру тамкин.

Вале дар давраи нав бениҳоят
Ақида, зиндагӣ, одам дигар шуд.
Агар сар шуд набарде бо табиат
Дар он халқи Ватан соҳибзафар шуд.

Дар он субҳе, ки «Аврора» ба олам
Ҳуқуқи даври навро кард эълон,
Аз он дам қисмати дарёи Сир ҳам
Дигар шуд пай набурда ҳеҷ аз он.

Дар он шабҳо, ки Ленин дар Кремл
Ба ҷои чилчароғон шамъ месӯхт,
Аз он дам мисли нури фатҳи комил
Чароғони Днепрогэс афрӯхт.

Дар он рӯзе, ки баҳри луқмаи нон
Ятиме то ба пеши доҳӣ омад,
Аз он дам дар Қазоқистон, Сибир, Дон
Чу тилло хӯшаи гандум баромад.

Нахустин бор вақте бо таку дав
Барои об Содиқ кард зорӣ,
Аз он дам гашт бо имзои Маскав
Ба Мирзочӯл оби Сир ҷорӣ.

Чунин буд амри воқеъ, ҳукми таърих,
Чунин буд омади кори замона.
Ба қалби кӯҳнадунё мезад ин сих
Намуда қувваи худро равона

Ба инҳо буд, аммо вақт лозим,
Ҳамон вақте ки бе он нест мумкин,
Дамад гандум, шавад оҳан мулоим
Ба гардиш оварад то чархи мошин.

Бигардад сарф бар ҳар кор фурсат,
Бурун аз вақт чизе нест ҳосил.
Насозад вақт бар одам итоат,
Давидан пеш аз он як фикри ботил.

Зи вақт аммо намудан истифода
Яке аз боби қонуни ҳаёт аст,
Агар бошад ба кас азму ирода
Биёрад ҳар нафас як чиз бар даст.

Ҳамин тавр омад он рӯзи аҷоиб,
Ки Сир ҳам пеши инсон сар фурӯ кард.
Бидида ҷидду ҷаҳди халқи ғолиб
Ба оҳанги дигар ӯ гуфтугӯ кард.

Зи ГЭС-и «Дӯстии халқҳо» нур
Кунун беист бар ҳар сӯй тозад,
Насими «Баҳри тоҷик» карда ҳур-ҳур
Аҷаб мусиқии форам навозад.

Каналҳо шоха ронда чун раги хун
Баранд оби мусаффо бар биёбон,
Замин дар ҳар қадам гашта дигаргун
Иваз созад биёбон бар хиёбон.

Биё, хонандаи ин қисса, имшаб
Равон гардем ҳар ду лаб-лаби ҷӯй,
Дар ин ҷо ҳаст чистони мураккаб
Ба ҳаллаш як сухан охир ту ҳам гӯй.

Ҳазин чӯ мебарад моро ба кӯе,
Ки он ҷо кор Содиқ менамояд.
Варо чун одами бообрӯе
Ҷавону пир ҳурмат менамояд.

Замини сабз мисли пойандоз,
Ба шарқу ғарб, бингар, мекашад тӯл,
Калонтар мекунад Содиқ варо боз
Нишаста бо рафиқон дар паси рул.

Дар ин ҷо боғҳо аз навниҳолон
Ба гирди хонаҳо шероза гашта,
Хусусан ҳосилоти пахтазорон
Миёни одамон овоза гашта.

Дар ин ҷо мактаби нав, яслии нав
Дари худ вонамуда бо табассум.
Чароғон ҳар тараф афканда партав
Намоянд орзуҳоро таҷассум.

Ба ин дашт одам омад, об омад,
Ба ҷисми мурда гӯё ҷон даромад.
Замин дар ҳар қадам бар тоб омад,
Фаромад донаю хирман баромад.

Дар ин ҷо аввалин келин ва домод
Фақат як солакак аз ин муқаддам
Чу гулбоғи ҷавон оғӯш бикшод,
Асоси зиндагиро карда маҳкам.

Дар ин ҷо аввалин кӯдак зи модар
Парешаб, субҳдам омад ба дунё,
Барои ӯ ба ҳар як хонаю дар
Ҳамеҷӯянд ҳоло номи зебо.

Хулоса набзи ишқу зиндагонӣ
Дар ин ҷо мезанад доим мураттаб,
Ба туғён омада ҳисси ҷавонӣ
Диҳад тазъиқ Содиқро ҳама шаб.

Ана як сол шуд дар мактаби нав
Намояд кор пайваста Малоҳат,
Агар бинад варо Содиқ таку дав
Ҳамесозад чаро бо ин ҳарорат?

Санавбар агрономи боғдорӣ
Шуда, ин ҷо барои кор омад,
Ба маҷлисҳо паи ҳам чанд боре,
Барои баҳс бар минбар баромад.

Чаро ӯ менамояд гоҳе-гоҳе
Ба Содиқ як нигоҳи меҳр-ангез?
Дар ин дам нест гӯё сарпаноҳе,
Ки бигрезӣ зи теғи чашми хунрез.

Ана, дар пушти он тиреза бедор
Нишаста Содиқ аз нав мекунад фикр,
Намедонад чаро такрор-такрор
Ба дил номи Малоҳат мекунад зикр.

Чи бояд кард? Содиқ дар раҳи худ
Агар сад мушкил ояд, мекунад ҳал
Вале ҳар рӯз андар бегаҳи худ
Ба чӣ медорад ӯро зору маътал!

Шууру ақл мегӯянд бар вай
Кан уммедат тамоман аз Малоҳат,
Дил аммо чун суруди форами най
Малоҳатро ҳамесозад ҳимоят.

Канӣ, хонанда, акнун холисона
Ба Содиқ маслиҳат деҳ, то нависам.
Ба фикри рӯҳбахши оқилона
Ба мисли ташнагон ман ҳам ҳарисам.

Муҳаббат– боғи саҳрои умед аст,
Ки бо хуни дили кас мекунад гул.
Гаҳе чун шир роҳаш сап-сафед аст,
Сияҳ гоҳе ба мисли зулфу кокул.

Гузашт аз байн се сол аз ҳамон дам,
Ки ду дилдода бо ҳам роз гуфтанд.
Дар ин фурсат басе дар рӯи олам
Равон шуд обҳо, гулҳо, шукуфтанд.

Дуруст аст, ишқ пурзӯр аст, аммо
Ҳар он чи дорад аввал, дорад охир,
Аз он эҳсосҳои софу зебо
Бимонад то абад дар лавҳи хотир.

Муҳаббат ҳам ба мисли чор фасл аст,
Ки дорад навбаҳорону хазонрез.
Ҳамеша мевааш ҳиҷрону васл аст,
Ғаму шодист ӯро даст-овез.

Вале он кас ки боре дида бошад,
Риёзатхонаи ишқи ҳақиқӣ,
Дили ӯ беғашу болида борад,
Аз ӯ ҷӯ дӯстӣ, ёрӣ, рафиқӣ.

Биё, хонандаю ҷӯяндаи роз,
Ба назди Содиқ имшаб мо дароем.
Ба ӯ ҳамчун рафиқу ёри дамсоз
Нишаста як нафас гап-гап намоем.

**2**

Шаби хомӯши тобистон ба одам
Намояд ҳадя як завқу ҳаловат,
Ниҳолон баъди рӯ шустан ба шабнам,
Намоянд ихтиёри хоби роҳат.

Заминро ин, ки вай як рӯзи озод,
Зи гармӣ буд лабхушку арақшор
Насими шӯх акнун мекунад бод
Ба мисли дилбари маҳбуби ғамхор.

Ба гӯши сабзазорон оби шаффоф
Намояд шеърхонӣ аллагӯён,
Биёяд бар машом аз гирду атроф
Гаҳе бӯи хуш аз шафтолузорон.

Қадам оҳиста-оҳиста ниҳода
Малоҳат меравад аз кӯча танҳо,
Гузар созанд аз ёдаш давида
Аҷоиб лаҳзаҳо монанди кино.

Расад аз кимкуҷои дур ба гӯш
Суруди форами дилҳои ҷӯшон,
Варо аз нав шунида мезанад ҷӯш
Дили кас мисли дарёи хурӯшон.

Ба парвоз аст эҳсososoти ширин
Зи рӯи киштзорони шабона,
Хаёли дӯст пошад оби таскин,
Занад гар оташи ҳасрат забона.

Куҷо бошад, куҷо Содиқ дар ин дам,
Чи сон фикру хаёле дар сари ӯ?
Ба наздаш ҳаст оё ёри ҳамдам,
Ва ё ки мекашад танҳо тамоку?

Чаро то ҳол мегардад муҷаррад
Кадом андеша ӯро мекунад банд?
Ба кӣ дар оқибат дил месупорад,
Ниҳоли меҳри навро карда пайванд?

Агар ҳозир барояд аз сари роҳ,
Бигӯяд: дилбарам, ҷонам, Малоҳат,
Ба ҳар ҷо меравам ман бо ту ҳамроҳ,
Биё дастат бигирам, деҳ иҷозат!

Ва ногаҳ сахт бар оғӯш гирад,
Кунад эълон, ки бас акнун ҷудоӣ.
Малоҳат чун кунад ҳисси варо рад,
Чи сон ёбад аз ин ҳолат раҳоӣ?

Дар ин дам аз сари раҳ дур андак
Ду соя бар Малоҳат шуд намудор.
Ду ошиқ рост меистод, бе шак,
Ба чашмони хумору бахти бедор.

Ба як дидан Малоҳат зуд бишнохт,
Яке Содиқ дигар будӣ Санавбар.
Чи мешуд, гар нигаҳ он сӯ намесохт
Намешуд ин қадар якбора музтар…

Малоҳат сӯи хона раҳсипор аст,
Ду ҳолат дар вуҷудаш мекунад ҷанг:
Яке ҳисси аҷиби ифтихор аст,
Дигар бар шишаи дил мезанад санг.

Яке чун меҳри хоҳар бар бародар,
Кунад ин муждаро таҳсину табрик.
Дигар то забт созад рӯи ахтар
Чу абри тира меояд ба таҳрик.

Ба рӯи ҳуҷҷати ду дил навишта
Ҳаёт имшаб бимонд имзои худро.
Кушода гашт ин сон нӯги ришта,
Ки буд он пургиреҳ мисли муаммо.

Малоҳат гарчи бесаброна мехост,
Биёяд тезтар ин рӯзу соат,
Ки то келини навро рафта ӯ рост
Муборакбод созад бениҳоят.

Вале дар ин нафас аз ким-кучое,
Биомад рашку ӯро шуд гулӯгир.
Расида ногаҳон гӯё садое
Хаёли нозукашро кард таҳқир.

Аз ин чун дар сари фасли баҳорон,
Чакад оби зулол аз навдаи ток,
Зи чашмони Малоҳат гашт резон
Ду қатра ашк ногаҳ бар рухи хок.

Чу булбул то саҳаргаҳ монда бедор
Намебинад чи сон гул ғунча бикшод,
Чи тавр одам бигардад пас хабардор
Ба мӯи ӯ сафедӣ кай биафтод?

Аҷаб не, дар пагоҳии ҳамин шаб
Малоҳат бинад он тори сафедӣ.
Ки дар мӯи сиёҳаш, ғайри матлаб
Аз ин дам зарра-зарра медамидӣ.

Малоҳат дар лаби ҷӯе нишаста,
Лаби худро газида рӯй мешуст.
Аз оби сард гӯё ӯ дудаста
Тасаллобахш дармоне ҳамеҷуст.

Дар он ҷо Содиқ аммо бар Санавбар
Шуда маҳбут ҳоло чашм медӯхт,
Ба пеши навниҳоли тозаву тар
Даруни оташи шавқе ҳамесӯхт.

Дар ин шаб куртаи ранги гули себ
Ба рӯи субҳ, гӯё орамида,
Тани софи Санавбарро диҳад зеб,
Ки он бошад чу шири навдамида.

Ду чашмони сиёҳи мисли бодом
Тамоман бурда аз шабҳо сиёҳӣ,
Ду зулфаш то ба зону рафта чун дом
Кунад қасди шикори ширмоҳӣ.

Санавбар карда гӯё ғунчаро во
Суханро аз даҳони танг мерехт,
Хиҷолат аз анори сурх гӯё,
Шафақосо ба рӯяш ранг мерехт:

– Бубахшед, ин ки бо як ҳарфи беҷо
Шуморо як замон ранҷонда будам.
Зи рӯи гап-гапи бисёр, ҳатто
Қасамбишкаста, хоин хонда будам.

Ҳақиқат гашт чун оҳиста равшан,
Дилам шуд аз хиҷолат пора-пора.
Надорам рӯй акнун вақти дидан
Кунам бар рӯятон боре назора.

Дар ин се сол гарчанде ки хонда
Гирифтам ихтисоси агрономӣ,
Вале он нома бар ёдам бимонда,
Ки кардам бар шумо беэҳтиромӣ.

Ба шӯхӣ гуфт Содиқ: аз дилором
Чи хуш ширин шунидан узрхоҳӣ.
Хусусан боз дар шаб чун гули шом
Табассум резад аз лаб гоҳ-гоҳе.

Санавбар бо табассум кард лаб во:
– Чи ҳоҷат, боз дунёро кушодан,
Ба фикрам, беҳтараш дар давраи мо
Ба дунё номи нек аз худ ниҳодан.

Чи мешуд, дар ҳақиқат мо, ҷавонон,
Гирифта аз ҳаёти хеш илҳом,
Ба деҳа кӯчае созему бар он
Диҳемаш «Кӯчабоғи ошиқон» ном?

Дар он, бигзор, бошад ҳар ниҳоле
Зи меҳри ошиқон, сарсабзу хуррам.
Зи ду паҳлуи он оби зулоле
Бихонад созҳои шӯху форам.

Ба шодӣ гуфт Содиқ: аз дарахтон
Ҳамеша сабзи зебояш санавбар!
Санавбар гашта аз ин лутф хандон
Бигуфто: шояд аз он ҳаст беҳтар…

Баногаҳ дар фазои осмонӣ
Дар ин дам гашт паррон як ситора,
Валекин бар замин бо меҳрубонӣ
Ба ҳам наздик мешуд ду назора.

Насими атр-афшони сабукбор
Ниҳолонро гаҳе ҷунбонда мерафт,
Чу гул аз гул намояд бӯса такрор
Ба боғи дигаре вай монда мерафт…

**3**

Дар олам ҳаст баъзе рӯзҳое
Ба кас якбора сад ташвиш оранд.
Ки ҳар як ибтидо ё интиҳое
Ба ҳар як кору боре мегузоранд.

Ба он рӯзе ки Содиқ бо Санавбар
Барои ЗАГС тайёрӣ ҳамедид,
Баромад абру дар саҳро саросар
Яку якбора сели сахт борид.

Дар ин бегоҳӣ ногаҳ назди Содиқ,
Зи деҳа модараш кӯчида омад.
Бишуд дар ними шаб дарвоза тиқ-тиқ
Баромад Содиқу ғамгин даромад.

Ба модар гуфт: ҳозир Ҳодӣ саркор
Хабар омад дар айни ҳасби ҳоланд,
Маро пурсидаанд он кас ду-се бор.
Гирифта бар забон номам чу фарзанд.

– Писарҷон, зудтар рав – гуфт модар–
Ки ин дидорбинӣ охирин аст.
Ба одам аз тамоми ганҷу гавҳар,
Дар ин дам чизи қимматтар ҳамин аст.

Баромад Содиқ аз хона давида,
Равон шуд бо дили пурдарди сӯзон,
Ба чашмаш чарх мезад оби дида
Ки ҳоло шахси хубе меканад ҷон.

**4**

Чӣ мешуд чун қалам бар даст гирам,
Гаҳе шоир, гаҳе рассом бошам.
Агар ҳусне кунад моту асирам
Ба зери дасти ду илҳом бошам.

Нависам гаҳ суруди оламошӯб
Ба васфи фотеҳони ин биёбон,
Кашам гаҳ сурати саҳрои марғуб
Дар айёми баҳори файзборон.

Гаҳе бар васфи мардони забардаст
Дари ганҷи суханро боз созам.
Гаҳе аз бӯи гулҳо гашта сармаст
Ба коғаз ҳусн аксандоз созам.

Гаҳе туғёни дилҳои ҷавонро
Кашам бо шавқ андар риштаи назм,
Гаҳе дида замину осмонро
Ба тасвири ҳаёти нав кунам азм.

Чунин як орзу андар сари ман
Бигӯям рост, худ аз худ наомад,
Вай аввал вақти аз роҳе гузаштан,
Ба мисли раҳгузар ногаҳ баромад.

Гузаштам дӯш аз ин кӯчаи нав,
Ки чун созандагони худ ҷавон буд,
Ниҳолонаш ба ду паҳлуи раҳрав
Ба мисли сафкашида аскарон буд.

Ба монанди ду зулфонанд ду ҷӯ,
Зи фарқи сар варо то пой печон,
Аз онҳо оби софе аз ду паҳлу
Ба сӯи пеш мегардад шитобон.

Шавад ин кӯча сар аз ду чиноре,
Ки ҳар ду чун командири ҷавонанд
Ба ҳар як раҳгузар бо ифтихоре,
Гаҳе таъзим гӯё менамоянд.

Ба атрофи хиёбонҳои ин роҳ
Кашида панҷара гулҳои савсан,
Ки меояд насими шӯх ҳар гоҳ
Ба ин ҷо баҳри сайру гашт кардан.

Ба пушти кӯҳҳо чун хайргӯён,
Барои истироҳат меравад рӯз,
Ба ҳар як симчӯб инҷо чароғон,
Ҳамерахшанд чун ноки дилафрӯз.

Надорад кӯчаи нав ном ҳоло
Ҷавонон маслиҳат аз ҳар кӣ пурсанд,
Кадомин ном бошад хубу зебо
Ки ҳар кас з-он шавад, бешубҳа хурсанд?

Дар он вақте ки Содиқ даст дода
Гуселам менамудӣ вақти рафтан
Бипурсидам каме боз истода:
– Чӣ монам номи ин навкӯчаро ман?

Табассум карду гуфт ӯ: номмонӣ,
Набошад он қадар ҳам кори мушкил.
Вале номе бувад, к-он ҷовидонӣ
Ҷавон монад, ба дилҳо карда манзил.

Бидидам ман саҳаргоҳон Малоҳат
Равон буд аз ҳамин раҳ сӯи мактаб,
Ба ҳам дилдодагон созанд сӯҳбат
Дар ин ҷо раҳравон то нимаи шаб.

Кашида кӯдакон саф турнаосо
Гаҳе аз боғча бар сайр оянд.
Зи овози маҳини хеш онҳо
Тамоми гирду ҷониб пур намоянд.

Аз ин рӯ, бо тасаввур, гашта-гашта
Аз ин кӯча гузаштам мисли ошиқ,
Суханро хат зада, аз нав навишта,
Ҳамеҷустам ба вай номи мувофиқ.

Дар охир ҳарчи бодобод бар он
Ниҳодам «Кӯчабоғи ошиқон» ном.
Шавад шояд, ки мақбули рафиқон
Расад пас ин ҳикоят ҳам ба итмом.

***Январи с. 1960 – майи 1961***

# МУНДАРИҶА

ГУЛНАЗАР «Оварам шеъри Шукӯҳиро гувоҳ» ............... 3

ШЕЪРҲО ........................................................................ 7

ЧОРМАҒЗ (Дубайтиҳо) ................................................ 89

РУБОИҲО .......................................................................148

КӮЧАБОҒИ ОШИҚОН (Достон) .................................153

АМИНҶОН ШУКӮҲӢ

**БАРГҲОИ ТИЛЛОӢ**
(Маҷмӯаи ашъор)

Муҳаррири ороиш Ромиш Шералӣ
Муҳаррири саҳифабандӣ Меҳрӣ Саидова
Чопи компютерии Ҳабиба Ҷӯраева
Сафҳабандии компютерии Комрон Зарифов

Ба матбаа 05.06.2014 супорида шуд.
Чопаш 09.06.2014 ба имзо расид. Андозаи 60х84 1/16.
Ҷузъи чопӣ 13,5. Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018 Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев, 17 а.

Дар матбааи ҶДММ «Эр-граф» ба табъ расидааст.
734036, ш.Душанбе, кӯчаи Р.Набиев, 218.